Хушбахтона баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ бо кӯшишу талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соли 1997 дар иқтисодиёти миллӣ тамоюли ҷоннокшавӣ оғоз гардид. Дар натиҷа пастравии ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ боздошта шуда, тамоюл ба афзоиш оғоз ёфт. Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми ММД дар тӯли солҳои 1991-2018 дар расми 1 ифода ёфтааст.




***Расми 1.*** *Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои муқоисавии соли 2018).*

***Сарчашма:*** *Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2011. С. 196 – 200. Тоҷикистон дар рақамҳо, 2013. Душанбе, 2013. С. 19, 81. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2019. С. 199.*

Аз расми 1 маълум мегардад, ки дар натиҷаи амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ аз соли 1991 то соли 1996 тамоюли пастравии ҳаҷми ММД ба мушоҳида мерасад, аз соли 1997 то ин ҷониб бошад ҳаҷми ММД муттасил афзоиш меёбад. Боиси қайд аст, ки мувофиқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми ММД дар тӯли солҳои 1991-1996 бо суръати миёнасолаи 19,8% коҳиш ёфт ва ин пастравӣ танҳо дар соли 1997 боздошта шуд. Дар ин марҳила иқтисодиёти миллӣ бо чунин ҳодисаҳои бӯҳронӣ, ба монанди кам шудани ҷойҳои корӣ, афзоиши бекорӣ, вусъат гирифтани ҷараёнҳои таваррумӣ, афзоиши нобаробарии даромади аҳолӣ дучор шуда буд. Дар ин маврид таназзули (стагнатсияи) бахши истеҳсолот, номуайянӣ дар низоми пулӣ, пастшавии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Аломатҳои мазкур шаҳодат медоданд, ки иқтисодиёти миллӣ қобилияти босуръат ва самарабахш пойдор намудани иқтисоди бозориро надорад.

Бо баробари паси сар намудани чунин мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравии иқтисодӣ дастрас гардид. Пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ба шарофати ба даст овардани сулҳу субот баъд аз соли 1997 ба миён омад.

Дар натиҷа дар соли 2018 ҳаҷми ММД нисбат ба соли 1991 125,6%-ро ташкил кард. Ба афзоиши ҳаҷми ММД нигоҳ накарда, соли 2018 нишондиҳандаи мазкур ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба сатҳи соли 1991 нарасида буд. Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991 – 2018 дар расми 2 оварда шудааст.




***Расми 2.*** *Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон(бо нархҳои муқоисавии соли 2018).*

***Сарчашмаи ҳисоб:*** *Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2011. С. 196 – 200. Тоҷикистон дар рақамҳо, 2013. Душанбе, 2013. С. 19, 81. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2019. С. 199.*

Аз расми 2 маълум мегардад, ки новобаста аз паси сар намудани бӯҳрони трансформатсионӣ ва гузариш ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар мамламакат,

ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 1991 дар сатҳи 75,7% қарор дорад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон сатҳи ибтидоии ислоҳоти иқтисодӣ аз рӯи сифат то ҳол барқарор карда нашудааст.

Сабаби чунин вазъияти макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама, дар дигаргуншавии сохтори иқтисодиёти миллӣ ифода меёбад. Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ ғайрииндустриявишавии иқтисодиёти миллӣ ба миён омад. Дар ин бобат нишондиҳандаи сохтори шуғли аҳолӣ вобаста ба соҳаҳо шаҳодат медиҳад. Агар дар соли 1991 дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ 13% ва кишоварзӣ 44,7% аҳолии қобили меҳнат бо фаъолияти меҳнатӣ фаро гирифта шуда бошанд, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2018 мутаносибан 4% ва 66%-ро ташкил карданд.

Чунин тамоюл дар сохтори шуғли аҳолӣ таъсири худро ба маҳсулнокии меҳнат дар соҳаҳо ва умуман иқтисодиёти миллӣ расонид. Маълум аст, ки барои муайян намудани маҳсулнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисодӣ одатан истеҳсоли ҳаҷми ММД-ро барои ҳар як шахси машғули кор ҳисоб карда, барои соҳаҳо бошад ҳаҷми маҳсулоти соҳаро ба ҳар як шумораи омили меҳнат истифода мебаранд. Аз рӯи ин принсип дар ҷадвали 1 мо маҳсулнокии меҳнатро дар иқтисодиёти миллӣ ва дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ҳисоб намудем.

***Ҷадвали 1***

*Истеҳсоли ММД ба ҳар як шахси бо шуғл фаро гирифташуда ва маҳсулнокии меҳнат дар саноат ва соҳаи кишоварзӣ (бо нархҳои муқоисавӣ, бо сомонӣ)*

| **Нишондиҳанда** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| ММД ба ҳар шахси ба шахси бо шуғл фаро гирифташуда | 20137,2 | 21477,4 | 22739,0 | 23546,3 | 25128,7 | 26655,7 | 28377,6 |
| Маҳсулнокии меҳнат дар саноат | 133372,0 | 135164,6 | 143250,3 | 167072,9 | 200800,5 | 184177,3 | 212580,1 |
| Маҳсулнокии меҳнат дар кишоварзӣ | 12448,5 | 13339,3 | 13907,2 | 14148,8 | 14954,0 | 16762,8 | 17880,7 |
| Таносуби маҳсулнокии меҳнат дар саноат нисбат ба маҳсулнокии меҳнат дар кишоварзӣ | 10,7 | 10,1 | 10,3 | 11,8 | 13,4 | 11,0 | 11,9 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2019. С.84, 200, 205, 256*

Нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки дар ҷадвали боло ҳисоб карда шуданд, бори дигар ҳолатеро тасдиқ менамоянд, ки мувофиқи он меҳнат дар саноат нисбат ба меҳнат дар кишоварзӣ сермаҳсултар мебошад. Муқоисаи маҳсулнокии меҳнат дар ин ду соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки меҳнати дар саноат истифодашаванда нисбат ба меҳнати дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда зиёда аз 10 маротиба самараноктар мебошад. Сохтори аграрии шуғли аҳолӣ бешубҳа ба коҳишёбии маҳсулнокии меҳнат дар миқёси иқтисодиёти миллӣ сабаб шуда, ба саноатикунии кишвар таъсири манфӣ мерасонад ва дар натиҷа дар роҳи баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум монеа эҷод мекунад.

Ҳанӯз дар замони асосгузорони иқтисоди сиёсии классикӣ муқаррар шуда буд, ки меҳнат сарчашмаи боигарии ҷамъиятӣ буда, ҳамчун сарчашмаи тараққиёти иҷтимоӣ-

иқтисодӣ хизмат мекунад [1; с.38]. Меҳнат ҳамчун омили истеҳсолот якҷоя бо захираҳои табиӣ, энергетикӣ ва ашёи хом имкониятҳои калонро барои таъмини рушди иқтисодӣ фароҳам меоварад ва ҳамзамон қувваи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки аҳамияти захираҳои меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ ва мӯътадилгардонии макроиқтисодӣ бо нақши афзалиятноки он дар ноил гардидан ба мақсади асосии тараққиёти иқтисодӣ – баланд намудани некӯаҳволии аҳолӣ муайян карда мешавад. Баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷабахшии меҳнат танҳо дар ҳолати инкишофи ҳаматарафаи худи инсон ҳамчун ҳомили омили меҳнат, баланд бардоштани қобилиятҳо ва ташаббусҳои ӯ, тағйир додани муносибат ба меҳнат ва баланд бардоштани фаъолнокии меҳнатӣ таъмин шуда метавонад. Бинобар ин истифодаи фаъолонаи имкониятҳои дар захираҳои меҳнатӣ ниҳон буда, дар замони муосир ба сифати шарти зарурӣ ва асосии таъмини рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Ин омили таъминоти рушди босуботи иқтисодӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса касб мекунад, зеро тезутунд шудани вазъияти демографӣ ва афзоиши доимии иқтидори меҳнатӣ ҷой дорад, ки он бениҳоят ғайрисамарабахш истифода мешавад.

Мушкилоти ҷойдошта дар самти таъминоти захираҳои меҳнатии афзоишёбанда бо ҷойи корӣ, имкон медиҳад, ба чунин хулоса оем, ки афзоиши фавқуллодаи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ метавонад сабаби иловагии афзоиши шумораи бекорон гардида, боиси коҳиши сатҳи зиндагонии аҳолӣ шавад. Вобаста ба ин Ломакин В.К. дуруст қайд мекунад, ки "афзоиши босуръати аҳолӣ афзоиши пасандозҳо ва андӯхтро коҳиш дода, афзоиши қувваи кориро шиддат медиҳад ва истифодаи онро мураккаб мегардонад, сифати захираҳои меҳнатиро аз ҳисоби паст шудани хароҷот ба маориф ва тандурустӣ паст карда, навовариҳои техникиро коҳиш медиҳад, ҳаҷми захираҳоро барои як шахс кам менамояд ва дар натиҷа афзоиши ҳаҷми ММД-ро ба ҳар сари аҳолӣ коҳиш медиҳад"[2, с.238]. Дар ҳақиқат қонунияти афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар кишваре, ки ба иқтисодиёти он фаъолнокии пасти инвеститсионӣ ва коҳиши ҳаҷми истеҳсолот хос аст, дар роҳи таъмини рушди босуръати иқтисодӣ ва мӯътадилгардонии макроиқтисодӣ муаммои ҷиддӣ мегардад. Аз сабаби мавҷуд набудани ҷойҳои кории мувофиқ дар дохили кишвар, қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ рӯ ба муҳоҷират ниҳода, шумораи бекоронро зиёд менамояд. Мушкилоти истифодаи нопурраи захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон хислати доимӣ пайдо кардааст. Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда аз он шаҳодат медиҳад, ки бекорӣ дар давраи дуру дароз бекории музминро тавлид менамояд. Муаммои бекорӣ дар Тоҷикистон омили асосии тақвияти ноустувории вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ гардидааст. Ин мушкилот шакли оммавӣ пайдо карда, тамоми қишрҳои аҳолиро фаро гирифтааст. Бояд дар назар дошт, ки бекории афзоишёбанда на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ мушкилиҳои зиёдеро эҷод мекунад.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамаи шаклҳои бекорӣ нобаробарии даромадҳоро дар ҷамъият амиқтар намуда, ба ихтисори ҳаҷми ММД мусоидат менамояд.

Дар масъалаи шуғли аҳолӣ муҳимтаринаш нишондиҳандаҳои талафи рушди иқтисодӣ мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи ба миён омадани бекории сиклӣ бо он дучор шудааст. Дар адабиёти иқтисодӣ "Қонуни Оукен" хеле маъруф аст, ки мувофиқи он як фоиз зиёд шудани сатҳи воқеии бекорӣ аз сатҳи табиии он боиси 2,5% қафомонии ҳаҷми ММД мегардад. Бо ёрии қонуни мазкур бо истифода аз усулҳои математикӣ ақибмонии воқеии ҳаҷми ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳисоб намудан мумкин аст. Лекин дар ин ҷода як норасоӣ ба миён меояд: ҳангоми муайян намудани сатҳи бекорӣ мақомоти дахлдор танҳо шумораи бекорони расман бақайд гирифташударо ба ҳисоб мегиранд, ки он ба воқеъият

мутобиқат надорад. Дар тӯли солҳои истиқлолият сатҳи бекорӣ аз рӯи маълумоте, ки мақомоти дахлдор нашр мекунад, аз 3% зиёд нест. Чунин тавсифи сатҳи бекорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи воқеии бозори меҳнатро пурра инъикос намекунад.

Ба ақидаи олимони иқтисоддони ватанӣ сатҳи бекории воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 36-40% ташкил медиҳад [5, с.50]. Зимнан иқтисоддонони мазкур сатҳи муқаррарии бекориро дар сатҳи 9% қабул кардаанд [6, с.35]. Тавсифи дигари сатҳи бекорӣ дар тӯли солҳои ислоҳоти иқтисодӣ аз тарафи Ризоқулов Т.Р. пешниҳод шудааст. Ӯ ду марҳилаи тавсифи сатҳи бекориро ҷудо мекунад. Ба ақидаи Ризоқулов Т.Р. дар марҳилаи аввал (солҳои 1991-1996) сатҳи воқеии бекорӣ ба ҳисоби миёна 23,8%, дар марҳилаи дуюм бошад сатҳи воқеии бекорӣ ба ҳисоби миёна 32,9%-ро ташкил кардааст [7, с.28].

Ин нишондиҳандаҳои сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан дуруст мебошанд ва бекорӣ дар сатҳи 23,8-32,9% шароити воқеии вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро тавсиф менамояд.

Бояд қайд намуд, ки муайян намудани сатҳи бекории воқеӣ аз доираи тадқиқоти мо берун аст, бинобар ин мо нишондиҳандаи аз тарафи олимони ватанӣ пешкаш шударо ба эътибор мегирем.

Дар боло мо "қонуни Оукен"-ро зикр карда будем, ки алоқаи баръакси байни сатҳи бекорӣ ва ҳаҷми ММД-ро ифода мекунад. Мувофиқи амали ин қонун ҳама гуна афзоиши бекории сиклӣ ба коҳиши ҳаҷми воқеии ММД оварда мерасонад. Тибқи қонуни мазкур бо назардошти сатҳи табиии бекорӣ дар ҳаҷми 9% ва бо назардошти сатҳи бекории воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, талафи афзоиши ҳаҷми ММД-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудан мумкин аст. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи бекории воқеӣ аз сатҳи муқаррарӣ дар солҳои 1991-1996 14,8%, баъди соли 1997 бошад, сатҳи бекории сиклӣ аз сатҳи бекории муқаррарӣ аз 23,9% зиёд будааст. Бо назардошти хассосияти ҳаҷми ММД ба бекории сиклӣ дар сатҳи 2,5% ақибмонии имконпазири ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он дар давраи солҳои 1991-1996 37%, дар давраи солҳои 1997-2018 бошад, 59,75%-ро ташкил кардааст.

Нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи талафи ҳаҷми ММД, ки бо сатҳи воқеии бекории сиклӣ вобаста аст, собит месозад, ки ақибмонии ҳаҷми воқеии ММД дар муқоиса бо ҳаҷми эҳтимолии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст. Дар асл бошад, зарар аз бекории сиклӣ дар кишвар аз нишондиҳандаҳои мазкур зиёдтар мебошад, зеро аксарияти аҳолии қобили меҳнат аз сабаби наёфтани ҷои корӣ дар дохили кишвар маҷбур мешаванд ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд.

Ба ақидаи мо, барои таъмини устувории макроиқтисодӣ бо назардошти афзоиши босуръати захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсаднок ва афзалиятноки омили меҳнат нақши ҳалкунанда дорад. Дар ин бобат тақвияти мутаҳаррикии захираҳои меҳнатӣ, бозтақсими аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соҳаҳои нави маҳсулнокиашон баландтар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бо назардошти ҳадафҳои саноатикунонии босуръати кишвар аз соҳаи кишоварзӣ ба соҳаҳои саноат гузаронидани қисми муайяни захираҳои меҳнатӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин самт бо мақсади таҳкими устувории макроиқтисодӣ ва иштиғоли оқилонаи захираҳои меҳнатӣ афзоиши ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби навсозӣ ва таҷдиди сохтори корхонаҳои бекорхобида ва таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар оянда чунин тамоюли тараққиёти мамлакат самти индустриявӣ-аграрии онро муайян менамояд.

Имкониятҳои мавҷудаи соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарти истифодаи оқилона ва самараноки имкониятҳои инвеститсионии мавҷуда истифода шуда метавонанд.

Бо вуҷуди эҳтиёҷи хеле калон ба инвеститсияҳо барои таъмини рушди иқтисодӣ ва устувории макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол норасоии захираҳои инвеститсионӣ ба назар мерасад.

Таҳлили маводи оморӣ дар давраи амалигардонииислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки андӯхти умумӣ ҳамчун нишондиҳандаи пояи инвеститсионии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ тамоюли нобаробари тағйирёбӣ дорад. Ҳамзамон таҳлили муқоисавии андӯхти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо, имкон медиҳад хулоса барорем, ки кишвари мо аз рӯи меъёри он на танҳо аз кишварҳои ИДМ, балки аз мамлакатҳои Америкои Лотинӣ ва дигар кишварҳои тараққикардаистода қафо мондааст (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2***

*Андӯхти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои дунё (бо фоиз нисбат ба ММД)*

| **Кишварҳо ва минтақаҳои дунё** | **Солҳо** | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11,6 | 16,0 | 24,6 | 26,5 | 24,8 | 23,8 | 16,6 | 12,6 | 24,7 | 26,1 | 30,6 | 31,1 | 27,2 |
| КНИ Осиё | 26,1 | 26,4 | 26,1 | 27,7 | 23,4 | 26,2 | 26,7 | 26,8 | - | - | - | - | - |
| Мамлакатҳои тараққикарда-истода | 26,8 | 27,8 | 29,1 | 30,1 | 30,3 | 31,3 | 31,6 | 31,9 | - | - | - | - | - |
| Мамлакатҳои ИДМ | 21,2 | 23,0 | 26,7 | 25,2 | 19,0 | 21,7 | 24,9 | 25,9 | - | - | - | - | - |
| Мамлакатҳои Америкои Лотинӣ | 20,5 | 21,7 | 22,5 | 23,8 | 20,1 | 21,8 | 22,4 | 22,9 | - | - | - | - | - |

***Сарчашма:*** *Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори солона. - Душанбе, 2016. С. 209; Булатов А.С. Воздействие экспорта и импорта капитала на валовые накопления в Российской Федерации // Деньги и кредит. - 2011. - № 9. - С. 37-48; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – С.203.*

Муттасилии таъмини такрористеҳсоли васеъ амалигардонии чунин сиёсати иқтисодиро дар назар дорад, ки ҳангоми он таносубҳои байни истеъмолот ва андӯхт таъмин карда шуда, ба афзоиши истеъмолот ва андӯхт равона карда мешаванд.

Ба ақидаи кормандони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳалли ин масъалаҳо дар ҳолати баланд намудани самаранокии фонди истеъмолот ва фонди андӯхт имконпазир аст [3, с.55].

Норасоиҳои қайдшуда дар самаранокии истифодаи сарчашмаҳои инвеститсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо таъсисёбӣ ва фаъолияти бозори фондӣ алоқаманданд. Мавҷуд набудани бозори фондӣ дар мамлакат дар роҳи табдили пасандозҳо ба захираҳои инвеститсионии воқеӣ монеаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулию қарзӣ ба ҳайси воситаи ягонаи дастрасии табдили пасандозҳои аҳолӣ ба захираҳои инвеститсионии воқеӣ баромад мекунад.

Ҳамин тавр,таҳлили вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ва ба ин васила таъмини рушди иқтисодии

устувор ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи тағйири сохтор хусусияти ғайрисаноатӣ касб кардааст, ки дар бад шудани нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёт зоҳир мегардад;
- дар мамлакат сатҳи баланди бекории сиклӣ ба назар мерасад, ки солҳои охир характери доимӣ гирифтааст;
- аз сабаби сатҳи пасти маблағгузориҳои инвеститсионӣ ва номукаммал будани табдили пасандозҳо ба инвеститсияҳои воқеӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт норасоии воситаҳои гардон эҳсос мешавад;
- аз сабаби пойдор нагардидани инфрасохтори бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни молиягузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба воситаи бонкҳои сатҳи дуюм ва бозори коғазҳои қиматноки дуюминдараҷа бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гаштааст.
- Таҳлили эмпирикии вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини рушди иқтисодии босубот, оид ба зарурат ва афзалияти такомули сиёсати иқтисодиро собит месозад, ки он метавонад ба бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони давраи гузариш ва паст намудани хароҷоти ислоҳоти минбаъда мусоидат карда, пешравии макроиқтисодии дарозмуддатро дар василаи саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин намояд.

***Пайнавишт:***


1. *Булатов А.С. Воздействие экспорта и импорта капитала на валовые накопления в Российской Федерации // Деньги и кредит. № 9. - 2011. – С. 37-48.*
2. *Ломакин В.К. Мировая экономика. - М.: Финансы, Юнити, 1999. – 446 с. Модернизация народнохозяйственных пропорций в экономике Таджикистана //Отчет отдела экономической теории Института экономики и демографии АН РТ. – Душанбе, 2014. – 184 с.*
3. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019.-478с.*
4. *Рахимов Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе. – 2004.-№1.-С.-10-58.*
5. *Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003.- №1. С. 30-48.*
6. *Ризокулов Т.Р. Теоретико-методологические особенности преодоления стагфляционных процессов в трансформационной экономике (на примере Республики Таджикистан): автореф…дисс. д-ра экон. наук.- Душанбе,2009.-48 с.*
7. *Тоҷикистон дар рақамҳо, 2013. - Душанбе, 2013. – 128 с.*
8. *Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011.- 522 с.*


***Reference Literature:***


1. *Bulatov A.S. Impact of Export and Import of Capital over Gross Accumulation in Russian Federation // Money and Credit. – 2011, #9. – pp. 37-43.*
2. *Lomakin V.K. World Economy. – M.: Finances. Unity, 1999. – 446 pp.; Modernization of National Economic Proportions in the Economy of Tajikistan // Account of the Department of Economic Theory of TR AC Economics and Demography Institute. – Dushanbe, 2014. – 184 pp.; - p. 55.*

3. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2019. – 478 pp.*
4. *Rahimov R.K. Globalization and Economy Growth Problems in Tajikistan Republic // The Economy of Tajikistan: Strategy of Development. – Dushanbe, 2004, #1. – pp. 10 - 50.*
5. *Rahimov R.K. Certain Issues of Investing Economy Growth in Tajikistan Republic // The Economy of Tajikistan: Strategy of Development. 2003, #1. – pp. 30 - 48.*
6. *Rizokulov T.R. Theoretico-Methodological Peculiarities of Overcoming Stagflational Processes in Transformational Economy (on the example of Tajikistan Republic). – Synopsis of Doctoral dissertation in economics. – Dushanbe, 2009. – 48 pp*
7. *Tajikistan in Figures. – Dushanbe, 2013. – 128 pp.*
8. *Tajikistan: 20 Years of State Independence. Statistical Annual of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2011. – 522 pp.*

## 08 00 05 ЭКОНОМИКА И УПРАВЛЕНИЕ НАРОДНЫМ ХОЗЯЙСТВОМ (РЕГИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИКА)

## 08 00 05 ECONOMICS AND MANAGEMENT WITH NATIONAL ECONOMY (REGIONAL ECONOMY)

***УДК 336.7***
***ББК 65 – 561***

# *ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ АМАЛИШАВИИ ЛОИҲАҲОИ ИНВЕСТИТСИОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА*

***Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович,*** *д.и.и., профессори ДДҲБСТ;* ***Раҳимова Нигора Шарифҷоновна,*** *муаллими калони кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ*

***Бабаджанов Даврон Дадоджанович,*** *профессор ТГУПБП;* ***Рахимова Нигора Шарифджановна,*** *ст. преподаватель кафедры финансов и кредита ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# PERFECTION OF THE MECHANISM OF REALIZATION OF INVESTMENT PROJECTS IN THE REGIONAL ECONOMY

**Babadzhanov Davron Dadajohnovich,** *Dr. of economics, Professor of TSULBP;* **Rahimova Nigora Sharifdjanovna,** *senior lecturer of the department of finances and credit of TSULBP, (Tajikistan, Khujand),*
**E-MAIL:** *bobojonovd@rambler.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти минтақа, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, рушди минтақа, сиёсати инвеститсионӣ, механизми амалишавӣ, ҷозибанокии инвеститсионӣ, самаранокии мултипликатсионӣ*

*Самтҳои такмили механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақаи Суғд муайян карда шудаанд. Сиёсати сармоягузорӣ ва унсурҳои он ҳамчун омили муҳимми механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки дар такомули механизми амлигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ самаранокии мултипликатсионии лоиҳаҳои инвеститсионӣ аҳамияти хоса дорад. Дар самти такмили механизми амалигардонии лоиҳахои инвеститсионӣ ва ҳавасмандгардонии иштирокдорони ҷараёни инвеститсионӣ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, инвестиционный проект, региональное развитие, инвестиционная политика, механизм реализации, инвестиционная привлекательность, мультипликационный эффект*

*Анализируются проблемы совершенствования механизма реализации региональных инвестиционных проектов в Согдийской области Республики Таджикистан. В этом контексте исследуется инвестиционная политика и её элементы как основной фактор механизма реализации инвестиционных проектов в экономике региона. Отмечено, что в совершенствовании механизма реализации инвестиционных проектов особое место занимает мультипликационный эффект от инвестиционных проектов, и в этом направлении даются рекомендации по совершенствованию механизма реализации инвестиционных проектов и выполнения задачи стимулирования участников инвестиционного процесса.*

**Key-words:** *regional economy, investment project, regional development, investment policy, implementation mechanism, investment attractiveness, multiplied effect*

*The authors analyze the problems of perfection aimed at a mechanism of implementation of regional investitive projects in Sughd viloyat of Tajikistan Republic. In this context they explore an investitive policy and its elements as a principal factor referring to the mechanism in question bound to function in the economy of the region. It is underscored that in a perfection of this mechanism special place is occupied by a multiplied effect of investitive projects; so, following this direction the authors give recommendations on perfection targeted at the mechanism in question and at implementation of the goal which would stimulate the participants in investitive process.*

Татбиқи лоиҳаи инвеститсионӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа нақши муҳимро ишғол менамояд. Барои ҳамин дар нақшаҳо ва барномаҳои рушди минтақа ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ аҳамияти махсус зоҳир карда мешавад.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар ин раванд якчанд муаммоҳо ва омилҳо ҷой доранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ, пеш аз ҳама, аз сиёсати инвеститсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ баррасии самтҳои сиёсати сармоягузорӣ аҳамияти калон пайдо менамояд.

Дар шароити муосир сиёсати инвеститсионии минтақа бояд аз чунин унсурҳои муҳим таркиб ёфта бошад:

- *ташаккулёбии инфрасохтори бозори молиявӣ.* Таҳлили вазъи кунунии бозори молиявӣ дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар самти инкишофёбии он якчанд омилҳо ҷой доранд. Дар натиҷаи таъсири манфии ин омилҳо таркиби бозори молиявӣ пурра намегардад.

Дар минтақа бозори қоғазҳои қимматнок қариб, ки фаъолият намекунад. Ин гуна вазъият мавҷуд набудани рақобатро дар бозори қарзӣ исбот мекунад. Бевосита дар ҷараёни сармоягузорӣ низ ин омил ба механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъсири худро расонида, боиси паст шудани самаранокии онҳо гардидааст.

Унсурҳои муҳимми инфрасохтори бозори молиявӣ чун биржаи фондӣ, низоми ахбори ягона дар самти муносибатҳои молиявию қарзӣ, фондҳои инвеститсионӣ дар минтақа дар сатҳи хеле паст қарор дошта, дар татбиқи лоиҳа аз ҷониби инвесторони дохилию берунӣ монеа шуда истодааст.

Албатта, ин масъала бояд дарояндаи наздик ҳалли худро ёбад, зеро аз ин унсурҳои бозори молиявӣ муносибатҳои молиявию қарзии субъектони бозори инвеститсионӣ вобаста мебошад;

- *асосноккунии роҳҳои оптималии татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ.* Асосноккунии иқтисодию техникии лоиҳаҳои инвеститсионӣ яке аз шартҳои муҳимми ҷараёни сармоягузорӣ мебошад. Барои амалӣ намудани ин фаъолият бояд ҳисобу китобҳои мутобиқ аз рӯи усулҳои маъмули баҳодиҳии лоиҳаҳои инвеститсионӣ гузаронида шавад.

Бо ёрии амалӣ намудани ҳисобу китобҳои коэффитсиентию дисконтӣ ҳуҷҷате омода мегардад, ки дар он хулосаи таҳлили лоиҳаи инвеститсионӣ оварда мешавад ва ин ҳуҷҷатро дар таҷрибаи муҳосибӣ асоси иқтисодию техникии лоиҳа меноманд. Тавре муҳаққиқ Муҳамедова Г. таъкид менамояд, асоси иқтисодию техникии лоиҳа бояд доир ба лоиҳаи инвеститсионӣ маълумоти пурра дошта бошад, зеро дар заминаи он қарори сармоягузорӣ қабул карда мешавад. Инчунин, дар он ба мақсад мувофиқ будан ё набудани сармоягузорӣ, сатҳи хавфу хатар, даромаднокии он, фарқи он нисбат ба амалиётҳои қарзии

бонкҳо ва қоғазҳои қимматнок оварда мешавад[1]. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама вақт ин қоидаҳо риоя карда мешаванд, хусусан, дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омӯзиши механизми маблағгузорӣ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи вилояти Суғд собит месозад, ки лоиҳаҳои инвеститсионӣ намоиш дода мешаванд ва дар умум сатҳи даромаднокии онҳо аз рӯи нақша эълон мегардад. Аммо таҳлилҳои муқоисавӣ дар бобати амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии дигар, ё ин ки нисбати бозори қарзӣ ва қоғазҳои қимматнок гузаронида намешавад. Ин бошад, самаранок будани лоиҳаи инвеститсиониро ба пуррагӣ исбот намекунад, ки яке аз омили манфии асосноккунии иқтисодии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба шумор меравад;

- *таъмини кафолати сармоягузорӣ дар минтақа.* Ин самти сиёсати сармоягузории минтақа бо роҳи коркарди олоти хоси танзим ва татбиқи чараёни инвеститсионӣ чараён мегирад. Дар ин самт минтақа бояд чораҳо андешад, ки барои сармоягузорони дохилӣ ва берунӣ кафолати баргаштани маблағҳои гузошташударо диҳад.

Бояд қайд намуд, ки таъмини кафолати сармоягузорӣ дар минтақа бо ҷаззобияти инвеститсионии он вобастагии калон дорад. Ҷаззобияти инвеститсионӣ бошад, дар навбати худ, бо омилҳои худ маълум аст. Мехостем баъзеи онҳоро боз як бор қайд намоем. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Маколов В.И., меъёри муҳимми ҷаззобияти инвеститсионии минтақа мавҷуд будани мутахассисони баландихтисос ва кормандони дурусткор мебошад [2, с. 23]. Мо бо ақидаи муаллиф пурра розӣ мебошем, зеро ин омил дар ҷараёни таҳлили фаъолияти сармоягузории минтақа бешубҳа ба назар гирифта мешавад. Таҳлили Маколов В.И. нишон медиҳад, ки дар он минтақаҳое, ки ҳиссаи мутахассисони баландихтисос ва кормандони меҳнатдӯсту покви҆ҷдон зиёд аст, дар он ҷо фаъолнокии сармоягузорӣ хеле баланд аст (масалан, дар минтақаҳои кишварҳои Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Олмон, Ветнам, Мексика).

Таҳлили мо дар ин самт нишон медиҳад, ки дар миқёси минтақаи Суғд дар самти мавҷудияти мутахассисони баландихтисос норасоӣ мушоҳида мегардад. Мутахассисони баландихтисос маъмулан ба ҷараёни муҳоҷирот ворид мешаванд, яъне, онҳо ба он минтақаҳо ё давлатҳое, ки дар он ҷо сатҳи зиндагӣ баланд аст, мераванд. Хусусан, дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар минтақа, мутахасисон ё ба самти пойтахт муҳоҷир мешавад, ё ин ки тамоман аз мамлакат берун мераванд.

Яке аз меъёри муҳимми ҷаззобияти инвеститсионии минтақа мавҷудияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ аст, ки дар он ҷо меъёри имтиёзноки сармоягузорӣ таъмин мешавад. Аз таҳлили муҳаққиқи ватанӣ Бобоев Ҳ.С. бармеояд, ки дар самти фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии Суғд якчанд муаммоҳо ҷой доранд ва онҳо бевосита ба фаъолнокии инвеститсионии минтақа таъсири худро мерасонанд [3, с. 24]. Дар ҳақиқат, мавҷудияти монеаҳо дар самти инфрасохтори истеҳсолӣ, татбиқи низоми андозбандӣ, тақсимоти мол ва механизми ташкили фаъолияти истеҳсолӣ то ҳол самаранокии фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии Суғдро таъмин накарда истодааст.

Аз муаммоҳои ҷойдошта дар самти рушди фаъолияти инвеститсионии минтақа бармеояд, ки имрӯзҳо зарурати такмили сиёсати инвеститсионии минтақа, хусусан, такомули механизми татбиқ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ба мо зарур аст, ки ин самтҳоро баррасӣ ва роҳҳои татбиқи онҳоро муайян намоем бароем.

Такомули механизми татбиқи лоиҳаҳои инвеститсиониро дар якчанд самт мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳоро дар намуди схема нишон медиҳем (расми 1)[1].

Яке аз шарти муҳимми рушди фаъолияти инвеститсионӣ ҷараёни ташкил ва идоракунии он

[1] Сарчашма: аз тарафи муаллифон таҳия шудааст

мебошад. Ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ маҳз бо таҳия, татбиқ ва амаликунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷараён мегирад. Барои ҳамин ҳам, такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа ба мадди аввал гузошта мешавад.

Ҷараёни ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ ба ҳайси яке аз низомҳои васеи иқтисодиёти минтақа баромад менамояд. Дар ин низом ниҳодҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақа фаъолона иштирок намуда, мақсаднокии маблағгузориҳоро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ асоснок мекунанд

Масъалаи ташкил ва идоракунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа бояд ба присипҳои иқтисоди бозорӣ асос ёбад. Новобаста аз он ки дар мамлакат гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба итмом мерасад, дар самти сармоягузорӣ ва молиякунонии соҳаҳои иқтисодиёт баъзан олоти маъмурию фармонфармоӣ истифода мегардад. Ин бошад, самаранокии амалишавии лоиҳаҳои инвеститсиониро паст намуда, бевосита ба коҳиш ёфтани ҳавасмандии инвесторон оварда мерасонад.




***Расми 1.*** *Самтҳои асосии такмили механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа*

Гуфтаҳои боло дар сатҳи паст қарор доштани дастгирии давлатии ҷараёни инвеститсиониро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки минбаъд дар миқёси вилояти Суғд дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ баланд бардошта шавад ва он ба туфайли татбиқи чунин принсипҳо ба роҳ монда мешавад:

- муқаррар намудани тартиботи махсус дар таҳлил ва интихоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва маблағгузории онҳо;

- коркарди механизми қадам ба қадам амалишавии лоиҳаҳо ва ҳатман илова шудани хуҷҷати махсуси замимавӣ ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки схемаи маблағгузориҳо ва тақсимоти натиҷаи молиявиро инъикос менамоянд;

- ҷорӣ намудани низоми мониторинги лоиҳаҳои инвеститсионии татбиқшаванда бо мақсади маблағгузории минбаъдаи онҳо.

Дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ, хусусан, дар вақти ҷудо шудани маблағҳо барои амалишавии лоиҳаи инвеститсионии муайян баръало намоён мегардад. Дар ин самт қайд кардан зарур аст, ки давлат ҳангоми татбиқи лоиҳаи инвеститсионии аз буҷет маблағгузоршаванда бояд ба бахши хусусӣ намуна бошад.

Дар шароити татбиқи ҳадафи чаҳоруми иқтисодиёти миллӣ- татбиқи саноатикунонии босуръат – дар фаъолияти мақомоти давлатии маҳаллӣ ташаккули фазои мусоиди инвеститсионӣ мавқеи хоса пайдо менамояд. Бо баробари ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки ҷараёни инвеститсионӣ ва рушди инноватсияҳоро таъмин карда тавонад. Сухан дар бораи татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии инноватсионӣ меравад. Айнан татбиқ ва амалишавии ин гуна лоиҳаҳои инвеститсионӣ бевосита ба рушди баланди иқтисодиву иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ ба минтақа самараи мултипликатсиониро таъмин менамояд. Албатта, сармоягузорӣ яке аз унсури муҳимми ҷараёни такрористеҳсол аст, аммо таъмини мултипликатсия дар шароити муосири татбиқшавӣ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ каме масъалаи мушкил аст, зеро дар механизми он камбудиҳо ва омилҳои манфии зиёд мавҷуд аст.

Ба фикри мо, самараи мултипликатсиониро бо амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионии иҷтимоию иқтисодӣ таъмин кардан мумкин аст. Яъне, дар айни ҳол лоиҳаҳои инвеститсионии ҳаҷман калони иҷтимоӣ ҷой доранд, (қисми онҳо аллакай амалӣ шуда истодаанд), ки амалишавии онҳо бевосита самараи мултипликатсиониро таъмин хоҳад намуд.

Механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки ба гирифтани самараи мултипликатсионӣ оварда мерасонанд, дар расми 2[2] дидан мумкин аст (расми 2.).




***Расми 2.*** *Самараи мултипликатсионии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа*

[2] Сарчашма: аз тарафи муаллифон таҳия шудааст

Аз механизми пешниҳодшудаи мо бармеояд, ки яке аз вазифаи ояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд бояд барои ҳалли вазифаи калидӣ дар самти сиёсати инвеститсионӣ, яъне, ташаккулдиҳии сохтори самараноки фаъолияти инвеститсионӣ равона карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки лоиҳаҳо ва барномаҳои инвеститсионии ҳаётан муҳим дар самти рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа татбиқ карда шаванд ва дар натиҷа самараи мултипликатсионӣ дар самти амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъмин гардад.

Дар самти такмили механизми таъминоти инвеститсионии лоиҳаҳо ва таъмини ҳавасмандии иштирокдорони ҷараёни инвеститсионӣ низ якчанд вазифаҳоро ҳаллу фасл намудан зарур аст. Якум, мувофиқи ақидаҳои олими рус Бетин А.В. дар ин самт, пеш аз ҳама, сафарбаркунии воситаҳои худии корхонаю ташкилотҳоро таъмин намудан зарур аст, ки чунин мебошад[4, с. 116]:

- баландбардории самаранокии истифодаи воситаҳои худии корхонаю ташкилотҳо, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ равона мегарданд (фоидаи соф, фонди истеҳлок ва фонди андӯхти онҳо);
- ҷорӣ намудани низоми буҷетикунонӣ ва дигар технологияҳои беҳтаргардонии мафкураи молиявии субъектони иқтисодӣ. Ин амалҳо, пеш аз ҳама, барои паст намудани сатҳи коррупсия дар самти фаъолияти инвеститсионӣ равона карда мешаванд.

Дуюм, фаъолгардонии истифодаи имкониятҳои ҷалби сармоя тавассути бозори қоғазҳои қимматноки дохилӣ ва хориҷӣ. Аммо дар ин самт мавҷуд набудани сатҳи дуюми бозори қоғазҳои қимматнок дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон монеаҳоро пайдо менамояд. Зарур аст, ки минбаъд айнан ба ташаккулёбии пурраи бозори қоғазҳои қимматнок дар мамлакат ва минтақа аҳамияти хоса зоҳир карда шавад, зеро мавҷудияти ин сегменти бозори молиявӣ барои субъектони иқтисодӣ имкониятҳои иловагии молиявиро таъмин менамояд ва мувофиқан самаранокии фаъолияти онҳо боло меравад.

Сеюм, таъмини самаранокии истифодаи захираҳои молиявии минтақа. Дар ин самт зарур аст, ки механизмҳои махсуси татбиқ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ истифода шаванд, то ки захираҳои молиявии мавҷуда самаранок истифода гарданд. Дар ин ҷо, асосноккунии муҳаққиқи ватанӣ Исвалиев С.Ҷ. дар доираи боҳамтаъсирӣ ва бо ҳам алоқамандии сармоягузории субъектони иқтисодӣ тавассути механизми кластерии ташкили истеҳсолот қобили қабул аст[5, с. 12]. Дар ҳақиқат, дар ҳолати ташкили истеҳсолот тариқи механизми кластерӣ бо бо ҳам маблағгузории субъектони кластер дар доираи он, истифодаи самараноки захираҳои молиявии онҳоро таъмин менамояд.

Чаҳорум, дар шароити нокифоягии захираҳои молиявии дохилӣ бояд механизми ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ такмил дода шавад. Ба фикри мо, бештар ба воситаҳои қарзие, ки аз ҷониби муассисаҳои молиявии Ғарб пешкаш мегардад, аҳамияти муҳим зоҳир намудан лозим аст, зеро онҳо шарти қулайи қарзҳоро пешкаш кунанд.

Инчунин, дар ин самт истифодаи таҷрибаи бонкҳои исломӣ низ муҳим аст. Амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ тариқи низоми бонки исломӣ, аз як тараф, хавфи молиявии лоиҳаро паст менамояд, аз тарафи дигар бошад, имконияти таъмини ҳавасмандии тамоми иштирокдорони ҷараёни инвеститсиониро медиҳад.

Панҷум, бояд, ки дар сатҳи минтақа низоми идорасозии хавфҳои молиявию инвеститсионӣ ташаккул дода шавад. Ин бошад, дар навбати худ ҳалли чунин вазифаҳоро талаб менамояд:

- ташаккул додани фонди захиравии минтақа бо ҷалби фондҳои захиравии корхонаю ташкилотҳо;

- васеъ намудани усулҳои идорасозии хавфҳои инвеститсионӣ;
- такмили механизми таъмини кафолати сармоягузорӣ.

Ҳалли ин вазифаҳо дар навбати худ дар сатҳи минтақа имконияти ташаккули механизми суғуртаи лоиҳаҳои инвеститсиониро медиҳад, ки яке аз шарти муҳими рушди фаъолияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии он дар минтақа мебошад.

Вазъи ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти минтақа яке аз омилҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ба самаранокии амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъсири худро мерасонад. Яке аз принсипҳои сармоягузорӣ низ бо мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ дар самти ташкили фаъолияти хоҷагидорию истеҳсолӣ баромад менамояд. Тавре ки муҳаққиқон қайд менамоянд, ҷобаҷогузории оптималии қувваҳои истеҳсолӣ дар минтақа асоси сиёсати инвеститсионии онро ташкил медиҳад, инчунин, ин омил ба дараҷа ва таносубҳои ҷараёни такрористеҳсол, истифодаи бошиддати (интенсивии) захираҳои иқтисодӣ дар минтақа таъсири мусбат мерасонад [6, с. 151]. Аз ин рӯ, дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳои алоҳида бояд ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти минтақа яке аз вазифаҳои иқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Барои расидан ба сатҳи оптималии ҷобаҷогузории қувваҳои ичстеҳсолӣ дар минтақаҳо бояд инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва бозорӣ инкишоф ёфта бошад. Таҳлил дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Суғд нишон дод, ки дар баъзе минтақаҳое, ки инфрасохтор дар сатҳи паст қарор дорад (ноҳияҳои Ашт, Зафарабод, Шаҳристон, Айнӣ) фаъолнокии сармоягузорӣ низ хеле суст мебошад. Вобаста дар самти ташаккули инфрасохтор зарурати амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба мадди аввал гузошта мешавад.

Мувофиқи барномаҳои давлатии рушд дар ин гуна минтақаҳо, умуман, дар сатҳи вилояти Суғд, аллакай, якчанд лоиҳаҳои инвеститсионии бузург амалӣ карда шудааст. Аммо, то ҳол сатҳи рушди инфрасохтор барои ҷобаҷогузории оптималии қувваҳои истеҳсокунанда кофӣ нест. Мавҷудияти миқдори зиёди захираҳои меҳнатӣ, ашёи хом дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Суғд ташаккулёбии бештари инфрасохтори истеҳсолӣ, дар ин замина бунёди корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ, соҳаҳои хизматрасонандаи онҳоро талаб менамояд. Дар ин ҳолат, якчанд муаммоҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақа ҳалли худро меёбанд, ки бо амалишавии ҳадафи чоруми иқтисодиёти миллӣ вобаста мебошад.

Дар самти баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, инчунин, дар паст намудани хавфҳои молиявӣ дар ҷараёни амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ аҳамияти муҳимро татбиқи механизми маблағгузории шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дорад. Ҳамкории давлатию хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии венчурӣ аҳамияти калон дорад, зеро, аз як тараф, давлат дар асоси қонунҳои амалкунанда кафолат медиҳад, дар ҳолати ба вуҷуд омадани касодии лоиҳа, маблағҳои сафарбаршудаи бахши хусусӣ баргардонида мешавад. Аз тарафи дигар, дар ҳолати амалишавии бомувоффақияти лоиҳаи инвеститсионӣ, ҳам давлат ва ҳам бахши хусусӣ ба натиҷаҳои бузург ноил мегарданд.

Ҳамин тавр, дар хулоса чунин масъалаҳоро махсусан қайд намудан лозим аст:

Дар доираи ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар вилояти Суғд, инчунин, дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа якчанд муаммоҳо ҷой доранд, ки такмили худро талаб менамоянд. Мо самтҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсиониро бо ҳал намудани чунин масъалаҳо пешниҳод менамоем:

- такмили механизми дастгирии давлатии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки бевосита барои фаъолгардонии инвеститсионӣ дар минтақа равона карда мешавад. Дар доираи ин, аз

ҷониби мо, махсусан, таъмини самараи мултипликатсионӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ асоснок карда шуд, ки мувофиқи он намояндагии мақомоти иҷроияӣ ҳокимияти давлатӣ бояд дар самти сармоягузорӣ ҳамчун тарафи ҳаммаблағгузор иштирок намуда, барои ташаккули фазои солими инвеститсионӣ тамоми чораҳои зарурирo амалӣ намояд. Самараи мултипликатсионие, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои махсусан калон ноил мегардад, ба самаранокии тамоми агентҳои иқтисодӣ таъсири худро мерасонад;

- дар самти идорасозии хафҳои инвеститсионӣ бояд ниҳоди махсуси он дар сатҳи вилоят ташаккул дода шавад. Вазифаҳои асосии ин мақомот бояд аз инҳо иборат бошад:

- сиёсати устуворсозии инвеститсиониро дар минтақа амалӣ намояд;
- захираҳои молиявии вилоятро ҳамоҳанг намуда, истифодашавии мақсадноки онҳоро дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ назорат намояд;
- меъёрҳои интихоби лоиҳаҳои инвеститсиониро дар сатҳи вилоят муқаррар намуда, лоиҳаҳоро аз рӯи муҳимияташон барои дастгирии давлатӣ пешниҳод намояд;
- мурочати инвесторони ватанӣ ва хориҷиро дар асоси қонунгузории амалкунанда ҳаллу фасл намояд, дар холати ба вуҷуд омадани қонуншиканиҳо дар ин самт барои музоҷот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дархост ирсол намояд.

Инчунин, омӯзишҳо дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ нишон доданд, ки ба самаранокии амалишавии онҳо сатҳи баланди коррупсия таъсири худро мерасонад. Барои пешгирӣ ва аз байн рафтани коррупсия, назорати механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсиониро на танҳо тариқи мақомоти давлатии назорати молиявӣ, балки тавассути механизми аудит ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Ин механизм, хусусан, дар ҳолати маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз ҷониби ШДБХ муҳим мебошад, зеро дар ин механизм бахши хусусӣ кӯшиш менамояд, ки самараи баландро ба даст дарорад ва азхудкунии маблағҳои лоиҳа аз ҷониби шахсони масъули мақомотҳои давлатӣ аз байн рафта бошад. Бо ибораи дигар, татбиқи механизми амалишавии лоиҳаҳо тавассути ШДБХ паст шудани сатҳи коррупсияро таъмин менамояд, ки ин яке аз омили муҳими рушди фаъолияти инвеститсионӣ на танҳо дар сатҳи минтақа, балки дар сатҳи мамлакат баромад менамояд.

***Пайнавишт.***


1. *Мухаммедова Г.А. Экономическое обоснование инвестиционных проектов в АПК // Актуальные проблемы современной науки. –2006. - №3 / http://naukarus.com/ekonomicheskoe-obosnovanie-investitsionnyh-proektov-v-apk (санаи мурочиат: 12.09.2020).*
2. *Маколов В.И. Доминанты инвестиционной политики региона в посткрисизный период // Экономический анализ: теория и практика.-2010. - №36 (201). – С.19-24.*
3. *Бабаев Х.С. Свободные экономические зоны в системе факторов развития интеграционных процессов в национальной экономике Республики Таджикистан: автореф. дисс. канд.экон.наук. - Худжанд, 2015. – 24 с.*
4. *Бетин О.И. Некоторые аспекты региональной социально-экономической политики // Федеративные отношения и региональная социально-экономическая политика.-2003.- № 1. – С. 109-117.*
5. *Исвалиев С.Д. Формирование аграрных кластеров как основа активизации инвестиционной деятельности региона (на материалах Республики Таджикистан): автор. дисс. канд.экон.наук. - Душанбе, 2017. – 24 с.*
6. *Смирнова Л.Н. Размещение производительных сил в регионе с учетом экологических факторов // Записки горного университета. Т.167.Часть 1. – С. 150-152.*

***Reference Literature***


1. *Mukhammedova G.A. Economic Substantiation of Investitive Projects in AIC // Actual Problems of Modern Science, 2006, No. 3 / http://naukarus.com/ekonomicheskoe-obosnovanie-investitsionnyh-proektov-v-apk (Date of request: 12.09.2020).*
2. *Makolov V.I. Dominants of Investitive Policy of the Region in the Post-Crisis Period // Economic Policy: Theory and Practice. 2010, No. 36 (201). - pp. 23. (pp. 19-24)*
3. *Babaev Kh.S. Free Economy Zones in the System of the Development of Integrational Processes in the National Economy of Tajikistan Republic. Synopsis of candidate dissertation in economics. - Khujand, 2015. - 24 pp.*
4. *Betin O.I. Some Aspects of Regional Socio-Economic Policy // Federative Relations and Regional Socio-Economic Policy. 2003. No. 1. - pp. 109 – 117.*
5. *Isvaliyev S.D. Formation of Agrarian Clusters as a Ground of Enhancing Investitive Activity in the Region (on the materials of Tajikistan Republic). Synopsis of candidate dissertation in economics. - Dushanbe, 2017. -p. 12. (24 pp.)*
6. *Smirnova L.N. Location of Productive Forces in the Region with Environmental Factors Being Taken into Account // Scientific Notes of Mining University, - V. 167, Part 1. - pp. 150 – 152.*

*УДК 336.7*
*ББК 65.262.10*

# *ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ДУРНАМОИ РУШД ВА БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ ОНҲО*

***Ғаюров Ғайрат Ҳакимович***, *н.и.и., муаллими калони кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллииТоҷикистон. (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *БАНКОВСКИЕ УСЛУГИ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ, ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ И ПОВЫШЕНИЯ ИХ КАЧЕСТВА*

***Гаюров Гайрат Хакимович***, *канд. экон. наук, ст. преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. (Таджикистан, Душанбе)*

# *BANKING SERVICES: THEORETICAL ASPECTS, DEVELOPMENT PROSPECTS AND IMPROVING OF THEIR QUALITY*

***Gayurov Gayrat Khakimovich***, *candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of banking under the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-MAIL:*** *gayrat-gayurov@mail.ru.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *бонкҳо, низоми бонкӣ, хазматрасониҳои бонкӣ, маҳсулоти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, менеҷменти бонкӣ, сифати хизматрасониҳо, сармояи бонкӣ, амалиёти бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ*

*Паҳлуҳои мубрами хизматрасониҳои бонкӣ ва роҳҳои баландбардории сифати онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Масоили назариявӣ ва амалии баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва такмили механизмҳои он таҳқиқ шуда, роҳҳои дурусти пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллиф ба ҷанбаҳои бисёрсамтаи хизмарасониҳои бонкӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мушкилиҳои ҷойдошта ҳангоми пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ сифати пешниҳоди хизматрасониҳо яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ дар фаъолияти бонкҳо буда, дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо аз ин сахт вобаста мебошад. Ҳамчунин, ба омилҳои таъсиррасон ва боздорандаи рушду такмили хизматрасониҳои бонкӣ диққати махсус дода, ин омилҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил шудаанд. Қайд гардидааст, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд ба суръати хизматрасониҳои бонкӣ ва сифати онҳо таъсири амиқ дошта бошанд. Омилҳо ба таври дақиқ таҳқиқ шуда, роҳҳои рафъи онҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, фаъолияти самараноки бонкҳо дар бозори бонкӣ ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши дақиқ ва таҳлили ҳамаҷониба, ҷиҳати баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо, як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки метавонанд дар он муҳити мусоид фароҳам оранд.*

***Ключевые слова:*** *банки, банковская система, банковские продукты, кредитные организации, банковский менеджмент, качество банковских услуг, банковский капитал, банковские операции, дистанционные банковские услуги*

*Обсуждаются и анализируются ключевые аспекты банковских услуг и способы повышения их качества в современных экономических условиях. Исследованы теоретические и практические аспекты повышения качества банковских услуг и совершенствования их механизма, а также проанализированы основные способы предоставления банковских продуктов в современных условиях. Основное внимание направлено на многогранные аспекты банковских услуг, исследуются проблемы предоставления банковских продуктов и услуг в Республике Таджикистан. Обосновано, что в современных экономических условиях качество оказания услуг является одним из ключевых показателей деятельности банков и от этого зависит уровень их эффективности. Также уделено особое внимание факторам, влияющим и препятствующим развитию и совершенствованию банковских услуг, эти факторы классифицируются и анализируются. Было отмечено, что в банковской системе Республики Таджикистан существует множество факторов, которые могут оказывать сильное влияние на скорость и качество предоставления банковских услуг. Подробно рассматриваются существующие препятствия и обсуждаются пути их преодоления. Кроме того, изучена эффективность работы банковского рынка и порядок предоставления дистанционных банковских услуг в Таджикистане. На основе тщательного изучения и всестороннего анализа предложен ряд рекомендаций по повышению качества банковских услуг в банковской системе Республики Таджикистан и перспективы их развития, что позволяет создать в ней благоприятную среду.*

**Key words:** *banks, banking system, banking products, credit institutions, banking management, quality of banking services, banking capital, banking operations, remote banking services at a distance*

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) нишондиҳандаи ҷамъбастие мебошад, ки таъсири омилҳои институтсионалиро ба натиҷаҳои иқтисодиёт тавсиф мекунад ва барои арзёбии сатҳи рушди иқтисодӣ ва суръати афзоиши иқтисодӣ истифода мешавад. Қимати миёнаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ имкон медиҳад таъсири намудҳои гуногуни институтҳо ба рушди иқтисодиёт арзёбӣ карда шавад.

Аз рӯи ҳисобкуниҳо, ки дар ҷадвали 1. нишон дода шудаанд, возеҳ аст, ки қимати МММ ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд дар давраи солҳои 2013-2018 динамикаи мусбат дорад ва дар соли 2018 – 6904 сомониро ташкил кард, ки аз соли 2013 59% бештар аст. Дар ҳамин муддат МММ умумӣ ба ҳар сари аҳолии ҷумҳурӣ 50% зиёд шудааст. Суръати пешгузарандаи афзоиши МММ ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд имкон дод, соли 2016 ба қиматҳои миёнаи МММ иқтисодиёти миллӣ расида гирифта, дар се соли охир ин мавқеъ нигоҳ дошта шавад.

***Ҷадвали 2.***

*Даромадҳои буҷети давлатӣ (маҳаллӣ) ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ)*

| .. Солҳо / нишон-диханда | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Суръати афзоиш дар с. 2018 нисбат ба с. 2013,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 1504,3 | 1727,4 | 1940,0 | 2114,2 | 2609,6 | 2640,3 | 176 |
| Суғд | 379,3 | 437,0 | 490,2 | 533,5 | 616,4 | 648,1 | 171 |
| Индекси Суғд | 0, 25 | 0, 25 | 0, 25 | 0, 25 | 0, 24 | 0, 25 | 97 |

***Аз рӯи Омори солонаи вилояти Суғд ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст. 2019 – С. 236.***

Таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ (маҳаллӣ) ба ҳар сари аҳолӣ (ҷадвали 2.) нишон дод, ки даромадҳои буҷет ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд нисбат ба соли 2013 – 71% афзуда, соли 2018 – 648,1 сомониро ташкил кард. Вале, даромадҳои буҷети

давлатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳамин давра 76% ё аз 1504,3 сомонӣ то 2670,3 сомонӣ афзудааст. Дар тамоми давраи тадқиқ даромадҳои буҷети маҳаллӣ ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд аз 25%-и даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҳар сари аҳолии мамлакат зиёд нашудааст. Ин ҳолат бо механизми ташаккули даромадҳои буҷети маҳаллии вилояти Суғд ё институти муносибатҳои байнибуҷетии давлат ва минтақа вобаста аст. Чи тавре ки маълум аст, даромадҳои буҷети давлатӣ, аз ҷумла буҷети маҳаллии вилояти Суғд аз ҳисоби воридоти андозӣ ташаккул меёбад, ки онҳо ба танзимшаванда ва маҳаллӣ тақсим мешаванд. Воридоти андозҳои танзимшаванда, ки ҳиссаи онҳо дар даромадҳои буҷети ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст, аввал ба буҷети ҷумҳурӣ дохил мешавад, сипас ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ саривақт пардохт мегардад. Масалан, андоз ба арзиши илова аз вилояти Суғд – 50% ба буҷети вилоят ва 50% ба буҷети ҷумҳурӣ; андоз ба даромад аз вилояти Суғд – 52% ба буҷети вилоят ва 48% ба буҷети ҷумҳурӣ, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз вилояти Суғд пурра ба буҷети ҷумҳурӣ пардохт мешаванд. Қисми даромади буҷети маҳаллӣ асосан аз ҳисоби андози фоида, андози даромад – аз ашхоси воқеӣ, андоз барои истифодаи захираҳои табиӣ ташаккул меёбад **[3].** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018" субвенсия ва дотатсияҳоро, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо мешаванд, барои буҷети вилояти Суғд пешбинӣ намекунад **[4].**

***Ҷадвали 3.***

*Ҳаҷми сармоягузории асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ)*

| солҳо / нишондиҳанда | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Суръати афзоиш дар с.2018 нисбат ба с. 2013,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 413,0 | 525,5 | 737,2 | 775,5 | 711,9 | 755,2 | 183 |
| Суғд | 375,6 | 459,9 | 527,2 | 602,9 | 645,4 | 405,8 | 108 |
| Индекси Суғд | 0,9 | 0,9 | 0,7 | 0,8 | 0,9 | 0,54 | 59 |

***Аз рӯи Омори солонаи вилояти Суғд ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст. 2019 – С. 236.***

Додаҳои ҷадвали 3. оид ба маблагузорӣ ба ҳар сари аҳолии (бе маблағгузориҳои давлатӣ) вилояти Суғд нишон медиҳанд, ки соли 2013 ин нишондиҳанда 375,6 сомониро ташкил кардааст. Соли 2018 нишондиҳандаи мазкур то 405,8 сомонӣ ё 8 фоиз зиёд шудааст. Айни замон, дар ҷумҳурӣ ҳаҷми маблағгузорӣ (бе маблағгузории давлатӣ) ба ҳар сари аҳолӣ 83% афзуда, соли 2018 – 755,2 сомониро ташкил кард. Ба ибораи дигар, маблағгузории соҳибкории хусусӣ дар вилояти Суғд нисбат ба ҷумҳурӣ 46% камтар аст. Вале, қайд кардан лозим аст, ки аз соли 2013 то соли 2017 маблағгузорӣ (бе маблағгузории давлатӣ) ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд то 90% қимати ҷумҳуриявиро ташкил мекард.

Ҳамин тариқ, маблағгузорӣ пойдевори рушди иқтисодиёти минтақавӣ мебошад. Вале суръат ва ҳаҷми маблағгузорӣ аз муҳити институтсионалии ташаккулёфта вобаста аст. Муҳити мусоиди институтсионалӣ суръати маблағгузориро метезонад, институтҳои ғайрисамарабахш раванди маблағгузориро бозмедоранд, зеро соҳибкори хусусӣ ҳамон вақт маблағ мегузорад, ки он фоидаовар бошад. Рушди иқтисодиёти

вилояти Суғд аз ҳисоби воситаҳои буҷети маҳаллӣ, соҳибкорони хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ маблағгузорӣ мешавад.

Гардиши чаканаи мол истеъмоли ниҳоии молҳои дар ҳудуди ҷумҳурӣ истеҳсолшуда, аз дигар минтақаҳо оварда ва воридотиро асосан аз ҷониби аҳолӣ тавсиф мекунад. Афзоиши гардиши чаканаи мол ба ҳар сари аҳолӣ дар бораи қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ ва идома ёфтани раванди таҷдидистеҳсоли мол шаҳодат медиҳад.

***Ҷадвали 4.***

*Ҳаҷми миёнаи савдои чакана ба ҳар сари аҳолӣ(сомонӣ)*

| солҳо / нишон-диҳанда | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Суръати афзоиш дар с. 2018 нисбат ба с. 2013,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 1840,4 | 1918,8 | 1979,0 | 2051,8 | 2135,1 | 2244,0 | 122 |
| Суғд | 2434,3 | 2567,3 | 2615,2 | 2716,8 | 2927,7 | 3096,5 | 127 |
| Индекси Суғд | 1,3 | 1,3 | 1,Д | 1,3 | 1,4 | 1,4 | 104 |

***Аз рӯи Омори солонаи вилояти Суғд ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст. 2019 – С. 236.***

Ҳисобкуниҳо нишон медиҳанд, ки (ҷадвали 4) гардиши чаканаи мол ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд динамикаи мусбати инкишоф дорад. Дар давраи солҳои 2013-2018 суръати афзоиш 127%-ро ташкил карда,аз суръати афзоиши гардиши чаканаи мол ба ҳар сари аҳолии ҷумҳурӣ 5% пеш гузаштааст.

Савдо яке аз соҳаҳои тараққиёфтаи фаъолияти соҳибкории минтақаи Суғд мебошад. Мусоидии ҷойгиршавии ҷуғрофӣ (ҳамсарҳадӣ бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон), режими бераводиди убури сарҳад ба аҳолии мамлакатҳои ҳамсоя имкон медиҳад талаботи истеъмолии худро дар ҳудуди Суғд қонеъ гардонанд. Ин дар индекси гардиши чаканаи мол ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд инъикос меёбад. Нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд нисбат ба нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ 30-40% баланд аст.

Ҳамин тариқ, суръати афзоиши қиматҳои гардиши чаканаи моли вилояти Суғд ба ҳар сари аҳолӣ оид ба шароитҳои мусоиди институтсионалӣ барои рушди ин намуди фаъолият шаҳодат медиҳад. Бо ин роҳ, савдо тавассути бозтақсими андозҳое, ки ба арзиши иловаи мол ворид карда шудаанд, ба рушди минтақа мусоидат мекунад.

Савдои берунаи ҷумҳурӣ ва аз ҷумла вилояти Суғд бо афзоиши воридот бар содирот тавсиф мешавад (Ҷадвали 5)

***Ҷадвали 5.***

*Динамикаи гардиши савдои берунаи вилояти Суғд (млн. доллари ИМА)*

| солҳо / нишон-диҳанда | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Суръати афзоиш аз с. 2013 то 2018, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои беруна-ҳамагӣ | 2045,0 | 2469,1 | 2150,8 | 1870,9 | 2050,1 | 2015,6 | 99 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла<br>- содирот | 360,5 | 449,4 | 468,0 | 446,3 | 505,0 | 559,7 | 155 |
| - воридот | 1684,5 | 2019,7 | 1682,8 | 1424,6 | 1545,1 | 1455,9 | 86 |

***Аз рӯи Омори солонаи вилояти Суғд ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст. 2019 – С. 236.***

Ҳисобкуниҳои ҷадвали 5. нишон медиҳад, ки гардиши савдои берунаи вилояти Суғд дар давраи аз соли 2013 то соли 2018 як фоиз коҳиш ёфта, соли 2018 – 2015,6 млн.долл.ИМА-ро ташкил кард. Коҳиши гардиши савдои беруна аз ҳисоби коҳиши назарраси воридот, ки соли 2018 - 1455,9 млн.долл.ИМА-ро ташкил кард ва ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2013 – 14% камтар аст, ба амал омадааст. Додаҳои ҷадвали 2.8 имкон медиҳанд басарӣ муайян кунем, ки воридоти вилояти Суғд қариб се баробар аз содирот зиёд аст. Айни замон, содирот дар давраи солҳои 2013-2018 – 55% афзудааст.

Чунин вазъият амнияти иқтисодии минтақаро таҳти хавф мегузорад, зеро иқтисодиёти вилояти Суғдро ба воридоти мол вобаста менамояд, ки он таҳти таъсири шокҳои берунаи асъорӣ, молиявӣ ва нархӣ қарор дорад.

Ҳамин тариқ, таҳлили меъёри иқтисодии рушди вилояти Суғд дар каринаи омилҳои институтсионалӣ имкон медиҳад қайд кунем, ки муҳити мавҷудаи институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд таъсири мусбат мерасонад, вале бо назардошти талаботи муосир эҳтиёҷ ба такмил дорад.

Дар марҳилаи ҳозира рушди иқтисодиёти мамлакат нақши соҳаи иҷтимоӣ меафзояд, зеро аз амалкарди он сифати сармояи инсонӣ вобаста аст, ки “дар байни омилҳои дарозмуддати рушди иқтисодиёти оянда (дар муқоиса бо сармояи табиию захиравӣ, воқеӣ ва молиявӣ) ҷои якумро ишғол мекунад” ва тараққии он “ба ҳайси самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст”.

Фаъолияти соҳаи иҷтимоӣ ба ду гурӯҳи институтҳои иҷтимоӣ асос меёбад:

- институтҳое, ки дар асоси худтанзимкунии дохилӣ (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, оила) амал мекунанд;

- институтҳое, ки танзими онҳо тавассути инфрасохтори иҷтимоӣ, ки хизматҳои иҷтимоӣ истеҳсол мекунад (тандурустӣ, маориф, ХМК ва ғайра) ва мақомоти дахлдори идоракунандаи он амалӣ мегардад.

Ба пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии танзими рафтори иҷтимоии аҳолии вилояти Суғд як қатор қонунҳо дохил мешаванд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22 июли соли 2013, №1004; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маорифи калонсолон” аз 24.02.2017, №1394; Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12.1997, №505 ва ғайра.

Барои арзёбии ниҳоии аҳамият ва нақши омилҳои институтсионалӣ дар рушди минтақавӣ таҳлили гурӯҳи дувуми меъёрҳоро гузаронидан лозим аст, ки соҳаи иҷтимоии иқтисодиётро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили меъёри иқтисодии рушди вилояти Суғд дар заминаи омилҳои институтсионалӣ имкон медиҳад, ки муҳити мавҷудаи институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд таъсири мусбат мерасонад, аммо бо назардошти талаботи муосир беҳбудиро талаб мекунад.

***Пайнавишт:***

1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Чумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018", моддаи 18 – реҷаи дастрасӣ http:// minfin.tj/_-(санаи муроҷиат: 20.08.2020).*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Чумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018", моддаи 10 – реҷаи дастрасӣ http:// minfin.tj/_(санаи муроҷиат: 20.08.2020).*
3. *Сомонаи расмии Вазорати рушди молия ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон – реҷаи дастрасӣ: www.medt.tj – (Санаи муроҷиат: 19.08.2020).*
4. *Сомонаи расмии хизматрасонии зиддимонополӣ дар назди хокимияти Ҷумҳурии Тоҷикистон - реҷаи дастрасӣ: http:// ams.tj- (Санаи муроҷиат: 19.08.2020).*
5. *Кейнс Дж. М. Экономические последствия Версальского мирного договора / Общая теория занятости, процента и денег. Избранное. — М.: Эксмо, 2007. — 960 с.*
6. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – 478 с.*
7. *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2019. – 476 с.*

***Reference Literature:***

1. *Tajikistan Republic Law "On State Budget of Tajikistan Republic for 2018", article 18 – regime of availability http: // minfin.tj/ - (Date of request: 08/20/2020).*
2. *Tajikistan Republic Law "On State Budget of Tajikistan Republic for 2018", article 10 – regime of availability http: // minfin.tj/ - (Date of request: 08/20/2020).*
3. *Official Site of the Ministry of Finances and Trade of Tajikistan Republic – (Regime of availability mode: www.medt.tj) - (Date of request: 08/19/2020).*
4. *Official Site of Antimonopoly Service under Tajikistan Republic Government – (Regime of availability: http: // ams.tj) - (Date of request: 08/19/2020).*
5. *Keynes J.M. Economic Aftermath of Versailles Peaceful Treaty // General Theory of Employment, Interest and Money. Selected Works. - M.: Eksmo, 2007. - 960 pp.*
6. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. - Dushanbe, 2019. - 478 pp.*
7. *Statistical Annual of Sughd Region. - Khujand - 2019, - 476 pp.*

*УДК 332.14*
*ББК 65.046.2*

| | |
|---|---|
| ***ПОЙДОРИИ НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА ВА ҲАМКОРИИ БАЙНИМИНТАҚАВӢ*** | ***Хӯҷамқулов Рустам Боймаҳмадович,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДҲБСТ;* ***Набиева Маърифат Абдукамоловна,*** *ассистенти кафедраи кафедраи технологияҳои иқтисодиёти ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***УСТОЙЧИВОСТЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ РЕГИОНА И МЕЖРЕГИОНАЛЬНОЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ*** | ***Худжамкулов Рустам Боймахмадович,*** *канд. экон. наук, доцент каф. информационных технологий в экономике ТГУПБП;* ***Набиева Маърифат Абдукамоловна,*** *ассистент каф. информационных технологий в экономике ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)* |
| ***SUSTAINABILITY OF THE ECONOMIC SYSTEM OF THE REGION AND INTERREGIONAL INTERACTION*** | ***Khudzhamkulov Rustam Boimakhmadovich****, candidate of economic sciences, Associate Professor of the department of information technologies in iconomics, TSULBP;* ***Nabieva Marifat Abdukamolovna,*** *assistant of the department of information technologies in economics, TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *khudjamkulov@yandex.ru* |

***Вожаҳои калидӣ****: пойдории иқтисоди минтақа, омилҳои пойдории минтақа, муносибати низомманд, ҳамкории байнинминтақавӣ, консепсияи ҳамкорӣ, шаклҳои ҳамкории байниминтақавӣ, муносибатҳои иқтисодии минтақаҳо*

*Масъалаи инкишофи робитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ чун доминанти баланд бардоштани пойдории иқтисодии рушди минтақаҳо ҳамчунин таъсири ҳамкории байниминтақавӣ ба рушди устувор баррасӣ шудааст. Робитаи мутақобилаи хамкории байниминтақавӣ ва устувории рушди минтақа аз мавқеи муносибати низомммaнд мудаллал сохта шудааст. Низоми иқтисодии минтақа, ки аз якчанд зернизомҳои нопойдор иборат аст, метавонад дар сурати муттаҳид гардидани онҳо пойдор гардад. Таъкид гардидааст, ки устувории низоми иҷтимоӣ – иқтисодӣ машрути ҳамкории қисмҳои таркибии он ва натиҷаи сифати нав ба даст овардани низом мебошад, ки он ба қисмҳои таркибии низом хос нест. Асосҳои назарии ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ муайян карда шудаанд. Консепсияи эҳтимолии ташкили ҳамкории байниминтақавӣ пешниҳод гардида, шаклҳои ояндадори рушди он, ки ба баланд бардоштани пойдории иқтисоди минтақа равона гардиданд, ошкор карда шудаанд.*

**Ключевые слова:** *устойчивость экономики региона, факторы устойчивости экономики, системный подход, межрегиональное взаимодействие, концепция взаимодействия, формы межрегионального взаимодействия, экономические отношения регионов*

*Рассматриваются проблемы развития межрегиональных экономических связей как доминанты повышения экономической устойчивости развития регионов, а также влияние межрегионального взаимодействия на устойчивость развития региона. С позиций системного подхода предпринята попытка обосновать взаимосвязь межрегионального взаимодействия и устойчивости развития региона. Экономическая система региона, состоящая из нескольких неустойчивых подсистем, может оказаться устойчивой при их объединении. Отмечается, что устойчивость социально-экономической системы обусловливается взаимодействием её составных частей и является результатом*

*приобретения системой нового качества, не свойственного образующим её частям. Определены теоретические основы межрегионального экономического взаимодействия. Предложена возможная концепция организации межрегионального взаимодействие для устойчивости экономических систем региона и выявлены перспективные формы развития межрегионального взаимодействия, направленные на повышение устойчивости экономики региона.*

***Key-words****: stability of regional economy, factors of regional stability, systemic approach, interregional interaction, concept of interaction, forms of interregional interaction, economic relations of regions*

*The article examines the problems of the development of interregional economic relations as a dominant of increasing economic stability of the development of the regions and also an influence of interregional interaction over the sustainability of the development of the region. From the standpoint of systematic approach an attempt has been made to substantiate the relationship between interregional interaction and that one of the region's development. The economic system of the region which consists of several unstable subsystems can turn out to be stable when they are combined. It is noted that stability of socio-economic system is determined by interaction of its constituent parts and is the result of acquiring a new quality by the system which is not characteristic for its constituent parts. Theoretical foundations of interregional economic interaction have been determined. A potential concept of organization is proposed and promising forms of development of interregional interaction aimed at increasing a stability of the regional economy are identified.*

Ҳадафи ин мақола инкишоф додани муқаррароти назариявӣ-методӣ дар бораи робитаи мутақобилаи байни ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ ва пойдории низомҳои иқтисодии минтақавӣ мебошад, ки метавонанд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд. Бинобар ин, таҳқиқи ҳамаи шароит ва омилҳои таъминкунандаи пойдории низомҳои иқтисодии минтақа хеле муҳим аст. Аксарияти олимон муттафиқанд, ки дар шароити бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ таъмини устувории иқтисодиёти миллӣ муҳимтарин афзалияти давлат мебошад. Устувории иқтисодиёти миллӣ ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо пойдории зернизомҳои асосии он - иқтисодҳои минтақавӣ таъмин карда мешавад. Яке аз омилҳои муҳими таъмини пойдории низомҳои иқтисодии минтақавӣ рушди ҳамкории байниминтақавӣ мебошад. Тахти устувории низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилияти давом додани фаъолият ё нигоҳ доштани коршоямӣ, пас аз вайрон шудани он зери таъсири омилҳои алоҳидаи беруна ё дохилӣ фаҳмида мешавад. Аз ҷиҳати маъно, ба мафҳуми "пойдорӣ (устуворӣ)" мафҳуми "мувозинат" ё "ҳолати мувозинатӣ" наздиканд. [1, с.237].

Тавре ки Гранберг А.Г. қайд кардааст, устувории низом одатан хусусияти мусбат, баъзан шарти зарурӣ мебошад, ки фаъолияти мӯътадил ва мақсаднокро дар шароити ифротӣ таъмин менамояд. Масалан, ҳангоми ислоҳоти низом, пойдорӣ монеаи ноил шудан ба ҳадаф мешавад. Аз нуқтаи назари муносибати низоммандӣ, пойдории низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо ҳамкории қисмҳои таркибии он муайян карда мешавад ва натиҷаи ба даст овардани сифати нав аз ҷониби низом мебошад, ки ба қисмҳои таркибии он хос нест. Ин - зуҳуроти қонуни диалектика дар бораи ба сифат гузаштани миқдор аст. Аз ин рӯ, пойдории низоми минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ на ягон қисми алоҳидаи низом, балки хусусияти ҳамгирои тамоми низом мебошад. Пас, низоми иқтисодии минтақа, ки аз якчанд зернизомҳои ноустувор иборат аст, ҳангоми муттаҳидшавии онҳо метавонад устувор бошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳамкории байниминтақавӣ метавонад ба пайдо кардани сифати нави низом - устуворӣ

мусоидат намояд. Чунин ҳолат ба туфайли он ба вуқӯъ меояд, ки дар натиҷаи ҳамкории самараноки байнимитақавӣ тақсимоти меҳнат амиқтар мешавад, тахассуси технологӣ ва кооператсия таҳким меёбад, таъсири агломератсионӣ зоҳир мегардад. Корхонаҳои маҳаллӣ робитаҳои истеҳсолиро васеъ мекунанд, бо ашёи хом, масолеҳ ва қисмҳои комплектӣ беҳтар таъмин карда мешаванд, ки ин пойдории кори онҳоро афзун мегардонад.

Талаботи дохилӣ ба маҳсулоти корхонаҳои минтақавӣ меафзояд, иқтисодиёти минтақа диверсификатсия мешавад, ҷойивазкунии захираҳои меҳнатӣ ва инвеститсионӣ (сармоягузорӣ) байни минтақаҳо фаъол мегардад, бозори дохилӣ бо молҳое таъмин карда мешавад, ки қаблан дар минтақа истеҳсол карда намешуданд [2, с.332].

Голобородко С.Л. рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварро омили самарабахши рушди ҳамкориҳои байнимитақавӣ ба шумор овардааст [3, с.193-194 ]. Ҳамаи ин боиси пойдории низоми минтақавӣ мегардад. Рушди равандҳои ҳамкории байнимитақавӣ муҳимтарин омили рушди иқтисод дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин бо назардошти дурнамои ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва таҷрибаи андӯхтаи ҷумҳурӣ дар ҳамкориҳои байнимитақавии наздимарзии иҷтимоӣ-иқтисодии бо кишварҳои ҳамсоя (Қирғизистон ва Афғонистон) махсусан муҳим аст.

Ҳамзамон, равандҳои ҳамкории байнимитақавӣ ва муносибати онҳо бо рушди устувор яке аз ҷанбаҳои камтар омӯхташудаи назарияи пойдории иқтисодиёти минтақавӣ мебошанд. Хароб шудани низоми мутамаркази идоракунӣ ва қатъи робитаҳои иқтисодӣ ба равандҳои тақсимоти байнимитақавии меҳнат дар Тоҷикистон таъсири манфӣ расонидаанд. Натиҷаи он коҳиши назарраси фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳо мебошад. Хароб шудани робитаҳои хуби ҳамкорӣ ва занҷирҳои технологии истеҳсолот боиси коҳиши истеҳсолот ва беш аз пеш маҳдуд гардидани бозорҳои минтақавӣ гардид. Иқтисодиёт алҳол маҷмааи ягонаи хоҷагии халқӣ нест, зеро тавозуни байни талабот ва пешниҳоди дохилӣ, ки одатан ба якдигар нигаронида шудаанд, вайрон шудааст. Дар чунин шароит корхонаҳои Тоҷикистон, ки умдатан ашёи хом истеҳсол мекунанд, маҷбуранд ба бозорҳои хориҷӣ самтгирӣ кунанд, қисми зиёди бозори истеъмолӣ бошад аз ҳисоби воридоти мол таъмин карда мешавад. Ин ҳолат боиси он шуд, ки рушди иқтисодии минтақаҳо на аз робитаҳои иқтисодии дохилӣ, балки аз робитаҳои иқтисодии берунӣ вобаста гардад. Дар натиҷа пойдории иқтисодиёти минтақаҳо ва умуман кишвар ба таври назаррас коҳиш ёфт. Айни замон, аз назарияи иқтисодӣ маълум аст, ки агар робитаҳои иқтисодии берунии минтақаҳои кишвар бар робитаҳои мавҷудаи дохилиминтақавӣ бартарӣ дошта бошанд, пас иқтисодиёти миллӣ хусусияти асосии низоммандии худро аз даст медиҳад, ва қобилияти он ба фаъолияти устуворона коҳиш меёбад. Дар чунин ҳолат, корхонаҳои истеҳсолии кишвар ҳамчун унсурҳои таркибии он бештар ба таҳкими низомҳои иқтисодии дигар кишварҳо кор мекунанд, на ба кишвари худ ва маъмулан ба замимаҳои ашёи хоми КФМ байналхалқӣ табдил меёбанд. Баррасии тадқиқоти мавҷуда нишон медиҳад, ки истилоҳи “ҳамкории иқтисодии байнимитақавӣ” ҷанбаҳои мухталифи ин раванди мураккабро инъикос мекунад.

Масалан, баъзе муаллифон, ки ин падидаро ҳамчун ҳамкории ташкилотҳои минтақавӣ, ки зернизомҳои иқтисодиёти миллӣ мебошанд ва ба таври қонунӣ дар марзҳои ҳудудӣ мустаҳкам шудаанду дорои умумияти муайяни шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити дигаранд, тавсиф мекунанд.

Тавре ки Е.В. Лукин таъкид кардааст, олимони дигар таҳти ҳамкории иқтисодии байнимитақавӣ трансаксияҳои муназзами бозорро байни субъектҳои хоҷагидори минтақаҳои гуногуни кишвар мефаҳманд [4, с.193-195 ]. Як қатор муаллифон ба истилоҳи мазкур таърифи муфассал пешниҳод кардаанд. Ба ақидаи онҳо, ҳамкории иқтисодии байнимитақавӣ низоми ифодакунандаи манфиатҳои иқтисодии минтақаҳо мебошад, ки дар

ҷараёни фаъолияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ инкишоф меёбад. Ин низом ба тақсимот ва тахассуси меҳнати ҷамъиятӣ, тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда ва шароити табиӣ-ҷуғрофӣ вобаста аст. Таърифҳои мазкурро ҷамъбаст намуда, тахти ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ бояд маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии байни минтақаҳо фаҳмида шавад, ки онҳо бо назардошти манфиатҳои ҳар як минтақа дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии муқарраркардаи давлат амалӣ карда мешаванд. Ба рушди назарияи ҳамкории байниминтақавӣ асарҳои И.Г.Тюнен, оид ба назарияи ҷойгиронӣ ва назарияи ҷойҳои марказӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар асарҳои ӯ асосҳои иқтисодии самаранокии рушд ва ҷойгиршавии корхонаҳо, шаҳрҳо, минтақаҳо баррасӣ гардидаанд. Назарияҳои стандартҳои саноатӣ дар консепсияи ҳамгироии минтақавӣ чун стратегияи тақвияти рақобатпазирии минтақаҳо ва кишварҳо дар шароити афзоиши рақобат таҳия шудаанд. Ин назарияҳо барои асоснок кардани аҳамияти муттаҳидшавии кишварҳои Аврупо дар консепсияи Аврупои Васатӣ аз ҷониби Ф.Науманн татбиқ карда шудаанд. Минбаъд ин назарияҳои мазкур барои ташаккули назарияҳои мавҷудаи фазоии рушд ҳамчун пойгоҳ хидмат карданд ва бар хилофи назарияҳои классикии ҷойгиркунӣ на ба принсипи мувозинати хусусӣ, балки ба принсипи мувозинати умумӣ асос ёфтаанд. [4, с.193-195 ].

Дар нимаи аввали асри XX сабабҳои муайянкунандаи вектор ва сохтори маҷрои мол дар савдои байни минтақаҳо ошкор гардидаанд. Масалан, Э.Хекшер ва Б.Олин парадигмаи баробарсозии нархҳоро барои омилҳои истеҳсолот мудаллал сохтанд.

Мувофиқи ин парадигма, минтақа ба истеҳсоли он молҳо махсус гардонида мешавад барои онҳо таносуби беҳтарини омилҳои истеҳсолот дорад. Яъне, минтақа чунин молҳоеро содир мекунад, ки арзиши тамоми хароҷоти истеҳсоли чунин молҳо нисбат ба минтақаҳои дигар камтар аст. Бо мурури замон, П.Самуэлсон ва В.Столпер исботи теоремаи мавҷудаи Хекшер-Олинро такмил доданд.

Ба ақидаи онҳо, дар сурати рақобати комил, омилҳои якҷинсаи истеҳсолот ва шабоҳати технологияҳо, мубодилаи мол нархи омилҳои истеҳсолотро байни минтақаҳо баробар мекунад. Зимнан, дар консепсияҳои тиҷорати байниминтақавии Д.Рикардо, Э.Хекшер, Б.Олин ва П.Самуэлсон тиҷорат на танҳо ҳамчун мубодилаи барои ҳар ду ҷониб судбахш, балки чун усули коҳиш додани тафовути рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо низ баррасӣ мешуд. Дар миёнаи асри XX, дар шароити тақвияти рақобати байни минтақаҳо ва кишварҳо, назарияи афзалиятҳои рақобатии минтақа ба вуҷуд омад. Масалан М.Портер муайян кард, ки чӣ қадаре ки рақобат дар бозори дохилӣ зиёд бошад, эҳтимоли муваффақияти кишвар (минтақа, корхона) дар бозорҳои байналмилалӣ ҳамон қадар баландтар мешавад [5, с. 212].

Ба ибораи дигар, агар корхона дар рақобат дар бозори дохилӣ пирӯз шавад, дар рақобат дар бозорҳои хориҷӣ муваффақ хоҳад шуд. Ин шарти зарурӣ, вале нокифоя барои муваффақият дар бозори хориҷӣ мебошад. Лауреати ҷоизаи нобелӣ П.Кругман исбот кард, ки савдои байналмилалӣ ба савдои байниминтақавӣ торафт бештар шабеҳ мешавад, зеро бо тамоюлҳои муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо, омилҳои истеҳсолот ва салоҳиятҳои зарурӣ дар соҳаи қабули қарорҳои стратегӣ ба сатҳи минтақавӣ мегузаранд.

Корҳои амалие, ки ба рушди минтақа дар заминаи ҳамкориҳои байниминтақавӣ нигаронида шудаанд, бояд махсус таъкид гарданд. Дар ин шаклҳои ташкили фаъолияти иқтисодӣ дар фазо, аз ҷумла назария ва консепсияҳои ташкил ва рушди кластерҳои байниминтақавӣ, омилҳои рақобатпазирии минтақаҳо ва корхонаҳо, инчунин тарзҳои ҳамкории онҳо таҳқиқ шудааст.[6, с.135].

Ин натиҷаҳо, дар таҳқиқоти М.Портер, М.Энрайт, Д.Хамфри, Э.Шмитс, М.Сторпер ба даст оварда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар соҳаи ҳамкории байниминтақавӣ, ки

бо истифода аз амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ ба даст оварда шудаанд, махсус қайд кардан лозим аст. Масалан, ҳанӯз дар асарҳои У.Изард таҳлили имкониятҳои истифодаи амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои байниминтақавӣ иҷро шудааст.

Ҳангоми омӯзиши робитаҳои иқтисодии байни минтақаҳои мухталиф ва таҳлили тавъампазирии оптималии минтақаҳои андозаҳояшон гуногун, ӯ амсилаи ҷозибаро истифода бурд. Баъдан, олимон дар тавсифи муносибатҳои мавҷудаи байниминтақавӣ ва пешгӯии рушди онҳо амсилаи хаттии байниноҳиявӣ, инчунин амсилаҳои таҳлили муносибатҳоро аз рӯи нақшаи “хароҷот-истеҳсолот”, амсилаи таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва ғайраро васеъ истифода бурдаанд.

Бояд асарҳои олимон, ки ба ҳалли масъалаҳои банақшагирӣ ва танзими рушди иқтисодии байниминтақавӣ нигаронида шудаанд, махсус қайд карда шаванд. Барои омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда амсилаҳои иқтисодӣ-математикии ҳамкории байниминтақавӣ таҳия карда шудаанд.

Баъзе амсилаҳо барои асосноккунии пеш аз нақшавии низоми ҳудудии иқтисодиёт, барои омӯхтани қонунияти ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда, ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода мешуданд. Дар натиҷаи ин таҳқиқот, муқаррароти муҳимтарини назарияи ҳамкории байниминтақавии зайл, ки то имрӯз амал мекунанд, асоснок карда шудаанд:

Аввал, тақсимоти меҳнат ва мубодилаи минбаъдаи натиҷаҳои он заминаи афзоиши некӯаҳволии аҳолии минтақаҳои гуногун мебошад.

Дувум, манбаъҳои махсусгардонии иқтисодиёти минтақавӣ инҳоянд: афзоиши фазоӣ, тақсимоти нобаробари захираҳо ва инчунин рақобати афзоянда.

Севум, вобастагии мустақим байни самаранокии тақсимоти омилҳои истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат вуҷуд дорад.

Чорум, ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ омили афзоиши рақобатпазирии минтақа аз ҳисоби таҳвияти тахассус ва ҳамкории технологӣ мебошад. Ва, ниҳоят, панҷум, шаклҳои кластерии ташкили истеҳсолот дар минтақаҳо, ҳамчун шаклҳои умедбахши ҳамкориҳои байниминтақавии саноат, навовариро ҳавасманд мекунанд ва ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардоранд, ки ин ба такмил ёфтани сохтори такрористеҳсоли иқтисодиёти минтақавӣ оварда мерасонад.[7, с.214].

Дар шароити муосир, ҳамкории иқтисодии минтақаҳо, ки ба ҳавасмандии тарафайн ба робитаҳои доимии иқтисодӣ, истифодаи мутақобилаи таркибаҳои табиӣ - захиравӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст, беш аз пеш мубрамият касб мекунад. Ин бошад ташаккул додани ғоя ё консепсияи ҳамкории иқтисодии байниминтақавиро талаб мекунад. Консепсия бояд омилҳои зеринро ба назар гирад:

**1**. Ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣро бояд иқтидори кооператсия ва ҳамгироии байниминтақавӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо - субъектҳои ҳамкорӣ самарабахш истифода барад.

**2.** Давраи гузаштаи рушди иқтисодӣ барои гузариши минтақаҳо ба ҳамкории байниминтақавӣ дар доираи ҳамкориҳои онҳо заминаи мусоид фароҳам овард. Дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодӣ ниёз ба ҳамкории минтақавӣ боз ҳам меафзояд.

**3.** Низоми идоракунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар тӯли солҳои ислоҳот дар сатҳи минтақавӣ ташаккул ёфтааст, ҳанӯз ҳам бо механизмҳои ҳамкорӣ ба қадри кофӣ таъмин карда нашудааст, ки ин ба низоми идоракунии минтақавӣ имкон намедиҳад, ки манбаъҳои дигари рушдро пурра истифода барад.

**4.** Афзалиятҳои ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ метавонанд инҳо бошанд: барқарорсозии робитаҳои анъанавӣ ва ташаккули робитаҳои нави иқтисодӣ бо

минтақаҳои ҳамсоя, истифодаи механизмҳои ҳамкории байниминтақавӣ дар раванди ҷалби сармоя ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ва ғайра.

Таҳияи консепсияи ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ муайян кардани марҳилаҳои асосии рушди онро талаб мекунад. Коршиносон қайд мекунанд, ки эҳё ва рушди ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ ташкили якчанд марҳилаҳоро дар назар дорад, ки онҳо ба ҳам алоқамананд [8, с.84]. Ин марҳилаҳо чунинанд: иттилоотӣ-таҳлилӣ, мақсаднок ва амалигардонӣ (ҷадвали 1). Онҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи консепсияи ҳамкориҳои иқтисодии байниминтақавӣ хидмат кунанд.

***Ҷадвали 1.***

*Унсурҳои консепсияи ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ [9]*

| **Марҳилаҳо** | **Мӯҳтаво** | **Олатҳои амалигардонӣ** |
|---|---|---|
| Иттилоотӣ-таҳлилӣ. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот ҳамчун заминаи иттилоотии рушди муносибатҳои байниминтақавӣ | Арзёбии ҳолати кунунӣ, тамоюлҳои асосӣ ва қонунияти рушд; таҳлили вазъи бозор дар минтақа; муайян кардани заминаҳо, мушкилоти рушди робитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ | Таҳлил, синтез, ташаккул ва таҳлили маълумоти панелӣ, таҳлили омилҳо, усулҳои қиёс, бенчмаркинг ва ғ. |
| Мақсаднок. Асосноккунии вариантҳои ташкили робитаҳои иқтисодии байниминтақавии минтақа | Ташаккули ҳадафҳо ва вазифаҳо барои рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятнок, арзёбии оқибатҳои татбиқи онҳо | SWOT ва PEST-таҳлил, сохтани матритсаҳои дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии байниминтақавии минтақа ва ғайра. |
| Амалигардонӣ. Ташкили амалисозии фаъолияти минтақавӣ | Ташаккули механизми татбиқи тадбирҳои ҳамкории байниминтақавӣ | Усулҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва барномавӣ-мақсаднок ва ғайра |

Ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ омили афзоиши рақобатпазирии минтақа аз ҳисоби тақсимоти меҳнат, тақвияти тахассуси технологӣ ва кооператсия мебошад. Дар шароити муосир ҳамкории иқтисодии минтақаҳо, ки ба ҳавасмандии мутақобила дар робитаҳои доимии иқтисодӣ, истифодаи мутақобилаи ҷузҳои таркибии табиӣ – захиравӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст, беш аз пеш матлуб мегардад[10]. Консепсияи эҳё ва рушди ҳамкории иқтисодии байниминтақавӣ бояд марҳилаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ, мақсаднок ва амалигардониро дошта бошад, ки онҳо бо ҳам алоқамананд. Савдо (тиҷорат), кооператсияи истеҳсолӣ ва ҳамкории инвеститсионӣ шаклҳои асосии ҳамкории байниминтақавӣ шумор меравcomponentsанд. Шаклҳои ҳамкории номбаршуда нашъунамои иқтисодиёт, рақобатпазирии минтақа ва устувории рушди иҷтимоию иқтисодии онро баланд мебардоранд.

***Пайнавишт:***

1. *Андреев А.В. Основы региональной экономики [Текст] / А.В. Андреев. – М.: КноРус, 2007. – 320 с.*
2. *Гранберг А.Г. Основы региональной экономики [Текст] / А.Г. Гранберг. – М.: ГУ-ВШЭ, 2006. – 495 с.*

3. *Голобородко С.Л. Межрегиональное экономическое взаимодействие как основа развития единого экономического пространства федерального округа [Текст]: дис. канд. экон. наук: 08.00.05 / С.Л. Голобородко. – М., 2006. – 435 с.*
4. *Лукин Е.В., Ускова Т.В. О перспективах развития региона на основе межрегионального сотрудничества // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. 2016. № 3 (45). С. 60-81*
5. *Кемпбелл Р. Экономикс [Текст] / Р. Кемпбелл, К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю. – М.: Туран, 1996. – 620 с.*
6. *Коломийченко О.В. Стратегическое планирование развития регионов РФ [Текст] / О.В. Коломийченко, В.Е. Рохчин. – СПб.: Наука, 2003. – 235 с.*
7. *Корнеев, А.М. Развитие промышленных комплексов экономических районов. Промышленность в хозяйственном комплексе экономических районов [Текст] / А.М. Корнеев. – М.: Наука, 1964. – 231 с.*
8. *Кремер Н.Ш. Эконометрика [Текст] / Н.Ш. Кремер, Б.А. Путко. – М.: ЮНИТИДАНА, 2005. – 258 с.*
9. *Региональная экономика [Текст] / под ред. Т.Г. Морозовой. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – 472 с.*
10. *Рукина И.М. Межрегиональное экономическое сотрудничество и интеграционные процессы в экономике России [Текст]: дис. ... д-ра экон. наук: 08.00.05 / И.М. Рукина. – М., 2003. – 282 с.*
11. *Шапкин И.Н. Управление региональным хозяйством [Текст] / И.Н. Шапкин, А.О. Блинов, Я.М. Кестер. – М.: КНОРУС, 2005. – 290 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Andreev, A.V. The Grounds of Regional Economy [Text] / A.V. Andreev. - M.: Kno Rus, 2007. - 320 pp.*
2. *Granberg, A.G. The Grounds of Regional Economy [Text] / A.G. Granberg. - M.: State Managerial Office of the Higher School of Economics, 2006. - 495 pp.*
3. *Goloborodko, S.L. Interregional Economic Interaction as a Ground of Development in Regard to Unified Economic Space of Federal Circuit [Text]: Doctoral dissertation in economics: 08.00.05 / S.L. Holoborodko. - M., 2006. – 435 pp.*
4. *Lukin E.V., Uskov T.V. On the Prospects of Development of a Region on the Ground of Interregional Cooperation / Economic and Social Changes: Facts, Tendencies, Prognostication. 2016, № 3 (45). - pp. 60-81 10.*
5. *Campbell, R. McConnell K.R., Bru S.L. - M.: Turan, 1996. - 620 pp.*
6. *Kolomiychenko, O. V. Strategic Planning of Russian Federation Regions Development [Text] / O.V. Kolomiychenko, V.E. Rokhchin. - SPb.: Science, 2003. - 235 pp.*
7. *Korneev, A.M. Development of Industrial Complexes of Economy Areas. Industry in Economic Complex of Economy Areas [Text] / A.M. Korneev. - M.: Science, 1964. - 231 pp.*
8. *Kremer, N.Sh. Econometrics [Text] / N.Sh. Kremer, B.A. Putko. - M.: UNITI-DANA, 2005. - 258 pp.*
9. *Regional Economy [Text] // under the editorship of T.G. Morozova. - M.: UNITI-DANA, 2001. - 472 pp.*
10. *Rukina, I.M. Interregional Economic Cooperation and Integrational Processes in the Russian Economy [Text]: Doctoral dissertation in economics: 08.00.05 / I.M. Rukina. - M., 2003. - 282 pp.*
11. *Shapkin, I.N. Management with National Economy [Text] / I.N. Shapkin, A.O. Blinov, Ya.M. Kester. - M.: KNORUS, 2005. - 290 pp.*

***УДК: 338,***
***ББК:65.046.1***

***МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ "СУҒД" ВА НАҚШИ ОН ДАР САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР***

***Шарифзода Мумин Машокир,*** *д.и.и., профессор, ректори ДДҲБСТ,* ***Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович,*** *унвонҷӯи кафедраи маркетинг-агробизнеси ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СВОБОДНАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЗОНА «СУГД» И ЕЕ РОЛЬ В УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ***

***Шарифзода Мумин Машокир,*** *д-р экон. наук, профессор, ректор ТГУПБП;* ***Солиев Хомидджон Абдуманнонович,*** *соискатель кафедры маркетинга-агробизнеса ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***"SUGHD" FREE ECONOMY ZONE AND ITS ROLE IN ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY***

***Sharifzoda Mumin Mashokir,*** *Dr. of Economics, Professor, President of TSUPBP;* ***Soliyev Khomidjon Abdumannonovich,*** *claimant for candidate degree of the department of marketing-agrobusiness under TSUPBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *anisjon_2014@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *минтақаҳои озоди иқтисодӣ, саноат, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, саноатикунонии босуръат, энергетика, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ*

*Масъалаҳои вобаста ба нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар раванди саноатикунонӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин сатҳи таъмини нерӯи барқ дар соҳаи саноат ва нақши он дар пешрафти соҳаи саноати мамлакат нишон дода шудааст. Исбот карда шудааст, ки дар фаъолияти корхонаҳои саноатии мамлакат нақши энергетика ва сармоягузорӣ хеле бузург аст. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шудааст, ки МОИ дар рушди саноати истеҳсолӣ нақши асосӣ бозида, фаъолияти самараноки онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ махсусан мусоидат мекунад. Ҳамзамон, нақши МОИ-и Суғд дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар нишон дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатии МОИ-и Суғд ва мавқеи он нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Нишондодҳои оморӣ оид ба ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба соҳаҳои мухталифи саноат, фаъолияти корхонаҳои муштарак, фаъолияти МОИ ва амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон самтҳои минбаъдаи рушди фаъолияти МОИ-и мамлакат пешниҳод гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *свободные экономические зоны, промышленность, инвестиции, экономика, ускоренная индустриализация, энергетика, свободные экономические зоны*

*Рассматриваются вопросы, связанные с ролью свободных экономических зон (СЭЗ) в процессе индустриализации. Также показан уровень электроснабжения промышленности и отмечена его роль в промышленном развитии страны. Доказано, что роль энергетики в деятельности промышленных предприятий страны очень велика. В результате анализа определено, что СЭЗ играют ключевую роль в развитии обрабатывающей промышленности, а их эффективное функционирование активно способствует национальному и региональному экономическому развитию. Подчеркивается роль СЭЗ «Сугд» в достижении целей индустриализации страны. Проанализирован объем промышленного производства СЭЗ «Сугд» и раскрыто ее положение по сравнению с другими свободными экономическими зонами.*

*Проанализированы статистические показатели по привлечению внутренних и иностранных инвестиций в различные отрасли, в деятельность совместных предприятий, в деятельность СЭЗ и в реализацию инвестиционных проектов в приоритетных отраслях национальной экономики. Предлагаются дальнейшие направления развития деятельности СЭЗ.*

***Key-words:*** *free economy zones, industry, investments, economy, accelerated industrialization, energetics*

*The article dwells on the issues related to the role of free economy zones (FEZs) in the process of industrialization. There is also shown the standard of power supply in reference to industry and its role in industrial development of the country. It has been proved that the role of energetics in the activities of industrial outfits of the country is very great. According to the result of analysis it was determined that FEZs play a key role in the development of processing industry and their effective functioning actively promotes national and regional economy development. There is underlined the role of "Sughd" FEZ in the achievement of industrialization goals of the country.*

*The authors have analyzed the amount of industrial production of "Sughd" FEZ and disclosed its position in comparison with other free economy zones. They adduced statistical indices on attraction of home and foreign investments into various industries, in the activities of joint ventures and FEZs and into realization of investitive projects embracing priority fields of national economy; further streamlines of FEZs activities development being suggested.*

Имрӯз гузариш ба сӯи рушди устувори мамлакат тавассути саноатикунонии босуръат оғози стратегияи нави амалишавандаи сиёсати давлатӣ арзёбӣ мешавад. Татбиқи консепсияи саноатикунонӣ, ҳамчун стратегияи иқтисодии минтақаҳои кишвар, ки ба навсозии саноатӣ ва усулҳои пешрафтаи технологӣ асос ёфтааст, афзоиши истеҳсоли моддиро таъмин менамояд, ки он боиси тағйирот дар сиёсати иқтисодӣ ва таҷдиди тамоми сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) назаррас мебошад. Зеро, дар МОИ бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар марҳилаи имрӯзаи пешрафт ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фаъолияти МОИ ба рушди иқтисодиёти кишвар бештар шароит бахшида, асосан ба ҳалли масъалаҳои бунёдии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои саноатикунонӣ ва лоиҳаҳои стратегӣ водор мекунад. МОИ баҳри боз ҳам беҳтар намудани шароити кору истеҳсолот, рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он фаъолият мебаранд.

Дар Паёми Пешвои миллат (26. 12. 2019) қайд гардидаст, ки «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». Вобаста ба ин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат ба 22 фоиз расонида мешавад [7, с.4]. Ба ақидаи мо, агар тамоюли рушди соҳаи саноати кишвар дар заминаи фаъолияти босамари МОИ босуръат амалӣ шуда, давоми ҳар сол ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ афзун гардад, ҳатман ба ҳадафи миллӣ ноил мегардем.

Бинобар ин, дар марҳилаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва мунтазам амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар амали саривақтист [5, с.4].

Мақсад аз эълон гардидани ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, дар кишвар, хусусан дар МОИ ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, ба хусус хӯрокворӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонаҳои нави саноатӣ ва дар ин замина бо ҷойи корӣ ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ, рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда дар раванди саноатикунонии кишвар самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Саноатикунонӣ дар адабиёти иқтисодӣ раванди босуръати иқтисодӣ-иҷтимоии гузариш аз марҳалаи рушди анъанавӣ ба индустриалӣ буда, бо бартарии истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёт устуворӣ нишон медиҳад. Ҳамин аст, ки дар ҷараёни саноатикунонӣ тағйироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо ташаккул ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт авҷ мегирад. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки бахшҳои алоҳидаи МОИ рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзун гардад.

МОИ, чунон ки аз мафҳумаш бармояд, ҳудуди махсус аз ҷониби давлат ҷудонамудае ба шумор меравад, ки дорои имтиёзҳои андозӣ, боҷӣ, молиявӣ буда, бо ҳадафҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода мешавад. Вобаста ба ин, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 чаҳор МОИ ташкил карда шуда буд, ки аз рӯи чунин шаклҳо фаъолият мебаранд: МОИ “Суғд” - саноатӣ-инноватсионӣ дорои 24 субъект (20-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ), “Данғара”-истеҳсолӣ-инноватсионӣ дорои 27 субъект (21-то истеҳсолӣ, 6-то хизматрасонӣ), “Панҷ”-комплексӣ дорои 17 субъект (13-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ), “Ишкошим”-истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дорои 3 субъект (1-то истеҳсолӣ, 2-то хизматрасонӣ) ва соли 2019 МОИ “Кӯлоб” таъсис дода шуд, шакли фаъолияташ - истеҳсолӣ буда, дорои 1 субъект мебошад [8, с.13].

Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир фаъолияти самараноки МОИ-и “Суғд”, “Панҷ”, “Данғара” ва “Ишкошим” ба ҳалли мушкилоти бо минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ алоқаманд бо раванди босуръати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Зарур мешуморем, ки барои ин, пеш аз ҳама, бояд корҳои муҳим оид ба сохтмон ва беҳтарсозии инфрасохтор, маблағгузорӣ ва фаъолнокии ин минтақаҳо ҷоннок карда шаванд [1, с.135].

Маъмулан чунин минтақаҳо дар аксари гӯшаҳои ҷаҳон бо намудҳои гуногун арзи ҳастӣ кардаанд, ки онҳо бо вазифаҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Инчунин, таъсиси ҳар як МОИ ҳадафҳои мушаххас дорад ва ҳадафҳо метавонанд аз ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, саноатӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар иборат бошанд. Бо назардошти ин, МОИ одатан ба минтақаҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва технологии инноватсионӣ тақсим мешаванд. Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар зиёда аз 120 давлати дунё мавҷуданд, ки афзоиши содирот ва шуғли аҳолиро дар кишварҳои худ ҳавасманд мекунанд. Мувофиқи маълумоти мавриди таҳлил мо, то соли 2025 ҳаҷми савдои молу маҳсулоти МОИ аз 30 то 40 фоизи савдои ҷаҳонро ташкил хоҳад дод. Нақши МОИ дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзуда, дурнамои захираҳои сармоягузориро пешбинӣ мекунад ва рушди устувори раванди истеҳсолиро дар саноат таъмин менамояд [1, с.131].

Ҳамзамон, МОИ заминае барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироӣ байни давлат, тиҷорати дохила ва амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорони дохилию берунӣ мебошад.

Дар шимоли Тоҷикистон МОИ “Суғд” фаъолияти хешро аз моҳи августи соли 2009 оғоз намуда, алҳол масоҳаташ ба 320 гектар доман паҳн кардааст ва аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ яке аз минтақаҳои фаъоли кишвар ба ҳисоб меравад. МОИ “Суғд” асосан минтақаи саноатию истеҳсолӣ ва инноватсионӣ буда, дар минтақа муҳити мувофиқ

ва шароити хуб барои сармоягузорон, махсусан имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ фароҳам карда, субъектҳои гуногуни истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудаанд [8, с.2].

Дар иртибот бо нуктаҳои боло марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо маҳдудияти назарраси маблағҳои буҷетӣ, ки бо тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом ва мураккаб шудани вазъи иқтисодӣ бо назардошти таҳримот алоқамандaнд, тавсиф карда мешавад. Ҳукумат бояд ба рушди соҳаи иқтисодиёт, хусусан саноат, ки дар кишвари мо ба заминаҳои устувор, аз қабили афзунии қувваи корӣ ва ашёи хом, доро аст, мусоидати бештар кунад. Мусаллам аст, ки барои амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар омилҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, қувваи барқ ва сармоягузорӣ басанда ҳастанд.

Бинобар ин, раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат дар замони хеле душвори иқтисодӣ, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз тарафи ҳукумат баҳри таҳаввулоти саноатӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад [2, с.152]. Ба андешаи мо, баҳри амалӣ намудани ҳадафи мазкур ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав ба нави истеҳсолӣ саҳм ва ҷойгоҳи энергетика назаррас мебошад. Иқрор бояд шуд, ки имрӯз дар Тоҷикистон саноат ба қувваи барқ эҳтиёҷ дорад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои муҳайё кардани иқтидорҳои нави истеҳсоли қувваи барқ тадбирҳои муассир андешида мешаванд, ки қадами устувор дар рушди иқтисодиёт ва саноатикунонии кишвар мебошад.

Омили дигар дар роҳи амалӣ намудани саноатикунонии босуръат бемайлон афзоиш бахшидани сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар МОИ ба ҳисоб меравад. Зеро, МОИ дар ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ бо мақсади амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ нақши муҳим мебозанд. Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ лоиҳаҳои амалишаванда ба манбаъҳои сармоягузорӣ эҳтиёҷ дошта, ин муаммои асосӣ маҳсуб мешавад, зеро бе сармояи кофӣ фаъолияти мунтазами соҳаро таъмин кардан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, саҳми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали зер дида мебароем.

***Ҷадвали 1.***

*Маълумот оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз рӯи соҳаҳо (с. 2019)*

| **Кишвар минтақаҳо** | **Миқдори лоиҳаҳо вобаста ба соҳаҳо** | | | | | | | **Ҳамагӣ лоиҳаҳо** | ***дар %*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гидроэнергетика** | **Саноати кӯҳӣ** | **Инфрасохтор** | **Саноати сабук** | **Соҳаҳои кишоварзӣ** | **Сектори иҷтимоӣ** | **Туризм** | | |
| Тоҷикистон | **47** | **23** | **18** | **39** | **13** | **18** | **3** | **161** | **100** |
| Суғд | 16 | 13 | 3 | 6 | 1 | 4 | - | 43 | 26,7 |
| Хатлон | 13 | 3 | 2 | 2 | 1 | 4 | - | 25 | 15,5 |
| НТҶ | 9 | 5 | 12 | 29 | 11 | 10 | 3 | 79 | 49,1 |
| ВМКБ | 9 | 2 | 1 | 2 | - | - | - | 14 | 8,7 |

***Манбаъ:*** *Додаҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // www.investcom.tj [6, с.3]*

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар вилояти Суғд ҳамагӣ 43 лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия шудааст, ки ин нишондод нисбат ба миқдори умумии лоиҳаҳои дар кишвар таҳиягардида 26,7% - ро ташкил дода, қисми зиёди онҳо ба соҳаҳои саноат (13 лоиҳа) ва энергетика (16 лоиҳа) нигаронида шудаанд. Аз миқдори умумии лоиҳаҳои дар вилояти Суғд таҳиягардида 13-тоашон (30%) ба МОИ – и Суғд рост меоянд. Тасаввур метавон кард, ки агар лоиҳаҳои таҳияшуда сари вақт сармоягузорӣ шаванд, иқтидорҳои азими саноатӣ бунёд гардида, рушди иқтисоди миллӣ хеле ҷоннок карда мешаванд.

Бино ба маълумоти оморӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ-и кишвар дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Масалан, дар МОИ-и «Суғд», тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ва андозҳои пардохтшуда суръати болоравиро инъикос намудааст [4, с. 85].

Бояд тазаккур дод, ки МОИ пойгоҳе барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, азхудкунии истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгирой байни давлат, бизнеси дохила ва сармоягузорони берунӣ инчунин амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Аз маълумотҳои оморӣ мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ кишвар дар соли 2019 андозаи 59,5 млн.сомониро ташкил дод. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд»-19 млн.сомонӣ ва «Данғара»-36,8 млн. сомонӣ рост меояд.

Умуман, аз оғози фаъолият (с.2008) ба минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат сармоягузории мустақим ба маблағи 1,72 млрд. сомонӣ равона гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкур дар вазъи феълии новобаста аз бухрони иқтисодӣ ҳам назаррас арзёбӣ мегардад. Агар барои мисол ҳаҷми сармоягузорӣ дар МОИ "Суғд"-ро гирем, маълум мегардад, ки аз оғози фаъолияти он пардохти андозҳо дигаргун шудааст, ки онро аз диаграммаи зерин бахубӣ метавон дид.

***Диаграммаи 1.***
*Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар фаъолияти МОИ – и "Суғд" дар солҳои 2010-2019 (бо сомонӣ) [3, с. 177]*




*Диаграммаро муаллифон дар асоси додаҳои Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додаанд.*

Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо ба МОИ “Суғд” дар солҳои 2010-2019 тамоюли афзоишро касб кардааст. Агар, ҳамчун мисол, мо маблағҳои умумии пардохти андозро дар ин давра бинем, маълум мегардад, ки ҳаҷми умумии он 10 маротиба афзоиш ёфтааст, яъне аз 1566 ҳазор сомонӣ то ба 15672 ҳазор сомонӣ расидааст. Сабаби асосии зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи саноат мебошад, ки аз 1,5 млн. сомонӣ то 14,3 млн. сомонӣ расидааст. Ба андешаи мо, сабаби ин болоравиҳо ба якчанд омил вобаста аст. Пеш аз ҳама, дуруст интихоб намудани стратегияи рушди иқтисодии давлат, аз тарафи дигар, дар асоси қонун зиёд кардан ва ҳавасмангардонии субъектҳои иқтисодӣ барои ҷоннок кардани фаъолият дар МОИ мебошад. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани ҳаҷми содирот дар низоми гардиши савдои хориҷӣ корхонаҳои дар ҳудуди МОИ қайдшуда самаранок ва устувор фаъолият кардаанд, иқтидорҳои истеҳсолӣ мақсаднок истифода бурда шудаанд.

Вобаста ба ин, бино бар маълумоти оморӣ, дар соли 2019 дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 141,7 млн.сомонӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2018 42,6% зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар МОИ-и “Суғд” 116,1 млн. сомонӣ, “Данғара” 25,3 млн. сомонӣ, “Панҷ” 0,293 млн. сомонӣ ва “Ишкошим” 0,036 млн. сомониро ташкил кардааст. Аз ин бармеояд, ки 82%-и ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатии кишвар ба МОИ-и “Суғд” рост омада, саҳми ин минтақа дар рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат назаррас мебошад. Барои таҳлил афзалиятҳои истеҳсолии МОИ-и “Суғд”-ро нисбат ба дигар минтақаҳо дар диаграммаи зерин манзур менамоем.

***Диаграммаи 2.***

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2019, млн.сомонӣ [1, с.136]*




*Диаграммаро муаллифон таҳия кардаанд.*

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ-и “Суғд” нисбат ба дигар минтақаҳо зиёдтар мебошад. Мушаххасан дар минтақаҳои мазкур ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 145% зиёд гардидаст. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои “Данғара” ба андозаи 133% ва “Панҷ” 117% мебошад. Сабаби зиёд гардидани нишондиҳандаҳои истеҳсолии МОИ-и “Суғд”-ро дар рушди соҳаи сармоягузорӣ дар ин минтақа ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин

будани он медонем. Ба андешаи мо, чунин фаъолияти ибратпазири МОИ-и “Суғд” дар заминаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ворид намудани технологияҳои нави инноватсионӣ, афзун намудани истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот дар роҳи амалишавии ҳадафи стратегии мамлакат такони ҷиддӣ хоҳад шуд.

Дар ҳамин ҷода пешниҳод менамоем, ки баҳри пешрафти соҳа ва таъмини МОИ-и кишвар бо мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ дар мавридҳои созгор дар муассисаҳои марбутаи таълимии мамлакат доир ба хусусиятҳо, қоидаву қонуниятҳо ва бартариятҳои фаъолият дар МОИ пайваста омӯзонида шаванд.

Имрӯз гуфта метавонем, ки дар қаламрави кишвар дурнамои ташкили минтақаи махсуси иқтисодӣ вуҷуд дошта, дар ин замина дар маҳалҳои муносиб минтақаи махсуси сайёҳӣ ва фароғатӣ таъсис додан манфиатбахш хоҳад буд. Бидуни шубҳа, чунин тадбир ба маҳалҳое, ки ба сармоягузориҳои гуногун ниёз дорад, метавонист бештар манфиат орад.

Бо мақсади марҳила ба марҳила амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ба рушди соҳибкорӣ (хурду миёна), махсусан соҳибкории истеҳсолӣ ва ҷоннок намудани фаъолияти сармоягузорӣ, диққати махсус додан зарур аст. Ба соҳибкории хурду миёна, дар навбати аввал ба соҳибкорони соҳаҳои истеҳсоли ватанӣ, ки дар МОИ фаъолият мебаранд, ҳарчи бештар имтиёзҳои андозӣ дода шаванд. Бо назардошти шароити хуби табиӣ муҳим аст, ки коркарди оқилонаву мақсадноки маҳсулоти (ашёи хоми) соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки фаъолияти пурра ва устувори МОИ имконият медиҳад, ки мушкилоти дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан дар тамоюли босуръати рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, ташкил додани ҷойҳои нави кории инноватсионӣ ва ғайра ҷойдошта, ҳал карда шаванд.

Чун хулоса қайд кардан ҷоиз аст, ки иқтидорҳои истеҳсолии МОИ дар самти баланд бардоштани рушди иқтисоди миллӣ мақоми назаррасе касб карданашон аз эҳтимол комилан дур нест. Инро дар мисоли МОИ “Суғд” метавон мушоҳида кард, ки бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ба иҷропазир будани ҳадафҳои стратегии дар пешистода ба таври равшан далолат менамоянд.

***Пайнавишт:***


1. *Ғаффаров Ф.М. Нақши сармоягузорӣ ва МОИ дар раванди саноатикунонии кишвар/мақолаи илмӣ /Душанбе: Ахбори Донишгоҳи миллӣ, 2019. – С. 130-139.*
2. *Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. - Хуҷанд, 2008. - С.252.*
3. *Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар соли 2020. – С. 385.*
4. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 465с.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018. ш. Душанбе. www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 05.01.2021).*
6. *Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // www.investcom.tj. (санаи муроҷиат: 08.01.2021).*
7. *Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 15.01.2021).*
8. *Сомонаи расмии МОИ - Ҷумҳурии Тоҷикистон // info@fez.tj. (санаи муроҷиат: 02.01.2021).*

**Reference Literature:**

*1. Gaffarov F.M. The Role of Investitures and FEZs in the Process of the Country`s Industrialization. – Dushanbe: National University Tidings, 2019. – pp. 130 – 139.*

*2. Mirsaidov A.B. Independence and Development of National Economy. – Khujand, 2008. – p. 252.*

*3. Statistical Data of the Central Managerial Office of the Agency of Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat for 2020. – p. 385.*

*4. Yearly Statistics of Tajikistan Republic. Statistical Collection of the Statistical Agency under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2019. – p. 465.*

*5. The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon from 26.12.2018. – Dushanbe, www. www.prezident.tj.*

*6. Official Site of the Committee on State Investitures and Management with State Property of Tajikistan Republic // www.investcom.tj. (санаи муроҷиат 08.01.2021)*

*7. Official Site of Tajikistan Republic President, www.prezident.tj. (санаи мурочиат 15.01.2021)*

*8. Official Site of FEZs of Tajikistan // info@fez.tj. (санаи мурочиат 02.01.2021)*

***УДК 339.371.2***
***ББК 65.422.2***

# *ДУРНАМОИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНАИ ШАҲРҲОИ ДУШАНБЕ ВА ХУҶАНД*

***Шаропов Фарҳод Разоқович**, д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ; **Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович,** муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДҲБСТ; **Амонов Саҳбон Сарватҷонович**, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ*

# *ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ ГОРОДОВ ДУШАНБЕ И ХУДЖАНДА*

***Шаропов Фарход Разокович,** д-р экон. наук, профессор ТГУК; **Лутфуллоев Мазбутджон Дадоджонович,** ст. преподаватель кафедры информационных технологий в экономике ТГУПБП; **Амонов Сахбон Сарватджонович,** ст. преподаватель кафедры менеджмента ТГУК*

# *PROSPECTS FOR RETAIL TRADE DEVELOPMENT IN REGARD TO THE CITIES OF DUSHANBE AND KHUJAND*

***Sharopov Farhod Razokovich,** Dr. of Economics, Professor of Tajik State University of Commerce; **Lutfulloev Mazbutjohn Dadojonovich,** senior lecturer of the department of informational technologies in economy under Tajik State University of Law, Business and Politics; **Amonov Sahbon Sarvatjonovich,** senior lecturer of the department of management TSUC (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:** farkhod79@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** савдои чакана, дурнамои рушд, дастрасии нархӣ, рақобатпазирӣ, самаранокии иқтисодӣ, сифати хизматрасонии савдо, заминаи меъёрӣ, ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана*

*Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд баррасӣ шудааст. Мушкилоти рушди низоми савдои чаканаи шаҳрҳои зикршударо муайян карда шудаанд. Зикр шудааст, ки рушди минбаъдаи савдои чакана ва такмили сохтори он масъалаи муҳимми иқтисодию иҷтимоӣ мебошад.*

*Асоснок карда шудааст, ки татбиқи имкониятҳои васеи савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ба баланд бардоштани самаранокии савдои чакана, дастрасии нархӣ, афзоиши номгӯи мол ва сифати баланди хизматрасонии савдо мусоидат менамояд. Дар асоси муайян кардани тамоюлҳои рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, афзалиятҳои асосии дурнамои рушди шабакаҳои савдои чаканаи шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ муайян шудаанд.*

***Ключевые слова:** розничная торговля, перспективы развития, ценовая доступность, конкурентоспособность, экономическая эффективность, качество торговых услуг, нормативная база, стимулирование развития розничной торговли*

*Рассматриваются перспективы развития розничной торговли в Душанбе и Худжанде. Выявляются проблемы развития системы розничной торговли в этих городах, отмечается, что дальнейшее развитие розничной торговли и совершенствование ее структуры являются важными социально-экономическими вопросами. Обосновано, что реализация широкого спектра возможностей розничной торговли в гг. Душанбе и Худжанде поможет повысить её эффективность, доступность цен, увеличить*

*ассортимент товаров и обеспечить высокое качество торговых услуг. На основе выявления тенденций развития розничной торговли в гг. Душанбе и Худжанде определены основные приоритеты развития торговых сетей в крупных городах страны.*

**Key words:** *retail trade, development prospects, affordability, competitiveness, economic efficiency, quality of trade services, regulatory framework, stimulation of retail trade development*

*The article discusses the prospects for the development of retail trade in Dushanbe and Khujand. The authors identify the problems of the development of the retail trade system in these cities, noting that the further development of retail trade and the improvement of its structure important economic and social issues.*

*It is substantiated that implementation of a wide range of opportunities in Dushanbe and Khujand will help to increase efficiency of retail trade, affordability of prices, of goods and provide high quality of trade services. On the basis of identifying the trends in the development of retail trade in Dushanbe and Khujand the main priorities for the assortment development of retail networks in large cities of the country have been identified.*

Савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад. Ин соҳаи иқтисодиёти миллӣ аз рӯи шумораи кормандон, ҳаҷми фаъолият ва ҳиссагузорӣ ба ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бахши асосӣ ба шумор меравад. Савдо ҳамчун сарчашмаи ворид гаштани воситаҳои пулӣ қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад ва ба устувории молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд [4, с. 23].

Зернизоми чаканаи савдои дохилӣ дар шароити имрӯза қариб 90 %-и гардиши моли ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва низоми мураккабе дар доираи муҳити иқтисодиву иҷтимоии зудтағйирёбандаи бозорӣ мебошад. Ҳамаи ҷараёнҳои мусбат ва манфие, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба амал меоянд, пеш аз ҳама дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана инъикос меёбанд. Ҳиссаи он ҳамчун бахши махсуси иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли ММД-и ҷумҳурӣ дар соли 2019 тақрибан 14,0 %-ро ташкил дод [1, с. 202], аз рӯи нишонаи ворид гардидани маблағҳои андоз ба буҷети давлатӣ соҳаи савдо дар байни дигар соҳаҳои иқтисодиёт мавқеи панҷумро ишғол мекунад.

Дар шароити муосир ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ тадриҷан зиёд гашта, тибқи омори расмӣ алҳол беш аз 6,5 %-и шумораи аҳолии фаъоли иқтисодиро ташкил медиҳад [1, с. 92].

Натиҷаҳои таҳлили мо оид ба рушди савдои чакана ва сатҳи хизматрасонии савдо ба истеъмолкунандагон дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар рушди ин соҳаи муҳимми иқтисодиёти миллӣ вобаста ба минтақа ва шаҳру навоҳии гуногун тафовути назаррас мушоҳида мегардад. Махсусан фарқияти зикршуда дар рушди савдои чаканаи шаҳрҳои нисбатан калони кишвар, ба монанди Душанбе ва Хуҷанд нисбат ба дигар шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ чашмрас аст. Тафовути ҷиддӣ бештар дар ташкили раванди савдо, таъсиси шабакаҳои муосири савдо, татбиқи навовариҳо ва технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана, рушди савдои чаканаи шабакавӣ ва ғайра ҷой дорад.

Вале новобаста аз пешравию дастовардҳо ва тамоюлҳои мусбат дар рушди иқтисодии шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, ба андешаи мо, савдои чаканаи шаҳрҳои зикршуда дар муқоиса бо шаҳрҳои калони кишварҳои ИДМ бо суръати суст рушд карда истодааст, ки ин зарурати таҳия ва татбиқи дурнамои рушди минбаъдаи онро ба миён меорад.

Аз таҳлилу мушоҳидаҳои мо бармеояд, ки дар низоми савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, новобаста аз баъзе фарқиятҳо, чунин масъалаҳои ҳалталаби умумӣ вуҷуд доранд:

- номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана;
- рушди нокифояи инфрасохтори савдои чакана ва мавҷуд набудани сатҳи зарурии рақобат дар савдои чакана;
- сатҳи нисбатан пасти салоҳияти касбии кормандон ва ҳайати хизматрасони корхонаҳои савдои чакана;
- номукаммал будани низоми ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, мавҷуд будани шаклҳои анъанавии шабакаҳои савдои чакана;
- суръати сусти навсозии заминаи моддию техникии корхонаҳои савдои чакана ва муҷаҳҳазонии онҳо;
- нобаробарии сатҳи рушди савдои чакана дар маркази шаҳрҳо ва атрофи он;
- нархи нисбатан баланди иҷораи корхонаҳои савдо, махсусан дар марказҳои нави савдо;
- сатҳи нокифояи истифодаи усулҳои муосири хизматрасонӣ ва сифати нисбатан пасти хизматрасонии савдо дар бозорҳо [3, с. 93-94].

Таҳлили бозори савдои чаканаи шаҳрҳои зикршуда нишон медиҳад, ки рушди босуботи савдои чакана ба рақобатпазирии иқтисодиёти тамоми шаҳр ва ғанӣ гардонидани буҷети он таъсири мусбат мерасонад [2, с. 182]. Бинобар ин, ба андешаи мо, рушди минбаъдаи савдои чакана ва такмили сохтори он вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Мо чунин меҳисобем, ки барои рушди самараноки савдои чакана дар ин шаҳрҳо имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки бо афзун намудани шумораи умумии масоҳатҳои савдо, зиёд гардонидани вазни қиёсии шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана, рушди рақобат дар байни субъектҳои савдо ва ғайраҳо вобастагӣ доранд.

Татбиқи ин имкониятҳо ба баланд бардоштани самаранокии савдои чакана, рушди дастрасӣ ба нархи молҳо, зиёдшавии номгӯи молҳо ва болоравии сифати хизматрасонии савдо, афзоиши даромади корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ оварда мерасонад.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, ба андешаи мо, афзалиятҳои зеринро муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана;
2. Татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдо чакана;
3. Таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳукуи истеъмолкунандагон;
4. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.

Ба андешаи мо, дар асоси вазифаҳои дар боло зикршуда барои рушди дарозмуддати савдои чакана дар шаҳрҳои нисбатан калон ва рушдёфтаи ҷумҳурӣ ҳадафҳои зерини дурнаморо қайд кардан мумкин аст:

- фароҳам овардани шароит барои таъмини рақобат дар байни субъектҳои савдои чакана тавассути ташаккули инфрасохтори рушдёфта, таъмини иттилоотии истеъмолкунандагон, ташаккули системаи мониторинги рушди савдо, такмили механизм ва воситаҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти инноватсионии субъектҳои бозори истеъмолӣ;
- муайян кардани принсипҳо ва самтҳои афзалиятноки фароҳам овардани шароит ва механизме, ки ташаккули шаклҳои мутамаддини савдо ва рушди робитаҳои иқтисодиро бо истеҳсолгарони ватанӣ таъмин мекунанд, инчунин татбиқи технологияҳои муосири савдо;

- ташаккули низоми ягонаи танзими фаъолияти савдо дар худуди шаҳрҳо, аз ҷумла такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти бозорҳо, рушди шакл ва усулҳои назорат ва ҳамоҳангсозӣ, инчунин механизми худтанзимкунии соҳаи савдои чакана;
- ташаккули нақшаи ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, ки дастрасии молу хизматрасониҳоро дар шаҳрҳои калон таъмин менамояд;
- фароҳам овардани шароит барои ташаккули савдои иҷтимоӣ, ки ба қишрҳои камбизоат, осебпазир ва имконияташон маҳдуди аҳолӣ равона карда шудааст;
- таъмини бехатарии молҳои фурӯхташаванда ва сифати хизматрасонӣ бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, бахусус дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла коронавируси навъи COVID-19;
- тақвият додани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳрҳо бояд таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба иҷрои ҳадафу вазифаҳои зикршуда, таъмини рушди савдои чакана ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба харидоронро пешбинӣ намояд [1, с. 202].

Ба андешаи мо, ки дурнамои рушди шабакаҳои савдои чакана бояд чунин самтҳои асосии афзалиятнокро дар бар гирад:

1) Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана.
2) Таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳрҳо барои субъектҳои савдои чакана.
3) Амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ.
4) Рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана.
5) Дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана.
6) Таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори савдои чакана.
7) Такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана.

Бояд қайд кард, ки рушди корхонаҳои савдои чакана дар шаҳрҳо бидуни таҳия ва иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо оид ба такмили муҳити меъёрию ҳуқуқие, ки дар доираи онҳо фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, ғайриимкон аст.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди савдои чакана гувоҳӣ медиҳад, ки муносибатҳои бозорӣ дар ин соҳаи иқтисод қариб дар ҳама кишварҳо тибқи бо роҳу усулҳои мухталиф, аз он ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ танзим карда мешаванд. Илова бар ин, ҳоло танзими давлатӣ дар самти мусоидат ба рушди инноватсионии фаъолияти савдо пурзӯр шуда истодааст.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана дар ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои он ба талаботи муқарраршуда оид ба ташкили фаъолияти корхонаҳои амалкунандаи савдо тадриҷан такмил ёфта истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти субъектҳои савдои чакана асосан бо қонунгузории шаҳрвандӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон танзим карда мешавад.

Ҳадафи асосии такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд фароҳам овардани шароити баробар дар бозори истеъмолӣ барои ҳамаи субъектҳои савдо, новобаста аз шакли моликияти онҳо мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд заминаи ҳуқуқие муҳайё карда шавад, ки фаъолияти сармоягузориро оид ба ташаккули заминаи муосири моддию техникӣ; ҳифзи бозори молҳои истеъмолии шаҳрҳо аз маҳсулоти пастсифат, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва фурӯшандагон, инчунин ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандони соҳаи

савдои чаканаро ҳавасманд намояд.

Ба андешаи мо, таъмини рақобати солим дар бозори истеъмолӣ омили муҳиме ба ҳисоб меравад, ки ба рушди шабакаи савдои чаканаи шаҳрҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ мусоидат мекунад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ бояд дар асоси принсипҳои пешгирии истифодаи мавқеи монополӣ дар бозор ва ҳавасмандгардонии рақобати озод такмил дода шавад ва риояи татбиқи он зери назорат гирифта шавад.

Ба андешаи мо, бо мақсади пешгирии мавқеи инҳисорӣ ва афзоиши беасоси нархҳо аз ҷониби корхонаҳои савдое, ки мавқеи пешсафиро дар бозор доранд, бояд тадбирҳои муассир амалӣ гардонида шаванд ва ҳангоми ошкор намудани маҳдудияти рақобат, аз чораҳои пешбининамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ истифода бурда шавад.

Таҷрибаи мамолики хориҷӣ нишон медиҳад, ки субъектҳои савдои чакана мавриди назорати доимӣ ва мониторинги мунтазами мақомоти зиддиинҳисорӣ қарор дода шудаанд. Маҳз назорати ҷиддии мақомоти ваколатдори давлатӣ барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии рақобат дар байни субъектҳои савдо мебошад [3, с. 78].

Таъмини рақобат барои рушди савдои чаканаи шаҳрҳо муҳим аст. Азбаски савдои чакана соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ басо муҳим аст, механизми самараноки зиддиинҳисорӣ барои нигоҳ доштани рақобати солим дар савдои чакана зарур мебошад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рақобат дар бозори истеъмолӣ гузаронидани мониторинги доимии нархҳо барои гурӯҳҳои молҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта ва андешидани тадбирҳои муассир барои пешгирии афзоиши беасоси нархҳо мебошад.

Бо мақсади мусоидат ба таблиғи маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳияи механизми самараноки нархгузорӣ ба молҳои ғизоӣ, таъмин намудани аҳолии шаҳрҳо бо номгӯи васеи молҳо, шабакаҳои бевосита дастрас намудани маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ташкили ярмаркаҳо зарур аст.

Натиҷаҳои таҳлилу мушоҳидаҳои мо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои қишрҳои осебпазир ва камбизоат ҷой доранд ва омили асосии муайянкунандаи рафтори онҳо дар бозор дастрасии нархи молҳо ба ҳисоб меравад, ки ҳалли ин масъала пеш аз ҳама кӯмаки иҷтимоии суғуртавӣ мебошад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ нархи молҳо ва хизматрасонӣ озод мебошанд, ки сатҳи онҳоро таносуби тақозо ва арза дар бозори истеъмолӣ муайян мекунад. Дар ин росто пешниҳод мегардад, ки нархи моводи асосии ғизоӣ, ки дар бозори истеъмолии шаҳрҳо фурӯхта мешаванд, зери назорат гирифта шавад ва афзоиши беасоси онҳо пешгирӣ гардад.

Ба андешаи мо, мақомоти ваколатдор бояд татбиқи лоиҳаҳои ташкили корхонаҳои савдои чаканаеро, ки ба хизматрасонии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир равона карда шудаанд, дастгирӣ ва мусоидат намоянд. Инчунин мувофиқи мақсад аст, ки тадбирҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои маъюбон ва дигар шахсони имконияташон маҳдуд дар корхонаҳои савдои чакана роҳандозӣ гарданд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шаҳрҳои нисбатан калони ҷумҳурӣ, ба монанди Душанбе ва Хуҷанд зарурати ташкили низоми ягонаи омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои корхонаҳои савдои чакана ба миён омадааст. Барои тақвияти захираҳои кадрӣ дар соҳаи савдо, аз он ҷумла савдои чакана, бояд чорабиниҳои зерин амалӣ карда шаванд: гузаронидани таҳлили тақозо ва арза дар соҳаи савдо; ташкили ҷойҳои нави корӣ; ташаккули низоми таълим, омодакунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташкили семинарҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат; ташкили озмунҳо ва чорабиниҳо, ки ба тақвияти нақши омили инсонӣ ва баланд бардоштани нуфуз ва самаранокии кори кормандон дар корхонаҳои савдо мусоидат мекунанд; таҳия ва татбиқи барномаҳои

таълимӣ барои роҳбарони субъектҳои соҳибкории хурд дар шабакаи савдои чакана.

Ба андешаи мо, ба қатори чораҳои судманд оид ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи савдои чакана чунин амалҳоро дохил кардан мумкин аст:

- гузаронидани таҳлили рушди корхонаҳои хурди савдои чаканаи шаҳрҳо;
- мусоидат дар ташкили ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо, ки манфиатҳои корхонаҳои хурдро дар савдои чакана намояндагӣ мекунанд;
- ташаккули низоми самараноки иттилоотию машваратӣ барои дастгирии соҳибкории хурд ва миёна тавассути гузаронидани мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо ва ғайра.

Таҳлили бозори савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд нишон дод, ки дар соҳаи ҳимояи истеъмолкунандагон дар бозори молҳои истеъмолӣ, айни ҳол, масъалаҳои ҳалношуда бисёранд: маърифати пасти ҳуқуқии харидорон; огоҳии нокифояи истеъмолкунандагон оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, сифат ва бехатарии молҳои истеъмолӣ; ҳамкории сусти истеъмолкунандагон бо мақомоти нозиротӣ ва танзимкунанда; паст будани тахассуси кадрҳо дар корхонаҳои савдои чакана ва ғайра.

Масъалаҳои болозикр ҳолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро дар шаҳрҳо душвортар мекунанд. Вобаста ба ин, ба андешаи мо, бояд чунин масъалаҳо ҳаллу фасл гарданд:

- ошкор ва бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар бозори истеъмолӣ ва савдои чакана;
- ташкили курсҳои омӯзишӣ дар байни аҳолӣ оид ба ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;
- такмили низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори савдои чакана;
- таҳкими ҳамкории байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;
- ташкили низоми такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Ба андешаи мо, такмили низоми ҷойгирсозии намудҳои савдои чакана бояд чорабиниҳои зеринро дар бар гирад: мусоидат ба ташаккули инфрасохтори савдои чакана; таъмин намудани хизматрасонии баландсифат ба мизоҷон; баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолии шаҳр бо шаклҳои муосири корхонаҳои савдо; тадриҷан коҳиш ёфтани ҳиссаи савдо дар бозорҳо ва афзоиши ҳиссаи тиҷорат дар форматҳои муосири савдои чакана; табдил додани бозорҳои чакана ба марказҳои савдои муосир ва ғайра.

Ҳамин тавр, татбиқи самтҳои асосии дурнамои рушди савдои чакана ба баланд бардоштани самаранокии рушди савдои чакана ва таъмини сифати хизматрасонии савдо дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

**_Пайнавишт:_**


1. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.*
2. *Факеров Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 290 с.*
3. *Факеров Х.Н., Шаропов Ф.Р., Мариншоев М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли: Монография / Под редакҷией д-ра экон. наук, профессора Хабибова С.Х. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 150 с.*
4. *Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: Монография / Ф.Р.Шаропов. Под.ред. д.э.н., профессора С.Х.Хабибова – Душанбе: Ирфон, 2018. – 280 с.*

**Reference literature:**

1. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President– Dushanbe, 2020. – 443 pp.*
2. *Fakerov H.N. Consumers' Market: State and Prospects. Monograph. – Dushanbe: Cognition, 2019. – 290 pp.*
3. *Fakerov H.N., Sharopov F.R., Marinshoev M.M. Social-Economic Mechanism of Retail Trade Development: monograph // Under the editorship of Dr. of Economics, Professor Habibov S.H. – Dushanbe: Cognition, 2018. – 150 pp.*
4. *Sharopov F.R. Management with locial-Economic Development of Retail Trade. Monograph // F.R. Sharopov. Under the editorship of Dr. of Economics, Professor S.H. Habibov– Dushanbe: Cognition, 2018. – 280 pp.*

## 12 00 00 ҲУҚУҚШИНОСӢ
## 12 00 00 ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ
## 12 00 00 LAW SCIENCES

### 12.00.01 ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
### 12.00.01 THEORY AND HISTORY OF STATE AND LAW; HISTORY OF TENETS RELATED TO STATE AND LAW

***УДК 349.6***
***ББК 67.407***

# *ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ РАЗВИТИЯ ПОНЯТИЯ “ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ФУНКЦИЯ ГОСУДАРСТВА” И НАУКИ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПРАВА*

***Кодирзода Мирзокодир Аюб,*** *зам. начальника отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан (Таджикистан, Душанбе)*

# *ҲАМБАСТАГИИ ИНКИШОФЁБИИ МАФҲУМИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ ВА ИЛМИ ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ*

***Қодирзода Мирзоқодир Аюб,*** *муовини сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *INTERACION BETWEEN THE DEVELOPMENT OF THE CONCEPT “ECOLGICAL FUNCTION OF STATE” AND THE SCIENCE OF ENVIRONMENTAL LAW*

***Kodirzoda Mirzokodir Ayub,*** *Deputy Head of the Civil, Business and Family Legislation Department of the National Legislation Center under the Auspices of Tajikistan Republic President (Tajikistan, Dushanbe)**E-MAIL:** mirzokodir-1@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *государство, экологическая функция, охрана окружающей среды, природные ресурсы, экологическое право, рациональное использование, деятельность государства, природопользование*

*Анализируются общетеоретические основы концепции развития экологической функции государства и ее соотношение с наукой экологического права и действующим законодательством. Отмечается, что экологическая функция государства как необходимый предмет изучения экологического права важна для сохранения, правильного использования и восстановления природных ресурсов. Для определения концепции экологической функции государства и ее взаимосвязи с наукой экологического права проведен подробный научно-теоретический анализ реализации государственной политики в области охраны окружающей среды. Представлены взгляды различных отечественных и зарубежных исследователей в сфере экологической функции государства, на их основе предложены способы и методы продвижения государственной политики в области экологической функции государства.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *давлат, функсияи экологӣ, ҳифзи муҳити зист, сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи экологӣ, истифодаи оқилона, фаъолияти давлат, табиати истифодабарӣ*

*Дар мақола тибқи назарияи илми ҳуқуқи экологӣ ва қонунгузории амалкунандаи соҳа, асосҳои умуминазариявии инкишофи фуксияи экологии давлат ва алоқамандии он бо илми ҳуқуқи экологӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Зикр гардидаст, ки функсияи экологии давлат барои нигаҳдорӣ, истифодаи дуруст ва барқарорсозии объектҳои табиӣ аҳамияти муҳим дорад ва чун матлаби муҳимми илми ҳуқуқи экологӣ баромад менамояд. Бо истифода аз андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи экологӣ барои муайян намудани мафҳуми функсияи экологии давлат, алоқамандии он бо илми ҳуқуқи экологӣ ва амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таҳлили илмӣ-назариявӣ гузаронида шудааст. Андешаҳои олимону муҳаққиқони мухталифи ватаниву хориҷӣ роҷеъ ба мафҳуми функсияи экологии давлат баррасӣ гардида, дар асоси онҳо ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи функсияи экологии давлат пешниҳодот оварда шудааст.*

**Key-words:** *state, ecological function, environmental protection, natural resources, ecological law, rational use, activity of the state, environmental management*

*The article analyzes general theoretical foundations of the concept of the development of state ecological function and its relationship with the science of environmental law and current legislation. It is noted that the ecological function of the state as a necessary subject for the study of environmental law is important for preservation, proper use and restoration of natural resources. In order to determine the concept of the state's ecological function and its relationship with the science of environmental law the author carried out a detailed scientific and theoretical analysis of implementation of state policy in the field of environmental protection using the views of scientists in the field of environmental law science.*

*The article presents the views of various domestic and foreign scientists and researchers in the field of the ecological function of the state on the basis of which methods of promoting the state policy in the field of the ecological function of the state are presented.*

Функция государства является предметом внимания многих специалистов в различных областях. Чтобы всесторонне изучить функцию государства, необходимо комплексно исследовать сущность всех его существующих функций. С этой точки зрения в теории юриспруденции полностью изучены вопросы становления, реализации и возрождения функции государства.

По мнению российского ученого Д.С. Мица, категория «функция государства» начала формироваться с середины XIX века. Научное обоснование данная категория получила на рубеже XIX–XX веков [12, с. 28].

Сущность и социальное назначение государства отражаются в его основных функциях. Под основными функциями государства понимаются направления государственной деятельности по реализации поставленных задач и целей.

Любое государство выполняет определенные функции. Задачи государства – это важные жизненные проблемы, которые стоят перед обществом на том или ином историческом этапе. По мнению известного таджикского правоведа Р.Ш. Сатывалдиева, функции государства являются основными направлениями государственной деятельности, предназначенными для решения проблем [17, с.238].

Из этого определения понятно, что основные виды деятельности государства могут быть разными, что является основанием для возникновения тех или иных видов государственных функций. Мы считаем, что для изучения экологической функции государства как одной из его основных функций необходимо рассмотреть термины «экология» и «экологическое право».

Понятие «экология», как и многие общенаучные определения, не являясь определенно юридическим, было заимствовано из других наук. Термин «экология» (от двух греческих слов «oikos» - «дом, жилище» и «logos» - «наука», «учение») был введен в 1866 г. немецким естествоиспытателем Э. Геккелем для обозначения науки, изучающей взаимоотношения живых организмов с окружающей их средой. В XX в. экология далеко вышла за рамки биологической науки, и в результате этого процесса ее объектом стали популяции живых организмов, экосистемы, люди и биосфера в целом.

Несмотря на то, что существует большое количество междисциплинарных наук, изучающих экологические проблемы, взаимосвязь «общество-государство-природа» достаточно изучена только в правовой экологии [11, с.4]. В то же время автор может охватить все аспекты упомянутой триады и уточнить понятие «экологическая функция» только с помощью экологического права.

До середины 1970-х гг. понятия «экологическое право» не существовало. Тогда Н.Д. Казанцев выдвинул идею самостоятельного правового регулирования охраны природы и обосновал идею природоохранного права. Первый учебник по охране природы в СССР был издан Московским государственным университетом (МГУ). В него впервые в советском законодательстве были включены термины «окружающая среда» и «экология».

Затем Н. Казанцев предложил и обосновал идею природоресурсного права как области независимого права. В целом эта идея была положительно воспринята в научных кругах. Таким образом, была обоснована независимость двух комплексных областей права – природоресурсного и природоохранного. Это явилось основой для дальнейшего формирования целостного права окружающей среды, а затем – и экологического права.

Однако в настоящее время в юриспруденции существуют два противоположных взгляда на этот вопрос. Первый состоит в том, чтобы предложить называть сферу права, регулирующую отношения между природой и обществом, «право окружающей среды», а второй - «экологическим правом». Сторонники первой позиции – М.М. Бринчук, М. Васильева, А.С. Тимошенко, К.Н. Благосклонов, В.К. Рэйчел. Они приводят следующие основания для того, чтобы дать данной сфере права указанное выше название:

1. До второй половины 80-х годов XX века в научной и учебной литературе использовались названия «природоресурсное право», «природоохранное право», «природоресурсное и природоохранное право» [4, с. 27]. В середине 80-х годов XX в. было принято решение назвать эту отрасль экологическим правом. В первую очередь это коснулось профильных научных и учебных заведений. Так, сектор проблемы охраны окружающей среды Института государства и права АН СССР был переименован в сектор экологического права.

По мнению М.М. Бринчука, «изменение названия данной области связано с развитием социальной экологии, предметом которой является исследование двусторонних отношений между обществом и окружающей средой. Однако возникновение и признание социальной экологии как науки не может служить основанием для наименования области экологического права» [4, с.27].

2. «Опыт формирования и развития национальной и международной правовой системы показывает, что основанием для обозначения области права является предметная область категории соответствующих правоотношений (для земельных прав - земля, для водных прав - вода и т. д.). Если в качестве основы для наименования области, являющейся объектом исследуемого правоотношения, взять название естествознания, то это противоречит сложившейся юридической практике, поскольку в данном случае мы имели бы «гидрологическое право», «землеведение», «геологию» [19, с .47-48].

3. «Право окружающей среды - это уже установленный объективный факт, который мало зависит от воли законодателя или доктринальной оценки: он должен быть принят и ему должно быть отведено надлежащее место в правовой системе» [5, с.16].

Упомянутая позиция имеет сторонников в США. В частности, Р. Рикфельс пишет, что «экология стала настолько популярной, что под ней делается все: строительство очистных сооружений, региональное землеустройство, переработка бумаги и т.д.» [16, с.143].

4. Как отмечает М.М. Бринчук, зарубежный опыт в данной сфере тоже активно развивается. В англоязычных странах термин «Environmental Law», который является синонимом изучения правовой дисциплины отношений между «обществом и природой», в переводе означает «право окружающей среды». Слово «environment» означает «состояние окружающей среды». В связи с этим органы, выполняющие функцию охраны окружающей среды, например в США, называются EPA (Environmental Protection Agency) - Агентство по охране окружающей среды [20, с.150]. Категория «экология» используется в естествознании.

По-немецки этот предмет называется Unweltrecht – право окружающей среды.

Основываясь на представленных доказательствах, автор пришёл к выводу, что эту область следует называть «правом окружающей среды».

Противоположную позицию (вторая точка зрения) занимают такие ученые, как О.С. Колбасов, Э.С. Навасардова, А.А. Забелишенский, С.А. Демина, И. Макаревич. Основное отличие в их подходе - это название области «экологическая». Суть их аргументов заключается в методологической несостоятельности понятия «право окружающей среды» по следующим основаниям:

1. «Эксперты, решительно отстаивающие понятие «право окружающей среды», тем самым строго называют предметом этой области экологические отношения» [14, с.173-185].

2. М.М. Бринчук сказал, что переименование специализированного предмета «научно не оправдано». По словам О.С. Колбасова, это произошло «на всеобщем собрании в 1986 году по сектору земельного права и ... сектору правовых проблем права окружающей среды, ...где они собрались с целью комплексного изучения проблем природопользования и охраны природы» [8, с. 28].

3. Понятия «вода» и «гидрология», которые кажутся более близкими по содержанию, на самом деле принципиально разные. Гидрология - это геофизическая наука, изучающая природные воды. Но она не касается изучения использования и сохранения воды суши и океана. Если следовать логике А.С. Тимошенко, то нужно называть эту область правом водного хозяйства, что неверно, потому что теряется аспект защиты воды.

На основании приведенных выше сравнений, на наш взгляд, правильным выводом является то, что область следует называть «экологическим правом», а функцию - «экологической».

Следует отметить, что в указанных выше отношениях, помимо ряда отличий, присутствуют схожие позиции, которые важны для понимания изучаемой категории «экологическая функция государства». Однако такая позиция была признана сторонниками обоих подходов как существование двух элементов в области экологического права (права окружающей среды): природоохранного и природоресурсного.

Об этом М. Бринчук пишет: «Отношения, возникающие по поводу окружающей среды, являются предметом этой области (т.е. экологического права)» [4, с.23]. Такой подход обобщает «право окружающей среды» (экологическое право), главной задачей которого является механическая интеграция двух отраслей права: природоохранного и природоресурсного.

Б.В. Ерофеев, развивая следующий подход, попытался разделить эти две области, которые считал «независимыми» [2, с.39-41]. Однако на современном этапе исследований

вопрос о составляющих экологического права остается устойчивым. На наш взгляд, некорректно сравнивать «целое» экологическое право с его «частью» - природоресурсным правом: относить понятие «часть» к понятию «целое» является неправильным.

Ю.А. Ежов также отмечает необходимость комплексного изучения частей природоохранного и природноресурсного экологического права: «Разделение двух подразделов: «охрана окружающей среды» и «природные ресурсы» в структуре экологического законодательства [7, с.25] полностью оправдано».

Таким образом, исходя из определения «экологическая функция государства», можно сделать вывод, что право определяет изучаемую функцию, отражает состав ее подфункций и устанавливает четыре компонента: охрана, рациональное использование, реконструкция и оздоровление. Вывод подтверждается следующими точками зрения.

М.М. Бринчук пишет, что «экологическая функция государства в своем порядке включает в себя деятельность по управлению природными ресурсами в интересах общества, а также деятельность, направленную на обеспечение рационального использования природных ресурсов с целью предотвращения их разрушения, защиты окружающей среды от деградации» [3, с.59-60].

М.И. Марченко, говоря о функции социального государства, дополняет ее экологическим содержанием: «это деятельность, направленная на рациональное использование природных ресурсов, внедрение новых безотходных технологий в производство» [18, с.26].

М.И. Байтин предлагает называть экологическую функцию «функцией охраны природы и рационального использования природных ресурсов». Такое определение было предложено им в 1979 году, в то время, когда в теории государства и права и в природоохранном праве (природоресурсное право, право окружающей среды) преобладал дифференцированный подход, предполагающий автономию права защиты окружающей среды и природоресурсного права. Однако понятие «экологическое право» только начало использоваться в науке.

С. Алексеев, соглашаясь с мнением М.И. Байтина, отмечает, что «в современных условиях функция охраны природы и рационального использования природных ресурсов имеет особое значение» [15, с.118].

Ю.Е. Винокурова, высказывая свой взгляд на определение экологической функции государства, отмечает, что достижение целей и задач данной функции государства возможно через регулирование трех групп правоотношений: природопользования, охраны окружающей среды и экологической безопасности [6, с. 5]. Эти правоотношения часто регулируются двумя компонентами экологического права, предмет которых относятся к соответствующим подфункциям экологической функции государства. Такое мнение рассматривается приверженцами комплексного подхода к пониманию экологической функции государства.

Ю.И. Тютекин предлагает определять экологическую функцию государства как «функцию управления по рациональному использованию природы и её охране» [9, с. 58]. Такое описание рассматривает только функцию экологического администрирования (управления), что искажает определение «экологическая функция государства».

Эти взгляды в достаточной мере описывают единство исследователей по соотношению трех категорий: «охрана природы», «природопользование», «экологическая функция».

Заключительной частью является статья 13 Конституции Республики Таджикистан, которая гласит: «Земля, недра, вода, воздух, растительный и животный мир и другие природные ресурсы являются исключительной собственностью государства, и государство гарантирует эффективное их использование в интересах народа» [1]. В толковании указанной статьи использование и охрана определяются как две части экологической функции. Однако

такое единство мнений в большей степени характерно и для современного экологического права. Теория государства и права, в свою очередь, не уделяет достаточного внимания проблемам понятийного аппарата экологической функции государства. Это приводит к тому, что эта функция описана некорректно. Примеры включают слова ученых.

В.М. Корельский: «Функция охраны природы и окружающей среды стала в последнее десятилетие актуальной» [10, с.142]. Автор определяет важнейшую функцию государства и не учитывает долю «природных ресурсов». Эта деятельность государства в этой сфере осуществляется только для защиты природы (окружающей среды), что в соответствии с целью оправдывает обширное авторское разъяснение проблем и дискуссий этой работы, выходящей за рамки теории государства и права, т.е. экологического права.

В.Н. Дмитрук: «Экологическая функция - это разновидность внутренней функции государства по обеспечению правового режима природопользования» [10, с.142].

Хотя В.М.Корельский исключил из экологической функции «природоресурсный» блок и, следовательно, сводит деятельность государства в указанной сфере только к охране природы (окружающей среды), В.Н. Дмитрук, наоборот, - «природоохранный», что является следствием отсутствия в теории государства и права единой позиции по данной проблеме.

В.М. Сырых рассматривает «экологическую функцию» как «относительно новое направление в деятельности государства, потребность в котором возникла из-за негативных воздействий для природы вследствие экономической деятельности» [18, с.33]. В рамках теории государства и права было проведено несколько независимых исследований, предлагающих следующие подходы к описанию изучаемой категории.

Б.А. Мухаммеджанов считает, что экологическая функция - это «объективно необходимое, целенаправленное, юридически обоснованное направление государственной деятельности в области экологии для обеспечения экологической безопасности общества» [13, с.13]. С этой точкой зрения невозможно согласиться, поскольку предлагаемое описание основано на содержании и значимости подхода к феномену «экологическая» и «экологическая безопасность», что является основой методологического обоснования такого подхода.

Таким образом, при сравнении знаний, полученных как из экологического права, так и из теории государства и права, экологическая функция рассматривается как конституционное направление государственной деятельности по охране, рациональному использованию, восстановлению и реабилитации природной среды, без которой современное государство не может существовать.

На основании изложенных выше соображений можно сделать следующие выводы:

- экологическая функция государства является одним из приоритетных направлений деятельности государства по охране, использованию и восстановлению природных ресурсов, которое осуществляется на основе действующего законодательства и определенных принципов;
- она связана с разработкой государственного регулирования охраны окружающей среды и использования природных ресурсов с учетом различных форм их развития и четкого определения полномочий и ответственности между органами государственной власти и органами местного самоуправления в области контроля за использованием ресурсов и состоянием окружающей среды;
- на современном этапе развития общества, в период экономических реформ и бурного роста промышленности, произошло резкое ухудшение качества окружающей среды, что вынудило многие страны, в том числе Республику Таджикистан, принять необходимые меры по решению экологических проблем;

- в настоящее время основой существования экологической функции государства, помимо других его функций, является обеспечение защиты природных ресурсов, их рациональное использование, экологическая безопасность и защита экологических прав граждан. В этой связи можно сказать, что экологическая функция занимает одно из важнейших мест в системе функций государства, а экологическая политика должна быть приоритетным направлением его деятельности.

**_Список использованной литературы:_**


1. *Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. С изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года (на тадж. яз.) / Электронный ресурс: Режим доступа: URL: http://www.president.tj/ru. (Дата обращения: 23.11.2020).*
2. *Ерофеев Б.В. Экологическое право России. - М.: МЦУПЛ, 1999. – 647 с.*
3. *Бринчук М.М. Экологическое право (право окружающей среды): учебник для вузов. - М.: Юристъ, 1998. – 688 с.*
4. *Бринчук М.М. О понятийном аппарате экологического права // Государство и право. - 1998. - №9. С.23-27.*
5. *Васильева М.И. Предмет и система экологического права // Вестник МГУ. Серия «Право». - 1996. - №1. - С.13-24.*
6. *Винокурова Ю.Е. Экологическое право Российской Федерации: курс лекций. - М.: МНЭПУ, 1997. – 456 с.*
7. *Ежов Ю.А. Теоретические проблемы формирования законодательства об окружающей среде // Экологическое право. - 2001. - №1. С.14-26.*
8. *Колбасов О.С. Терминологические блуждания в экологии //Государство и право. - 1999. - №10. - С.27-37.*
9. *Колбасов О.С. Экология: политика, право. — М.: Наука, 1976. - 230 с.*
10. *Корельский В.М. Общая теория социалистического государства. — Свердловск: Свердловский юридический институт, 1970. – 388 с.*
11. *Кузнецова Н.В. Экологическое право: учебное пособие. - М.: Юриспруденция, 2000. - 168 с.*
12. *Миц Д.С. Антитеррористическая функция Российского государства: понятие и основные признаки// Вестник РУДН. Серия: Юридические науки.2019. Т.23. №1. С.27 - 47.*
13. *Мухамеджанов Б.А. Экологическая функция Советского государства: автореф. ... дис. канд. юрид. наук. - Алма-Ата, 1990. - 296 с.*
14. *Навасардова Э.С. К вопросу о комплексной отрасли права: Материалы 46 научно-методической конференции «XXI век - век образования». /Под.ред. В.А.Шаповалова.- Ставрополь. Изд-во СГУ, 2001. - С.173-185.*
15. *Проблемы теории государства и права. / Под ред. Алексеева С.С. - М.: Юрлит, 1987. - 432 с.*
16. *Рахилин В.К., Благосклонов К.Н. Охрана природы и экология: термины и сущность // Философские науки.2000. №1. С.139-148.*
17. *.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ.-Душанбе, 2008. - 566 с. (с. 238.)*
18. *Сырых В.М. Теория государства и права. - М.: Былина, 1998. - 704 с.*
19. *Теория государства и права: учебник/Под ред. А.М. Васильева. 2-е изд.-М.: Юрид. лит., 1983.- 416 с.*
20. *Тимошенко А.С. О понятии и содержании права окружающей среды // Вестник МГУ. Серия «Право».-1987.-№5. С.47-48.*

**_Reference Literature:_**

1. *Constitution of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994. With alterations and addenda from September 26, 1999, June 22, 2003, and May 22, 2016. (in Tajik). Electronic resource: access Mode: URL: http://www.president.tj/ru. (Date of request: 11/23/2020).*
2. *B. V. Yerofeev. Environmental Law of Russia. - M.: Moscow Central Managerial Office for Nature Legislation, 1999. - 647 pp.*
3. *Brinchuk M. M. Environmental Law: Manual for higher educational institutions. - M.: Jurist, 1998. - 688 pp.*
4. *Brinchuk M. M. On Conceptual Apparatus of Environmental Law. // State and Law. - 1998. - №. 9. - pp. 23 - 27.*
5. *Vassilyeva M. I. Subject and System of Environmental Law.// MSU Bulletin. Series of Law. - 1996. - №. 1. - P. 13-24..*
6. *Vinokurova Yu.Ye. Environmental Law of Russian Federation: a course of lectures. - M.: Moscow New Managerial Office for Ecology and Nature, 1997. - 456 pp.*
7. *Ezhov Ye.A. Theoretical Problems of Formation of Legislation on Environment. // Environmental Law. - 2001. -№ 1. - P. 14-26.*
8. *Kolbasov O. S. Terminological Wanderings in Ecology.// State and Law. -1999. № 10., - P. 27-37.*
9. *Kolbasov O. S. Ecology: Politics, Law. - M.: Science, 1976. - 230 pp.*
10. *Korelsky V. M. General Theory of Socialist State. - Sverdlovsk.: Sverdlovsk Law Institute, 1970. - 388 pp.*
11. *Kuznetsova N.V. Environmental Law. Textbook-M.: Jurisprudence, 2000. - 168 pp*
12. *Mits D.S. Antiterroristic Function of Russian State: Concept and Main Features// Bulletin of Russian University of People`s Friendship. Series: Juridical Sciences, 2019, Vol. 23, №. 1. – pp. 22 – 47.*
13. *Mukhamedzhanov B. A. Ecological Function of the Soviet State. Synopsis of candidate dissertation in jurisprudence. - Alma-Ata, 1990. - 296 pp.*
14. *Navasardova E. S. On the Issue of Complex Branch of Law: Materials of the 46th Scientifico-Methodological Conference “The XXI-st Century as that one of Education”. / Under the editorship of V.A. Shapovalov. - Stavropol. SSU publishing house, 2001, - pp. 173-185.*
15. *Problems of the Theory of State and Law. / Under the editorship of Alekseeva S. S. - M.: Yurlit, 1987. - 432 pp.*
16. *Rakhilin V. K., Blagosklonov K. N. Nature Protection and Ecology: Terms and Essence. // Philosophical Sciences-2000. - #. 1. - P. 139-148.*
17. *Sotivoldiev R. Sh. General Theory of Law and State. - Dushanbe, 2008. - 566 p. (p. 238.)*
18. *Syrykh V.M. Theory of State and Law. - M.: Bilina, 1998 -704 pp.*
19. *Theory of State and Law: Textbook/Edited by A. M. Vassilyeva. – The 2-nd edition. - Moscow: Yurlet., 1983. – 416 pp.(p.58)*
20. *Timoshenko A. S. On the Concept and Content of Environmental Law.// MSU Bulletin. Series “Law”. -1987. - №5. - pp. 47-48.*

***УДК 340***
***ББК 67.01***

***ПРОБЛЕМАҲОИ ИЛМИИ МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ***

***Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ;* ***Расулзода Нигора,*** *магистранти бахши 2-юми ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НАУЧНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПОНЯТИЯ И СУЩНОСТИ ПРАВА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ***

***Шокиров Гайбулло Абдуллоевич,*** *канд.юрид.наук, доцент каф. теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП;* ***Расулзода Нигора,*** *магистрант 2 курса ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SCIENTIFIC PROBLEMS OF CONCEPT AND ESSENCE OF LAW: THEORITICAL ASPECTS***

***Shokirov Gaybullo Abdulloevich,*** *candidate of economical sciences, Associate Professor of the department of theory and history of state and law under the faculty of jurisprudence attached to TSU LBP;* ***Rasulzoda Nigora,*** *2-nd year holder of master`s degree of TSULBP, (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *shga1959@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқӣ, моҳияти ҳуқуқӣ, адолат, ахлоқ, одат*

*Мафҳум, моҳият, таъриф ва шарҳдиҳии ҳуқуқ, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муносибатҳои гуногун нисбати фаҳмиши моҳияти ҳуқуқ, ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба масъалаи таносуби ҳуқуқ бо дигар танзимкунандагони иҷтимоӣ чун ахлоқ, одат, анъана ва меъёрҳои динӣ диққати алоҳида дода шудааст. Мафҳуми меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ, ки бояд ба талаботи ҳуқуқи фитрӣ ҷавобгӯй бошад, таҳлил карда шудааст. Фарқи байни ҳуқуқ ва ахлоқ махсус баррасӣ карда шуда, умумияти ҳуқуқ ва ахлоқ, ҳамкории мутақобилаи онҳо муайян карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *право, нормы права, сущность права, справедливость, мораль, адат (обычное право)*

*Исследованы понятие, сущность, определение и трактовка права, которое является регулятором общественных отношений. Проанализированы различные подходы к пониманию сущности права, существующие в юридической науке. Также отдельное внимание уделяется проблемам соотношения права с другими социальными регуляторами, такими как мораль, адат (обычное право), традиции и религиозные нормы. Особо рассматриваются различные определения права и морали, выявляются единство права и морали, а также их различие и взаимодействие друг с другом.*

***Key-words:*** *law, law norms, justice, morality, adats, essence of law*

*The article dwells on concept, essence, definition and treatment of law being a regulator of social relations. The authors have analyzes various approaches to a comprehension of the essence of law existing in juridical science. Special attention is also paid to the problems of correlation of law with other social regulators, such as morality, adats, traditions and religious norms. Special consideration is aimed at different definitions of law and morality, unity between law and morality, their difference and interaction with each other are elicited.*

Дар ҳар як давраи таърихӣ инсон талаботи худро (фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо дигар одамон) қонеъ намуда, аз ягон воситаи танзимкунии иҷтимоӣ истифода мебарад. Проблемаи илмии мазкур тӯли чанд садсолаҳо дар маркази таваҷҷӯҳи муҳаққиқон қарор дорад. Ва ҳатто дар замони муосир низ муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи воситаҳои иҷтимоӣ ба танзим дароварда мешаванд. Тавре дар адабиёти илмӣ омадааст, дар ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ «тибқи теъдоди зиёди меъёрҳои иҷтимоӣ, аз қабили ахлоқӣ, динӣ, корпоративӣ, ҳуқуқӣ, одат ва анъанаҳо амалӣ гардонида мешавад ва ... дар низоми танзимкунандагони иҷтимоӣ – ҳуқуқ мақоми хеле муҳимро ишғол менамояд» [8, с. 46].

Муаллифи дигар таъкид мекунад, ки низоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳо ва қоидаҳои гуногунро дорост, ки одамон дар ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи худ онҳоро ба инобат мегиранд. Ба ақидаи ин муаллиф низ, дар байни меъёрҳои иҷтимоии гунногуннамуд меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одат, анъана, меъёрҳои корпоративӣ ва ғайраро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар байни ин танзимкунандагони иҷтимоӣ, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ ва ахлоқ мақоми хоса дода мешавад [4, с. 9].

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем нуқтаи назари олимонро дар бораи мафҳум, моҳият, таъриф, шарҳдиҳу идроки ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор дода, мавқеи хешро муқаррар намоем.

Дар назарияи ҳуқуқ, падидаи мазкур яке аз масъалаҳои асосии илмӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар, муайян намудани мафҳуми дурусти ҳуқуқ, яке аз омилҳои хеле муҳимми пешрафти илм вобаста ба омӯхтани падидаи мазкур мебошад. Шарҳи мафҳуми ҳуқуқ аҳамияти на танҳо назариявӣ, ҳамчунин амалӣ низ дорад.

Ҳуқуқ дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъияти инсонӣ пайдо шуда таърихи тӯлонӣ дорад. Зарурати онро худи ҳаёти ҷомеа, маҷудияти инсон тақозо намудааст. Барои пайдоиши ҳама гуна ҳодисаи ҷамъиятӣ ё табиӣ шароиту таҳкурсии муайян зарур аст. Ҳуқуқ низ дорои қонуниятҳои муайян аст, ки онҳоро муҳити ҷуғрофӣ, шароити таърихӣ, сабабҳои пайдоиши давлат ва зарурати иҷтимоии он муайян месозад.

Бино ба таъкиди Е.З. Бекбаев, дар илми ҳуқуқшиносӣ то имрӯз бештар аз сад таърифи ҳуқуқ мавҷуд мебошад, ки имкон медиҳад ҳуқуқро аз дигар предметҳои таҳқиқоти илмии ба он монанд ҷудо намоем. Ҳарчанд муаллифони таърифҳои мазкур метавонанд чунин пиндоранд, ки гӯё аломатҳои аз ҳама муҳимтарини ҳуқуқро муайян кардаанд, худи факти бо як таърифи мӯҷаз воқеияти иҷронашудани хоҳиш ва аз ҷониби умум эътироф гардида баён нашудани моҳияти ҳуқуқ шоҳиди он аст, ки онҳо то ҳол маҳз аломатҳои фарқкунандаи ҳуқуқро чун предмети махсуси тадқиқи илмӣ сабт мекунанд [3, с. 41].

Ҳуқуқ дар ҷомеаи тодавлатии инсониятпайдо шудааст. Тавре маълум аст, асоси ташкили иҷтимоии ҳаёти одамони ҷамъияти тодавлатӣ ҷамоаи оилавӣ буд. Ҳокимият бошад, характери иҷтимоӣ дошт. Институти асосии ҳокимияти пешвоёни ҷамоаи оилавӣ – Шӯрои куҳансолон буд. Принсипи асосии фаъолияти шӯро интихобшавандагӣ ва ивазшавии мунтазам ҳисоб мешуд, шакли ҳокимият бошад, потестарӣ (аз калимаи лот. - «potestus» ҳокимият ё қудрат) буда, ба обрӯву нуфузи пешво ва имконияти истифодаи маҷбурсозӣ асос меёфт. Чунин ташкили ҳаёти иҷтимоии ҷамъияти тодавлатӣ фаъолияти мӯътадили «хоҷагии азхудкунанда»-ро таъмин мекард.

Ҳуқуқ ба монанди давлат маҳсули тараққиёти ҷамъият аст. Дар ҷомеаи инсонӣ ҳуқуқ чун танзимкунандаи асосии меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд. Бо мурури вақт расму оин, меъёрҳои ахлоқию динии ҷамъияти ибтидоӣ мавқеи худро ба танзими ҳуқуқӣ медиҳанд. Ақидаву андешаҳо дар бораи ҳуқуқ, пайдоиш, мавқеъ ва моҳияти он дар низоми танзими меъёрӣ бо инкишофи худи ҷомеа, такмил ёфтани афкори илмии ҳуқуқӣ,

таҳти таъсири омилҳои гуногуни айнӣ ва зеҳнӣ дигаргун мешаванд.

Тавре Р.Ш. Сотиволдиев таъкид менамояд, истилои ҳуқуқ ба ду маънӣ истифода мешавад: 1) умумиичтимоӣ; 2) ҳуқуқӣ. Аз нигоҳи муҳаққиқ, агар дар зери мафҳуми «умумиичтимоӣ»-и ҳуқуқ, озодии рафтори инсон аз нигоҳи ахлоқ, одат, қоидаҳои рафтори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, талаботи ичтимоии ҷамъият, мафҳумҳои ҳуқуқи ахлоқии (маънавии) ҷамъият, ҳуқуқи аъзои ҳизби сиёсӣ, ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунӣ ва ғайра фаҳмида шавад, пас дар зери мафҳуми «ҳуқуқӣ» ҳуқуқу озодии рафтори инсон аз нигоҳи қонун дар назар дошта мешавад, дар ин маврид ҳуқуқ дар шакли ҳуқуқи позитивӣ ҷой дорад ва онро давлат бо назардошти ҳуқуқҳои фитрии инсон муқаррар менамояд [10, с. 90].

Лозим ба таъкид аст, ки баҳсҳо оид ба моҳияти ҳуқуқ бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Дар бораи моҳияти ҳуқуқ натанҳо ҳуқуқшиносон, ҳамчунин файласуфон ва сиёсатшиносон низ ибрози ақида менамоянд ва дар натиҷа вобаста ба падидаи мазкур ғояҳои илмии гуногун ва назарияҳо нав пешниҳод мегарданд. Масъалаи фаҳмиши моҳияти ҳуқуқ дар назарияи ҳуқуқ яке аз масъалаҳои асоситарин ба ҳисоб меравад. Чи тавре зикр гардид, дар илми назариявӣ-ҳуқуқӣ, новобаста аз муносибатҳои гуногун ба ин падидаи илмӣ ва ё таълимот оид ба худи ҳуқуқ ва ё оид ба навъҳои фаҳмиши ҳуқуқӣ, таърифи ягонаи мафҳуми «моҳияти ҳуқуқ» таҳия нашудааст. Дар сарчашмаи илмӣ таъкид шудааст, моҳияти ҳуқуқ чун мушаххасаи сифатии он, аз нуқтаи назари муносибатҳои анъанавӣ (равияҳои юснатуралистӣ, позитивӣ, сотсиологӣ) ва ғайрианъанавӣ (равияи интегративӣ) ба фаҳмиши ҳуқуқ баррасӣ гардидааст. Ғайр аз ин хусусияти серпаҳлӯии табиати ҳуқуқ натанҳо ба воситаи мушаххасоти моҳиятии ин мафҳум, балки тавассути алоқамандии зиччи ҳуқуқ ва ахлоқ низ зоҳир мегардад [9, с. 40].

Дар воқеъ инсон дар ҷомеа зиндагӣ мекунад ва талаботи меъёрҳо ва қоидаҳои гуногунро иҷро менамояд. Тавре маълум аст, чунин меъёрҳо ва қоидаҳо умуман, дар меъёрҳои ичтимоии гуногун, аз қабили меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одатӣ, корпоративӣ ва ғайра инъикос меёбанд. Дар адабиёти илмӣ омадааст, ки дар низоми танзими ичтимоии ҷомеа ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мақоми хоса дода мешавад. Истинодан ба ақидаҳои Т.Ю. Шидловская, В.С. Бялт таъкид менамояд, ки ҳуқуқ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими танзими ҷамъиятӣ ворид гардидааст. Ҳамчунин ба ақидаи муаллиф, дар навбати худ ахлоқ низ ба муносибатҳои гуногуни байни одамон ворид шуда, дар бештари меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст [4, с. 9].

Ҳамин тавр, вобаста ба он, ки ҳуқуқ мафҳуми хеле мураккаб дар ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад ва оид ба мафҳум, моҳият, таърифот, шарҳдиҳӣ ва дарккунии ҳуқуқ дар таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун, назария ва равияҳои мухталиф ба назар мерасанд. Раванди мазкур то ҳол дар илми назарияи ҳуқуқ идома дошта, маърифати ҳуқуқ ҷузъи мафҳуми ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба мафҳуми мазкур ақидаи чанде аз мутахассисони соҳаро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

М.Н. Марченко таъкид мекунад, ки проблемаи таърифи мафҳуми ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ ва ватанӣ аз рӯи анъана ба проблемаи хело муҳим тааллуқ дошт ва дорад. Ба ақидаи муаллиф, алҳол дар адабиёти илмии хориҷӣ ва ватанӣ таърифҳои гуногуни ҳуқуқ таҳия шудаанд ва ҳамаи онҳо воқеияти ҳуқуқии мавҷударо то ин ё он дараҷа адекватӣ инъикос менамоянд. Вале мушкилии коркарди мафҳуми устувор ва гузашта аз ин «аз ҷониби умум пазируфта», ки ҳамаи паҳлӯҳои ҳастии ҳуқуқиро дар бар мегирифта бошад, пеш аз ҳама дар мураккабӣ, серзинагӣ ва мутаҳаррикии сохти материяи ҳуқуқӣ дар замон (давраҳои гуногуни таърихӣ) ва фазо (мамлакатҳои гуногун ва

маданияти ҳуқуқӣ) инъикос меёбад [6, с. 319-320].

Аз нигоҳи П.П. Баранов бошад, мафҳуми ҳуқуқ чун категорияи асосии илми ҳуқуқшиносӣ, аз рӯи анъана дар маъниҳои гуногун истифода мешавад. Ба ақидаи муаллиф, зери мафҳуми ҳуқуқ, ҳам иддаои иҷтимоии одамон (ҳуқуқҳои субъективӣ, ки чанбаҳои манфии озодиро тавсиф мекунанд, ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирӣ, ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунӣ ва ғайра) ва имкониятҳои расман эътирофшавандаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ (ҳуқуқҳои субъективӣ, ки ҷанбаи позитивии озодиро тавсиф мекунанд ва ҳуқуқҳои мансуб ба «насли дуюм» – ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ ва ғайраҳо) ва низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқ дар маънии объективӣ) – «ҳуқуқи миллӣ», «ҳуқуқи россиягӣ», «ҳуқуқи конститутсионӣ», «ҳуқуқи байналмилалӣ» ва ғайраҳо ва ниҳоят, ҳуқуқ дар маънии аз ҳама васеъ – ҳуқуқ чун низоми мутлақан ҳамаи ҳодисоти ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад [2, с. 116].

Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев бошад, фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби субъектҳои гуногун, бо истифодаи усулҳои мухталиф сурат гирифта, худ дарки ҳуқуқ ҷузъи фаҳмиши ҳуқуқ мебошад. Дар ҳамин замина, муҳаққиқ мафҳуми падидаи мазкурро ба тариқи зайл пешниҳод менамояд: фаҳмиши ҳуқуқ – фаъолияти зеҳнии инсон мебошад, ки дар натиҷаи он тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, назарияҳо оид ба мафҳум, моҳият ва таъйиноти ҳуқуқ муайян ва пешбарӣ мешавад [11, с. 352].

Аз нигоҳи А.Б. Венгеров бошад, таъиноти асосии ҳуқуқ дар он аст, ки вай бояд танзимкунандаи пуркудрати иҷтимоӣ-меъёрӣ, муайянкунандаи рафтори эҳтимолӣ ва ҳатмии фардҳо ва ташкилаҳои дастҷамъонаи онҳо бошад. Муаллиф таъкид менамояд ҳатмияти ҳуқуқ бархилофи дигар танзимкунандаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки вай бо имкониятҳои маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешавад, меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҳамаи ашхосе, ки ба онҳо мансубанд, қоидаи меъёри рафтори умумиҳатмӣ мегардад [5, с. 363].

Бо мақсади муайян кардани моҳияти ҳуқуқ, мавқеи мактабҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла мактаби ҳуқуқии меъёргароӣ, мактаби ҳуқуқии фитрӣ, мактаби ҳуқуқии таърихӣ, мактаби ҳуқуқии психологӣ, мактаби ҳуқуқии сотсиологӣ ва мактаби ҳуқуқии марксистиро оид ба мафҳуми ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор дода, М.М. Рассолов таъкид менамояд, ки аз сабаби яке аз категорияҳои илмии хеле мураккаб, нозук ва серпаҳлӯ буданаш, вай дар байни олимони ҳуқуқшинос ва кормандони амалӣ баҳсҳоро ба миён меовард. Ба ақидаи ӯ, худи мафҳуми ҳуқуқ аз ҷониби одамон дар фаҳмишҳои гуногун истифода мешуд ва мешавад: чун низоми меъёрҳо, ки на танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд, балки ҳамчунин дар меъёрҳои одатӣ, ахлоқӣ низ ҷой дода шуда, чун мелоки иҷозатдиҳӣ, ҳудуди рафтор, чун ҳуқуқ ба ягон чиз баромад менамояд. Муаллиф таъкид менамояд, ки маънии ҳуқуқ ҳамчунин бо мафҳумҳои «адолат», «дурустӣ», «ростӣ», «ҳақиқат» алоқаманд карда мешуд [7, с. 270-282].

Н.В. Хропанюк бошад, аломатҳо ва таърифотҳои ҳуқуқро таҳқиқ намуда, ишора ба он менамояд, ки ҳуқуқ чун давлатривоҷёбии ҷомеа буда, ба тариқи қонунӣ вай дар ҷомеаи давлатӣ-ташкилотӣ чун танзимгари меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо мешавад. Дар идомаи фикррониии худ муаллиф таъкид менамояд, ки одатҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва динии ҷомеаи ибтидоӣ ба мадди дуюм гузашта, ҷои худро ба танзимкунии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ медиҳанд. Ин муҳаққиқ низ қайд мекунад, ки ақидаҳо нисбат ба мафҳуми ҳуқуқ, пайдошавӣ, ҷой ва мақоми он дар танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар рафти инкишофи худи ҷомеа, пешравии ақидаҳои ҳуқуқии илмӣ, таҳти таъсири омилҳои объективӣ ва субъективии гуногун тағйир меёбанд. Дар ҷамъбасти ақидаи худ муҳаққиқ таъкид менамояд, ки новобаста аз чунин ихтилофҳо ва тасаввуроти

гуногуни илмӣ оид ба ҳуқуқ, ҳамаи назарияҳои мазкур як қатор умумиятҳо доранд:

- ҳуқуқ ҳодисаи иҷтимоӣ буда, бе вай ҷомеаи мутамаддин вуҷуд дошта наметавонад;
- ҳуқуқ дар шакли меъёрӣ бояд талаботи адолати умуминсониро инъикос кунад, дар кулл ба манфиатҳои ҷомеа хизмат намояд, вай бояд на манфиатҳои синфҳои алоҳида ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ, балки манфиатҳои фардӣ ва талаботи шахсро чун асоси ибтидоии ҷомеа ба инобат гирад;
- ҳуқуқи моликияти хусусӣ асоси ҳамаи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад;
- ҳуқуқ меъёри рафтор буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва ҳифз карда мешавад [12, с. 169].

Дар таҳлили дигар омадааст, ки дар раванди баррасии моҳияти ҳуқуқ бояд ду ҷанба ба инобат гирифта шавад:

1. хуқуқ пеш аз ҳама танзимкунанда ба ҳисоб меравад;
2. танзимкунандаи мазкур ба манфиатҳои кӣ хизмат менамояд.

Аз ин лиҳоз, махсусияти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар он аст, ки онҳо на барои истифодаи якмаротиба, балки истифодаи муқаррар пешбинӣ мегардад. Ҳамчунин на меъёрҳои алоҳида ва на умуман худи ҳуқуқ абстрактӣ нест. Аз як тараф, агар ҳуқуқ пеш аз ҳама ирода ва манфиатҳои синфҳо ва гурӯҳҳои дар сари ҳокимият бударо баён ва мустаҳкам намояд, вай ҳамчунин бояд манфиатҳои ҷомеаро низ ҳифз намояд. Ҳамчунин ба ақидаи муаллифон, ҳуқуқ маҳсул ва натиҷаи ривоҷёбии табиии ҷамъият буда, як ҷузъи маданияти тамоми инсоният ба ҳисоб меравад [1, с. 78].

Вобаста ба муқаррар намудани таърифоти ҳуқуқ хулосаҳои пешниҳод намудаи В.Н. Хропанюк диққатҷалбкунанда мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили ақидаҳои Иммануэл Кант, Генрих Гегел, мактаби назарияи фитрии хуқуқ, мактаби таърихии ҳуқуқ, мактаби сотсиологии ҳуқуқ, мактаби меъёргароии ҳуқуқ, мактаби психологии ҳуқуқ ва мактаби материалистии ҳуқуқ оиди ба ҳуқуқ ва таърифоти он, хулосаҳои хешро ибroз менамояд. Аз нигоҳи муҳаққиқ, ҳуқуқ бар хилофи дигар танзимкунандагони меъёрии ғайриҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ (ахлоқӣ, одатӣ, анъанавӣ ва динӣ дар назар аст) бо нишонаҳои зерини шаклии худ фарқ менамояд:

- якум, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир аз ҷониби давлат дар санадҳои расмӣ муқаррар карда мешаванд;
- дуюм, меъёрҳои хуқуқӣ дар ҳолатҳои зарурӣ бо қувваи маҷбуркунии дастгоҳи давлатӣ муҳофизат карда мешаванд;
- ҳуқуқ низоми ягонаи меъёрҳоро пешниҳод менамояд, ки барои тамоми аҳолии дар марзи давлати муайян зисткунанда ҳатмӣ мебошад;
- ҳуқуқ дар худ ҳамоҳангии иродаи умумӣ ва фардии шаҳрвандони давлатро дар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо баён менамояд.

Ҳамчунин муаллиф таъкид менамояд, ки вобаста ба аломатҳои мазкур ҳуқуқ чун танзимкунандаи давлатии муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, ривоҷёбии озодонаи шахс, муташаккилӣ ва тартиботро дар ҷомеа таъмин менамояд. В.Н. Хропанюк, таърифи зайли муаллифиро пешниҳод кардааст: ҳуқуқ – низоми умумиҳатмии қоидаҳои рафтор буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва ҳифз карда шуда, манфиатҳои умумӣ ва фардии аҳолии мамлакатро ифода намуда, чун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд [12, с. 170-181].

Оиди муқаррар намудани таърифоти ҳуқуқ мулоҳизаҳои Р.Ш. Сотиволдиев них хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Аз ин лиҳоз мо низ ҳамфикрии худро ба ақидаҳои ӯ баён менамоем. Ӯ низ, мисли В.Н. Хропанюк, назарияҳои гуногуни мактабҳои (назарияи фитрӣ-ҳуқуқӣ, назарияи позитивӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносии сотсиологӣ, назарияҳои дигари ҳуқуқӣ)

ҳуқуқиро мавриди таҳқиқ қарор дода, таърифи муаллифии хешро пешниҳод менамояд: ҳуқуқ – низоми муқарраротҳи меъёрии умумиҳатмӣ мебошад, ки адолат, озодӣ, ҳуқуқҳои инсон ва арзишҳои дигари ҳуқуқиро инъикос намуда, шаклҳои расмии ифода дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро бо мақсади таъмини муташаккилӣ, тартибот ва рушди ҷомеа танзим мекунад. Дар идомаи таҳлилҳои худ Р.Ш. Сотиволдиев низ чанде аз аломатҳои ҳуқуқро баён менамояд, ки баёнгари ҳамфикрии ӯ бо В.Н. Хропанюк мебошанд [11, с. 354-372].

Таҳлили таърифҳои мазкур собит месозад, ки бо вуҷуди ихтилофот ва гуногунии тасаввуроти илмӣ дар бораи ҳуқуқ, ҳамаи онҳо як қатор хулосаҳои умумӣ доранд: ҳуқуқ зуҳуроти иҷтимоӣ буда, мавҷудияти ҷамъияти мутамаддин бидуни он имконнопазир аст; ҳуқуқ дар шакли меъёрӣ бояд эҳтиёҷоти адолати умумибашариро ифода кунад, на ба манфиати синфҳои алоҳидаи ҷамъият ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ, балки ба манфиати умумии ҷамъият хизмат кунад, манфиатҳои фардӣ ва эҳтиёҷоти шахсиятро чун заминаи асосии ҷамъият ба ҳисоб гирад; ҳуқуқ мелоки рафтори муайянест, ки давлат муқаррар ва муҳофизат мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ низоми меъёрҳои (қоидаҳои) умумиҳатмии рафтору кирдори шаклан ифодаёфта, ки аз ҷониби давлат муқаррар, тасдиқ ва муҳофизат шудаест, ки манфиатҳои умумӣ ва алоҳидаи аҳолии мамлакатро ифода намуда, ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ баромад менамояд. Мо низ бар онем, ки дар ҳақиқат ҳуқуқ чун категорияи илмӣ дар назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи ҳуқуқ аломатҳои худро дорад ва онҳо ҳуқуқро аз дигар воситаҳои иҷтимоии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили ахлоқ, одат, дин ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ фарқ кунонида, дар як вақт мафҳум ва моҳияти онро дар худ ифода мекунанд.

***Пайнавишт:***


1. *Алексеев С.В., Гостев Р.Г. Сущность и значение права и законодательства в сфере физической культуры и спорта // Культура и физическое здоровье. – 2016. – № 4 (59). – С. 77-84.*
2. *Баранов П.П. К вопросу о понятии и сущности права // Северо-Кавказский юридический вестник. – 2013. – № 3. – С. 116-123.*
3. *Бекбаев Е.З. Сущность права // Пробелы в российском законодательстве. – 2014. – № 4. – С. 40-42.*
4. *Бялт В.С. Право и мораль в системе социального регулирования // Ленинградский юридический журнал. – 2015. – № 3 (41). – С. 9-16.*
5. *Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник [для юрид. вузов] / А.Б. Венгеров. 6-е изд., стер. – М.: Омега-Л, 2009. –607 с.*
6. *Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права: учеб. – М.: Проспект, 2008. – 768 с.*
7. *Рассолов М.М. Теория государства и права: учебник для вузов / М.М. Рассолов. – М.: Юрайт, 2010. – 635 с.*
8. *Сенников И.Е. Правовое регулирование и реализация права: проблемы взаимодействия // Проблемы в российском законодательстве. – 2011. – № 5. – С. 46-50.*
9. *Соловьева Л.Л., Павлова Е.В. Сущность права и проблемы правопонимания в воззрениях Н.И. Палиенко // Право и государство: теория и практика. – 2018. – № 11 (167). – С. 40-43.*
10. *Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2008. – 566 с.*
11. *Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.*

12. *Хропанюк В.Н. Теория государства и права: учебник для высших учебных заведений / Под ред. проф. В.Г. Стрекозова. – М.: Интерстиль, Омега-Л, 2008.– 384 с.*

***Reference Literature:***

1. *Alekseev S.V., Gostev R.G. Essence and Significance of Law and Legislation in the Field of Physical Culture and Sports // Culture and Physical Health. – 2016, - No. 4 (59). - pp. 77 - 84.*
2. *Baranov P.P. On the Issue of Concept and Essence of Law // North Caucasian Juridical Bulletin. – 2013, - No. 3. - pp. 116-123.*
3. *Bekbaev Ye.Z. The Essence of Law // Problems in Russian Legislation. - 2014. - No. 4. - pp. 40-42.*
4. *Byalt V.S. Law and Morality in the System of Social Regulation // Leningrad Juridical Journal. – 2015, - No. 3 (41). - pp. 9-16.*
5. *Vengerov A.B. Theory of State and Law: manual [for juridical universities] / A.B. Vengerov. The 6-th edition, stereotyped. - M.: Omega-L, 2009. - 607 pp.*
6. *Marchenko M.N. The Problems of State and Law Theory: manual. - M.: Prospect, 2008. - 768 pp.*
7. *Rassolov M.M. Theory of State and Law: manual for universities / M.M. Rassolov. - M.: Yurayt, 2010. - 635 pp.*
8. *Sennikov I.Ye. Legal Regulation and Implementation of Law: Problems of Interaction // Problems in Russian Legislation. – 2011, - No. 5. - pp. 46-50.*
9. *Solovyova L.L., Pavlova Ye.V. The Essence of Law and the Problems of Law Comprehension according to the Outlook of N.I. Palienko // Law and State: Theory and Practice. – 2018, - No. 11 (167). - pp. 40-43.*
10. *Sotivoldiyev R.Sh. General Theory of State and Law. Manual for law students. - Dushanbe: Imperial-Group, 2008. - 566 pp.*
11. *Sotivoldiyev R.Sh. Theory of State and Law: manual for institutions of higher professional education. - Dushanbe: Sino, 2018. - 784 pp.*
12. *Khropanyuk V.N. Theory of State and Law. Manual for higher educational institutions // Under the editorship of Professor V.G. Strekozov. - M.: Interstyle, Omega-L, 2008. - 384 pp.*

## 12 00 03 ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО
## 12 00 03 CIVIL LAW; ENTREPRENEURSHIP LAW, FAMILY LAW, INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***УДК 341***
***ББК 67.938***

# *МОҲИЯТИ СОЗИШНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ ИСТЕҲСОЛОТИ СУДӢ- ГРАЖДАНӢ*

***Солиев Иброҳимхӯҷа Муродович,***
*н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СУЩНОСТЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ СОГЛАШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ПРАВОВОЙ ПОМОЩИ И ПРАВОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ В СУДЕБНО-ГРАЖДАНСКОМ ПРОИЗВОДСТВЕ*

***Солиев Иброхимхуджа Муродович,***
*канд.юрид.наук, доцент, зав.кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE ESSENCE OF INTERNATIONAL AGREEMENT OF TAJIKISTAN REPUBLIC ON LEGAL ASSISTANCE AND LEGAL RELATIONS IN THE STREAMLINE OF FORENSIC-CIVIL PROCEEDINGS*

***Soliyev Ibrokhimkhudja Murodovich,***
*candidate of juridical sciences, Associate Professor, head of the department of forensic law and prosecutor`s supervision under the faculty of law of TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E – MAIL:.*** *sim.78@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мурофиаи гражданӣ, ёрии ҳуқуқӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома, танзими ҳуқуқӣ, меъёри ҳуқуқи мурофиавӣ*

*Масъалаи моҳияти созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти истеҳсолоти судии гражданӣ баррасӣ шудааст. Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба муаллиф имконият дод, то ба масъалаи эълон шуда рӯ оварда муайян намояд, ки созишномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ – ин шакли ҳамкории ҳуқуқии байналмилалии давлатҳо ба шумор меравад. Муносибатҳои ҳуқуқии кишварҳо маҳз бо воситаи баён гардидани иродаи якдилонаи давлатҳо амалӣ гардонида мешавад. Созишномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи истеҳсолоти судии гражданӣ изҳори иродаи мувофиқгардидаи ду ва зиёда давлатҳо оид ба ҳамкории мақомоти адлия ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба танзими муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, мурофиавии гражданӣ равона гардидааст.*

***Ключевые слова****: гражданский процесс, правовая помощь, сотрудничество Республики Таджикистан, соглашение, правовое регулирование, нормы гражданского процесса*

*Исследуется проблема сущности международных соглашений Республики Таджикистан о правовой помощи и правовых отношениях в сфере гражданского судопроизводства. Анализ юридической литературы дал возможность установить, что междунродные соглашения о правовой помощи и правовым отношениям по гражданским, семейным и уголовным делам – это форма межгосударственного*

*правового сотрудничества. Международные отношения государств реализуются посредством солидарного волеизъявления государств. Международные соглашения Республики Таджикистан о правовой помощи и правовых отношениях в сфере гражданского судопроизводства представляют собой согласованное волеизъявление двух и более государств о сотрудничестве органов юстиции и других органов государства, направленном на регулирование гражданско-процессуальных и семейно-правовых отношений, осложненных иностранным элементом.*

***Key-words:*** *civil procedure, legal assistance, cooperation of Tajikistan Republic, agreement, legal regulation, norms of civil procedures*

*The article dwells on the problem concerned with the essence of international agreements of Tajikistan Republic on legal assistance and legal relations in the field of civil court proceedings. The analysis of juridical literature enabled to establish that international agreements on legal assistance and legal relations on civil, family and criminal affairs are a form of interstate legal cooperation. International relations of the state are realized through solidary command given by the state, international agreements of Tajikistan Republic on legal assistance and legal relations in the realm of civil court proceedings; it is a coordinated will expression of two or more states on cooperation between bodies of justice and organs of state aimed at regulating civil-procedural and family-legal relations complicated with a foreign element.*

Имрӯзҳо дар доираи созмонҳои мухталиф (ИДМ, СММ ва ғ.) кишварҳои ҷаҳон бо мақсадҳои гуногун байни ҳам созишномаҳо оид ба ёрии ҳуқуқиро ба имзо мерасонанд. Чунин амал бо сабаби таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ ва густариш ёфтани ҳамкориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ин кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ гардида, мавзӯи танзимкунии онҳо бошад доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро фаро гирифта истодааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур мақсад гузошта мешавад, то ки ба табиати ҳуқуқии созишнома оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ рӯ оварда, моҳият ва аҳамияти онро дар танзими муносибатҳои мухталиф бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кунем.

Ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ – шарти муҳимми ба амалбарории адалати судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ба ҳисоб рафта, ҳолати мураккабсозандаи ингуна муносибатҳо, дар парвандаи гражданӣ мушоҳида гардидани «унсури хориҷӣ» дониста мешавад. «Унсури хориҷӣ» аз рӯи ҳолатҳои мухталиф (масалан, зарурати гузаронидани чорабиниҳои мурофиавӣ дар давлати хориҷӣ, дар парванда иштирок варзидани даъвогар ва ё ҷавобгар, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошад, ба суд даъват намудани иштирокчиёни парванда аз кишвари хориҷӣ диг.) ба назар мерасад [1, с.95-102.].

Мазмуни ҳуқуқии ибораи «унсури хориҷӣ» маънои қисми сохтори муносибатҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад, ки аз субъект, объект ва мундариҷа иборат мебошад. Бинобар ин вақте, ки сухан дар бораи «унсури хориҷӣ» меравад, дар таркиби субъекти муносибат мушоҳида гардидани шаҳрванди хориҷӣ фаҳмида мешавад, пас аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дуруст аст, ки субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ худ дорои табиати хориҷӣ бошад. “Унсури хориҷӣ” доир ба субъекти муносибати мушаххас дар мазмуни шаҳрвандии шахс, ҷои истикомат ва ҷои ҷойгиршавии вай инъикос меёбад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир се гурӯҳи ҳолатҳо ҷудо карда шудааст, ки унсури хориҷӣ ба муносибатҳои ҳукукӣ вобастагӣ дорад [4, с. 151].

Гурӯҳи якум муносибатҳоест, ки субъект унсури хориҷӣ дорад. Ин ҳолат дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хеле паҳн шудааст ва дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ

ба вуҷуд меояд: дар ҳолати баста шудани аҳдҳо байни шахсони ҳуқуқии кишварҳои гуногун; дар муносибатҳои деликтӣ, яъне байни деликвент (зараррасон) ва ҷабрдида – шахсе, ки ба шаҳрвандии дигар мамлакатро дорад; дар муносибатҳои вобаста ба баста шудани аҳдномаи никоҳӣ, мерос ва дигарҳо қарор доштана бошанд.

Ба гурӯҳи дуюм муносибатҳое дохил мешавад, ки унсури хориҷӣ ҳамчун объект баромад мекунад. Баҳсҳо оид ба муқаррар кардани соҳибият ба амволи хориҷӣ ё ин ки муқаррар кардани ҳуқуқи мерос ба амволе, ки дар ҳудуди дигар давлат ҷойгир аст, аз мисоли чунин муносибатҳо мебошанд. Масалан, агар дар суди Ҷумҳурии Тоҷикистон парванда оид ба қисман беэътибор донистани васиятнома дар бораи эътирофи моликият нисбати истифодабарии хона мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, ҳарчанд меросдиҳанда ва меросгир шаҳрванди як давлат мебошанд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунад, лекин истифодаи манзил аз ҳудуди Тоҷикистон берун аст, пас дар ҳалли ин масъала мушкилии муайян ба вуҷуд меояд ва барои ҳалли дурусти он интихоби низоми ҳуқуқӣ зарур мебошад [6, с.170-176].

Ба гурӯҳи сеюм муносибатҳое дохил мешавад, ки унсури хориҷӣ ба сифати факти юридикӣ баромад мекунад: фавтида эълон шудани шаҳрванд, бедарак ғоибшуда эълон кардани шаҳрванд, муқаррар кардани факти дар қувваҳои мусаллаҳ ҳозир будани шахс, муқаррар кардани муносибати хешу таборӣ ва фактҳои ҳуқуқии дигар.

Мувофиқати ҳолатҳои номбурда ба дараҷаи ёрии ҳуқуқӣ дар вақти муқаррар намудани маҳаки самаранокии истеҳсолоти судӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Ба ақидаи мо, бояду шояд истифода бурдани ёрии ҳуқуқии байналмиллалӣ ба таври бевосита ба имконияти аз ҷониби суд таъмин намудани ҳуқуқи шахсони иштирокчии мурофиа таъсир мерасонад.

Ба ғайр аз соҳаи мурофиаи судии гражданӣ ба амалбарории ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ барои ҳалли баҳсҳои то судӣ низ лозим мебошад. Чун қоида, ин парвандаи меросии дар истеҳсолоти нотариус қарор гирифта ба шумор меравад, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидааст [3, с. 136 - 142].

Ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, аз ҷумла оид ба парвандаҳои гражданӣ ҳанӯз аз давраи ҳуқуқи байналмилалии классикӣ қисми таркибии сиёсати хориҷии давлатӣ дониста мешуд. Баробари ин ҳолати чунин ҳамкорӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо маҷмӯи омилҳои гуногуни зерин вобастагӣ дорад: ҳолати шароити байналмилалӣ, вуҷуд доштани муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо ва дараҷаи инкишофи онҳо, муносибати давлатҳо нисбати ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, вуҷуд доштани механизми дахлдори давлатии ба амали намудани ҳамкории давлатӣ равона гардида ва ғайра.

Инкишофи мӯътадили муносибатҳои байни давлатӣ бе эътирофи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ, корхона ва муассисаҳои хориҷии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият баранда, эътироф ва ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣи дар асоси қонунгузории кишвари худ ба даст оварда, ғайриимкон мебошад.

Ин ҳолат зарурати танзими байналмилалии муносибатҳои байни давлатиро ба миён оварда, асоси инкишофи ҳамкории ҳуқуқии давлатҳо, аз ҷумла дар самти муносибатҳои байни шаҳрвандони кишварҳои алоҳида мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар самти ба танзимдарории муносибатҳо оид ба муомилоти граждании шаҳрвандон бо роҳи бастани созишномаҳои байналмилалии ба принсипи баробарии тарафҳо ва ба назар гирифтани манфиати тарафайн асосёфта меравад.

Дар давраи муосир дар таҷрибаи байналмилалӣ содагардӣ ва мустаҳкамшавии расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ҳамчун тамоюл

ташаккул ёфтааст. Хусусияти инкишофи ҳамкории давлатҳо дар ин самт бо зиёд гардидани ҳаҷми санадҳои байналмилалӣ, инчунин раванди мураккаб гардидани танзими он дар созишномаҳо маънидод карда мешавад.

Раванди мазкур бо туфайли инкишофи ҳамкории давлатҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, инчунин ба туфайли ташаккули технологияҳои муосири муоширатӣ, ки дар натиҷаи он супоришҳои судӣ фавран ба субъекти дахлдори кишвари хориҷӣ расонида мешавад, баромад менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишоф додани муносибатҳои ба тарафайн муфид, ба танзим даровардани муносибатҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳо оид ба муомилоти граждании субъектони гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ бо роҳи бастани созишномаҳои мухталифро пеш гирифтааст. Созишномаҳои басташудаистода дар асоси принсипи баробарии тарафҳо ва ба назар гирифтани манфиати ҳамаи давлатҳои иштирокчии созишнома ба имзо расонида мешаванд. То ин дам Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқиро бо як қатор кишварҳо ба имзо расонидааст.

Аз рӯи ҳаҷми муносибатҳои танзимшаванда ва сохти созишномаҳои басташуда ба ҳамдигар хеле монанд мебошанд. Аз ин рӯ, барои шарҳи умумии созишномаҳо ва дарк намудани мундариҷаи онҳо баррасии мундариҷа ва моҳияти баъзе аз онҳо кофӣ хоҳад буд.

Созишномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ шакли ҳамкории ҳуқуқии байналмилалии давлатҳо ба шумор меравад. Муносибатҳои ҳуқуқии кишварҳо маҳз бо воситаи баён гардидани иродаи давлатҳои иштирокчӣ муқаррар карда мешавад. Барои ҳамин барои муайян намудани табиати ҳуқуқии созмшномаҳо, муқаррар намудани моҳияти иродаи ба он равона гардида нақши асосиро мебозад.

Созишномаҳо доир ба ёрии ҳуқуқӣ иродаи ба мувофиқа оварда шудаи ду ва зиёда мамлакат оид ба ҳамкории мақомоти адлия ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ буда, барои ба танзимдарории муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, мурофиавии граждании байни ин кишварҳо равона гардидааст [5, с.308].

Ҳар як меъёри дар созишнома оварда шуда, аз ҷониби давлатҳои иштирокчии созишнома ҳамчун меъёри хусусияти умумиҳатмӣ дошта эътироф мегардад, ба шарте, ки барои ин розигии ҳамаи тарафҳо баён гардида бошад. Чунин ҳолат созишномаро ба созишномаи дутарафа доир ба ҳамкории байналмилалии давлатҳои иштирокчии он, инчунин барои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии дар зери тартиботи ҳуқуқии ин кишварҳо қарор гирифта ва ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ мубаддал мегардонад.

Ташаккули мафҳуми «ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ» дар илми муосир ба таври мунтазам ба амал омада, инкишофи ин раванд аз як қатор омилҳои объективӣ (масъалаҳои дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ гузошта шаванда, муносибат ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон) ва субъективӣ (ҳолати муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муайяни таърихӣ ва ғайра) вобастагӣ дорад.

Тавре маълум мешавад, *ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ* оид ба парвандаҳои гражданӣ маҷмӯи амалҳои аз ҷониби мақомоти миллии ваколатдор ва шахсони мансабдори як давлат барои расонидани ёрӣ ҳуқуқӣ дар татбиқи адолати судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, инчунин ба ҷо овардани амалҳои тосудии аҳамиятнок бар манфиати мақомот ва шахсони масабдори кишвари дигар, ки ин амал дар асоси меъёрҳои дахлдори санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои марбутаи дохили давлатӣ танзим мегардад, фаҳмидан мумкин аст.

Дар сатҳи дохилидавлатӣ ёрии байналмилалии хуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ҳамчун институти комплексии байнисоҳавӣ арзёбӣ гардида, нисбати он принсипҳои

соҳаҳои дахлдор (ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, гражданӣ, оилавӣ, мерос) истфода мешавад. Бо дар назардошти он, ки ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ аз доираи кишвари алоҳида берун мебарояд, нисбати он бояд принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ гардад.

Сохтори мураккаби ёрии байналмилалии хуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ таърихан ташаккул ёфтааст. Ба доираи ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ як чанд гурӯҳ муносибатҳо ворид мегардад.

Гурӯҳи якуми муносибатҳоро муносибатҳои байналмилалие ташкил медиҳанд, ки дар чунин шакл ба амал меояд:

- давлат бо созмони байналмилалӣ ба муносибат оид ба ҳамроҳшавӣ ба муоҳидаи бисёртарафаи марбут ба расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ ворид мегардад. Масалан, 16 сентябри соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаи нотаи дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикитон Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Чин «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳо гражданӣ ва ҷиноятӣ» - ро ба таври расмӣ эътироф намудааст;

- давлат бо кишвари хориҷӣ дар бораи бастани созишномаи байналмилалии танзимкунанда тартиби ба амалбарории ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва умуман ба амалбарории ёрии ҳуқуқӣ бе бастани созишномаи дахлдор, ба муносибат ворид мегардад. Масалан, таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон далели он аст, ки бо мақсади ҳалли баҳсҳои гражданӣ Вазорати корҳои хориҷӣ бо мақомоти марказии кишвари дахлдор ба мукотиботи дипломатӣ ворид гардида, минбаъд он ҳамчун асоси баста шудани созишномаҳо дар бораи ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ бо ин мамлакат шуд.

- мақомоти ваколатдори давлати дахлдор бо мақсади қабул ва пешниҳод намудани натиҷаҳои ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ба муносибати мутақобила ворид мегардад (масалан: пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ахбори ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои тосудӣ ва дигарҳо вобаста ба шакли ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ) [2];

Дуюмин гурӯҳи муносибатҳо хусусияти дохилидавлатиро доро мебошад. Ба ин гурӯҳ дохил мешавад:

- муносибати мақомоти давлатӣ-ташаббускори ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ (чун анъана муассисаҳои адлияти Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо мақомоти давлатии кишвари дархостнамуда (аксар вақт муносибат хусусияти маъмуриро доро мебошад). Пас, мақомоти дахлдори ташаббускори ба амал оварандаи ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ вазифадор аст, дархости хешро ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

- муассисаи иҷрокунандаи супориш бо субъекте, ки ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ ба манфиати он расонида шуда истодааст, ба муносибат ворид мегардад.

Ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданиро аз рӯи як чанд асос тасниф намудан мумкин аст: Якум, вобаста ба вуҷуд доштан ва ё набудани асоси юридикӣ барои расонидании ёрии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ. Аз рӯи ин асос, ду ҳолати расонидани ёрии хуқуқиро ҷудо намудан мумкин аст. Дар доираи созишномаи байналмилалии басташуда ва ё дар мавриди набудани созишномаи ду ва ё бисёртарафа, вақте, ки давлатҳо байни ҳам бо ӯҳдадориҳои шартномавӣ пайваст нашудаанд. Ҳамин тариқ, дар солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ доир ба масъалаҳои мухталифи ҳамкории байнидавлатӣ зиёда аз бист созишномаҳои байналмилалӣ

ба имзо расонид ва онҳо чун асоси ҳамкории ҳуқуқии давлатҳо баромад менамоянд. 07 октябри соли 2002 давлатҳои аъзои ИДМ муоҳида «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва оилавӣ» дар шаҳри Кишиневи Ҷумҳурии Молдова ба имзо расида буданд [2]; Дуюм, вобаста ба тартиби ба амалбарории муносибат доир ба масъалаҳои расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ. Новобаста аз мавҷудияти асоси ҳуқуқӣ, расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз ба амал баровард мешавад: бо роҳи дипломатӣ; бо воситаи мақомоти марказии адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо роҳи муроҷиати бевоситаи мақомоти суди як мамлакат ба суди кишвари дигар.

Расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ хеле бисёрҷабҳа мебошад. Ҷудо намудан ба гурӯҳҳои таснифотӣ бо бисёр омилҳо маънидод карда мешавад. Вуҷуд доштани истеҳсолоти судии соҳавӣ имконият медиҳад, ки дар бораи расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, сухан ронем. Ҳадафҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ, мақомоти САҲШ ва нотариат мавҷудияти зеринститутҳои расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқиро оид ба парвандаҳои гражданӣ маънидод менамояд.

Расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ дар шаклҳои гуногун ба амалбароварда шуда ба он амалҳои судӣ ва ғайри судии мақомоти мухталиф тааллуқ доштаро фаҳмидан мумкин аст:

1) иҷро намудани супоришҳои алоҳидаи мурофиавӣ (пурсиши тарафҳо, шахсони сеюм, шоҳидон, ба амалбарории ташхис, супоридани ҳуҷҷатҳо, таҳлил ва супоридани далелҳо);

2) даъват намудани иштирокчиёни мурофиа (даъвогар, ҷавобгар, шоҳидон, мутахассисон ва дигарҳо) дар қаламрави кишвари хориҷӣ;

3) пешкаш намудани ахбор доир ба қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инчунин дигар ахбори ҳуқуқӣ (муайян намудани суроға ва дигар маълумот);

4) эътироф ва иҷроиши қарорҳои судӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ, сабтҳои иҷроишӣ;

5) ба иҷро расонидани амалиётҳои назарраси ғайрисудӣ [4, с. 151].

Ба шакли расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ хусусияти яктаркибии мундариҷаи воқеӣ хос буда, он дар амали мақомоти ваколатдор доир ба расонидани ёрӣ ба суд ва дигар мақомоти соҳаи адлияи давлати муроҷиат намуда оиди баррасии парвандаи гражданӣ мушоҳида мегардад.

Шаклҳои расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ ба танзими муносибатҳои алоҳида дар соҳаи расонидани кӯмак барои амалигардии адолати судӣ дар мамлакати алоҳида равона карда мешавад.

Бояд ишора намуд, ки шакли ба амалбарории ёрии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражаданӣ аз рӯи табиати ҳуқуқии худ муносибатҳои мураккаб ва комплексӣ мебошанд. Расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ ба доираи соҳаҳои гуногун (масалан, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии иқтисодӣ), инчунин ба ҳайати низоми гуногуни ҳуқуқӣ – дохили давлатӣ ва байналмилалӣ дохил мешавад. Ба сифати унсури муттаҳидсозандаи ин низомҳо он чиз эътироф мегардад, ки расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар соҳаи дохилидавлатӣ расонидани ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун институти комплексии марбут ба ҳамаи соҳаҳои мурофиавӣ (масалан, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии иқтисодӣ) инчунин ба баъзе соҳаҳои ғайримурофиавӣ (нотариат, бақайдгирии ҳолати шаҳрвандӣ) алоқаманд буда, баҳо дода мешавад.

Ҳамин тариқ, дар охир чунин хулосаҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Ташаккули мафҳуми «ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ» дар илми муосир ба таври мунтазам ба амал омада, инкишофи ин раванд аз як қатор омилҳои объективӣ (масъалаҳои дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ гузошташаванда, муносибат ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон) ва субъективӣ (ҳолати муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муайяни таърихӣ ва ғайра) вобастагӣ дорад.

Аз солҳои 20 асри XX қонунгузории соҳавии Иттифоқи Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла қонунгузории мурофиавии гражданӣ, оилавӣ ва дигар соҳаҳо ташкил ёфта, дар он шаклҳои нахустини ҳамкории давлатҳо доир ба муносибатҳои гражданӣ ва дар қонунгузории никоҳу оилавӣ бошад, тартиби коллизионии танзими муносибатҳо бо унсури хориҷиро муайян намудааст.

2. Агар ба моҳияти созишномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ таваҷҷӯҳ намоем, пас онро чун шакли ҳамкории ҳуқуқии байналмилалии давлатҳо баҳо додан мумкин аст. Муносибатҳои ҳуқуқии кишварҳо маҳз бо воситаи баён гардидани иродаи давлатҳои иштирокчӣ муқаррар карда мешавад. Аз ин рӯ созишномаҳо доир ба ёрии ҳуқуқӣ худ нишондиҳандаи иродаи ба мувофиқа оварда шудаи ду ва зиёда мамлакат оид ба ҳамкории мақомоти адлия ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ фаҳмида шуда, барои ба танзимдарории муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, мурофиавии гражданӣ равона мегардад.

3. Сохтори мураккаби ёрии байналмилалии хуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ таърихан ташаккул ёфтааст. Ба доираи ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ як чанд гурӯҳ муносибатҳо ворид мегардад.

Гурӯҳи якуми муносибатҳоро муносибатҳои байналмилалие ташкил медиҳанд, ки дар чунин шакл ба амал меоянд:

- давлат бо созмони байналмилалӣ ба муносибат оид ба ҳамроҳшавӣ ба муоҳидаи бисёртарафаи ба расонидани ёрии байналмилали ҳуқуқӣ алоқамандӣ дошта, ворид мегардад.

- давлат бо кишвари хориҷӣ ба муносибат бобати бастани созишномаи байналмилалии танзимкунанда тартиби баамалбарории ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва умуман баамалбарории ёрии ҳуқуқӣ бе бастани созишномаи дахлдор ворид мегардад.

- мақомоти ваколатдори давлати дахлдор бо мақсади қабул ва пешниҳод намудани натиҷаҳои ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ба муносибати мутақобила ворид мегардад (масалан: пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ахбороти ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои то судӣ ва дигарҳо вобаста ба шакли ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ).

***Пайнавишт:***

1. *Григорьева О.Г. Международное сотрудничество по гражданским делам в советской правовой доктрине // Проблемы в российском законодательстве.– М., 2016. - № 8. – С.95 – 102.*
2. *Маводҳои бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2018. – www. mfa.tj. (санаи мурочиат: 25 феврали соли 2020).*
3. *Петрова М.М. Тенденции развития правового регулирования в сфере оказания международной правовой помощи по сбору и получению доказательств, находящихся на террирории иностранных государств, по гражданским делам // Бюллетень Министрества юстиции РФ. - 2018. - № 1. – С. 136 – 142.*
4. *Саматов О.Ж. Современная правовая помощь и иные формы правового сотрудничества стран СНГ // Вестник ОГУ. – М., 2006. - № 3. — С. 151-160.*

5. *Шак Х. Международное процессуальное право: учебник / Пер. с нем. Е.В. Гречишникова; под ред. М.М. Богуславского. - М., 2001. – 560 с.*
6. *Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ /Муҳаррири масъул: н.и.ҳ. дотсент Раҷабов М.Н. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 264 с.*

**Reference Literature:**

1. *Grigoryeva O.G. International Collaboration on Civil Affairs in Soviet Legal Doctrine // Problems in Russian Legislation. - M., 2016. No.8. - pp. 95 - 102.*
2. *Materials of Tajikistan Republic Foreign Ministry Affairs Archive for 2015 - 2018. - www. mfa.tj. (Date of request: February 25, 2020).*
3. *Petrova M.M. Tendencies of Legal Regulation Development in the Field of Rendering International Legal Assistance on Collection and Obtaining of Proofs Found on the Territories of Foreign States and Concerned with Civil Affairs // Bulletin of Russian Federation Ministry of Justice. 2018, No. 1. - pp. 136 - 142.*
4. *Samatov O.Zh. Today`s Legal Aid and other Forms of Legal Cooperation between CIS Countries // OSU Bulletin. - M., - 2006, - No. 3. - pp. 151 - 160.*
5. *Shak H. International Procedural Law: manual // Translation from German by Ye.V. Grechishnikov; under the editorship of M.M. Boguslavsky. - M., 2001. - 560 pp.*
